**Н А Ш Р И Ё Т И**

**« А Д И Б »**



**АЛӢ ХУШ**

# ШӮРИШИ УСМОН

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК 84 Тоҷик 7-4

Х-32

Мураттиб *Маҷид Салим*
Муҳаррир *Гурез Сафар*

Х-32 **Алӣ Хуш. Шӯриши Усмон** (қисса ва ҳикояҳо).
– Душанбе, «Адиб», 2008, 128 саҳ.

Дар ин маҷмӯа қиссаву ҳикояҳое гирд оварда шудаанд, ки мӯҳтавои онҳоро рӯзгори пур аз шебу фарози мардуми тоҷик дар замони барқарории собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳад, ки адиби зиндаёд Алӣ Хуш шоҳиди бевоситаи онҳо буд.

ISBN 978-99947-57-83-1

© Нашриёти «Адиб», 2008

# ДАР ПАНОҲИ КИШВАРИ НУР

*Ёде аз нахустин раиси хазинаи адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Алӣ Хуш*

Солҳои 1930-1940 асри гузашта дар таърихи мамлакат давраи хеле вазнину пуртаҳлуқа, замони иғвогариҳои синфӣ, таъқибот, ҷазодиҳии рӯшанфикрон ва зиёиён ба шумор меравад. Дар он солҳо тӯҳмату хусумат ба дараҷае расида буд, ки ҳатто саромадони адабиёти тоҷик, устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутиро низ бо ҳар роҳ мехостанд сиёҳ намоянд.

Ҳамин гуна вазъияти пуртаҳлука ба сари пайравону шогирдони устод Айнӣ низ омада буд, ки рӯзноманигор ва нависанда Алӣ Хуш аз ҷумлаи онҳост. Оид ба рӯзгору эҷоди бойи ин адиби ҷавонмарг, ки бешубҳа яке аз адибони сермаҳсул, муборизи матини солҳои пеш аз ҷанг дар Тоҷикистон маҳсуб меёфт, олими шинохта Соҳиб Табаров дар китоби худ «Ҳаёт, адабиёт, реализм» мақолаи арзишманде таълиф намуда, ба саҳми Алӣ Хуш дар пешрафту тараққиёти адабиёти сотсиалистӣ, бунёдкорӣ, азхудкунии водии Вахш баҳои баланд додааст.

Аз ҷумла ӯ чунин навиштааст: «Аз осори сершумори Алӣ Хуш «Шестопалов» (1934), «Шӯриши Усмон» (1934), «Дар бағали кӯҳҳо» (1935) ва «Ҷавонони далер» (1937) ва баъди фавташ «Дар бағали кӯҳҳо» (1962) ном асару маҷмӯаҳояш аз чоп баромадаанд».

Яке аз муҳаққиқони дигари Алӣ Хуш адабиётшинос, доктори илми филологӣ Абдулҳай Маҳмадаминов дар роҳи барқарор кардани осори парокандаи адиб ва муайян намудани накши Алӣ Хуш дар адабиёти аввали қарни XX заҳмати зиёде кашидааст. Баъдтар бо сайъю талоши А.Маҳмадаминов соли 1988 аз тариқи нашриёти «Ирфон» маҷмӯаи «Адиби мубориз» интишор мегардад, ки пурра ба ҳаёту фаъолияти Алӣ Хуш бахшида шудааст. Дар ин маҷмӯа аз ҷумла омадааст:

«10 маи соли 1934 дар хонаи аксарони сурхи шаҳри Сталинобод съезди якуми нависандагони Тоҷикистон баргузор гардид ва он то 17 май давом кард. Дар съезд 300 нафар вакил иштирок дошт. Раиси комитети ташкилотии Иттифоқи нависандагон С.Носиров маърӯза кард. Дар муҳокимаи маърӯза Алӣ Хуш ду маротиба баромад карда, мулоҳизаҳои қобили таваҷҷӯҳ баён намуд. Алӣ Хуш дар съезд ба ҳайати котибот ва комиссияи тафтишотӣ интихоб мегардад. 19 маи соли 1934 таҳти раёсати Абулқосим Лоҳутӣ пленуми якуми правленияи Иттифоқи нависандагони советии Тоҷикистон баргузор мегадад, ки дар он Алӣ Хуш раиси комиссияи тафтишотӣ интихоб мешавад». Дар ҳақиқат солҳои 30-юм ному фаъолияти Алӣ Хуш дар қатори саромадони адабиёти тоҷик номбар шуда, ӯро дар ҳамаи ҷабҳаи ҳаёт дидан мумкин буд. Вай на танҳо адиби мубориз, балки яке аз ташкилотчиёни шинохтаи ҳизбии ҳамонвақта шумурда мешуд.

Ӯ солҳои дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» фаъолият доштанаш пайваста бо мақолаҳои танқидӣ, проблемавӣ ва очерку лавҳаҳои рӯзмарааш баромад мекард. Ҳамчунин ба шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ сафарҳои эҷодӣ намуда ҷавононро барои кор ба рӯзномаҳои даврӣ ҷалб месохт. Алӣ Хуш дар корҳои тайёрӣ ва гузарондани съезди якуми мухбирони коргару деҳқон, соли 1931 саҳми арзанда гузошта, ба ин муносибат китоби алоҳидаеро аз чоп баровардааст.

Соҳиб Табаров хотироти ҷолиби шоир Абдусалом Деҳотиро дар бораи ҳамкории Алӣ Хуш бо устод Садриддин Айнӣ зикр намуда, қайд кардааст, ки «Алӣ Хуш бо Айнӣ бисёр наздик буд. Вай ҳамроҳи Садриддин Айнӣ кор мекард. Алӣ Хуш бо илтимоси Айнӣ китоби вай «Дохунда»-ро аз рӯи дастхати Айнӣ рӯбардор намуда буд. Чопи аввалаи китоб низ аз рӯи хати Алӣ Хуш ба амал омадааст. Айнӣ вайро бисёр дӯст медошт». Ба ғайр аз ошноӣ бо осори парокандаи адиб, бойгонӣ ва омӯзиши дастхатҳо ман бо яке аз аввалин муҳаққиқони эҷодиёти Алӣ Хуш, инсони хеле ҳалиму бофарҳанг, олим Сайфулло Саидов аз наздик шинос шудам. Маълум шуд, ки С.Саидов ҳанӯз соли 1959 зери роҳбарии адабиётшинос Соҳиб Табаров рисолаи дипломии худро дар мавзӯи «Ҳаёт ва эҷодиёти Алӣ Хуш – Найистонӣ» анҷом додааст. Ӯ солҳои 50-ум, айёми

донишҷӯӣ бевосита ба водии Қаротегин сафар намуда, бо хешону наздикон, дӯстони Алӣ Хуш аз наздик сӯҳбату мулоқотҳо намуда, хотираҳои онҳоро ҷамъоварӣ намудааст. Сайфулло Саидов дар рисолаи нахустини хеш паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёт, усулҳои бадеӣ, публисистӣ рӯзноманигории Алӣ Хушро таҳқиқ кардааст.

Аз ҷумла, дар рисола хотираҳои фарзанди фарзонаи миллат, қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода оварда шудаанд, ки дар он бори дигар нақши Алӣ Хуш дар рушду нумӯи адабиёти солҳои 30-юм пурра инъикос мегардад: «Алӣ Хушро ман аз соли 1930 мешиносам. Ҳамроҳи вай дар рӯзномаҳои республикавӣ кор мекардам. Вай дар Самарқанд бо ҳамроҳии Абдусалом Деҳотӣ таҳсил намудааст. Аз соли 1930 то охири умраш дар Сталинобод кор карда буд. Ӯ пеш аз ҳама матбуотчии оташқалам буд.Пас ба навиштани ҳикояю очерк мароқи калон дошт. Як чизро бояд қайд намоям, ки вай хеле ҷавон аз дунё рафт. Ҳар гоҳ ки вай чизеро менавишт, албатта, аввал ба муҳокимаи рафиқон пешниҳод менамуд. Ман ҳамроҳи вай ду сол дар як хона зиндагӣ кардам. Пас аз он вай зан гирифта, ба хонаи дигар ҷойгир шуд. Ӯ ҳамеша дар маҷлису конференсияҳо ба нутқи пурмазмун баромад мекард». **Мирзо Турсунзода 19 – марти соли 1959.**

Шоири зиндаёд Боқӣ Раҳимзода оид ба ҳамкорӣ, дӯстии Алӣ Хуш бо Мирзо Турсунзода дар китоби «Офтоби сари кӯҳ» чунин нақл овардааст: «Маро аз кӯҳистони Қаротегин чун директори мактаб барои асбобу анҷом ба комиссариати маориф фиристоданд. Пас аз анҷоми корҳо ба хонаи Алӣ Хуш рафтам. Хонаи Алӣ Хуш дар кӯчаи Комсомол, дар паси театри ҳозираи ба номи Маяковский воқеъ буд. Дар хона ғайр аз Алӣ Хуш як ҷавони миёнақад, лоғару зебо ҳам буд. Мирзо Турсунзода, шинос шавед, – гуфт Алӣ Хуш. Мо ҳолу аҳволи якдигарро пурсидем. Дар хонаи на он қадар калон онҳо муҷаррадона истиқомат доштанд. Алӣ Хуш ва Мирзо Турсунзода он солҳо дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекарданд».

Соли 1962, баъди чандин соли фавташ, маҷмӯаи ҳикояҳои Алӣ Хуш бо номи «Дар бағали кӯҳҳо» аз чоп баромад.

Бо мутолиаи чакидаҳои хомаи Алӣ Хуш симои ҷавони дарёдиле пеши назар меояд, ки ҳанӯз хумору ормонҳои ҷавонӣ нашикастааст. Ӯ дар пойтахти Тоҷикистон – Сталинобод (Душанбеи ҳозира) қадам зада, бо дидаи ҳайрату тааҷҷуб ба атроф назар медӯзад. Қалби орзупарвари ӯро биноҳои хуштарҳи замонавӣ, кӯчаҳои нави мумфарш ба ваҷд меоранд. Вай соатҳои дароз ба равуои беисти одамон диққат дода боз ёди зодгоҳаш – водии кӯҳистони Рашт мекунад. Алӣ Хуш китобашро беҳуда «Дар бағали кӯҳҳо» ном ниҳодааст. Зеро вай умре посдори ин диёру ватан – модар буд. Адиби ҷавонро манзараҳои нотакрори Ҳоит, айёми баҳору мавсими дарав, хониши паррандагони диёр умре илҳомбахшу пешрав буд. Алӣ Хуш дар айни ҷӯшу хурӯши эҷодӣ, айёми камолот ба накомиҳо, тӯҳмату бӯҳтон дучор шуда, ба ҳалокат расидааст.

Кас зиндагиномаи ин фарзанди фарзонаро варақ зада ангушти ҳайрат мегазад. Ба шигифт меояд, ки як бачаи оддии кӯҳистон дар адабиёти ҳамон солҳо чӣ мавқеъ, манзалати хосае пайдо намудааст.

Аммо эҷодиёти ӯ, қиссаву ҳикояҳояшро бахилону ҳасудон қабул надоштанд ва ба ҳар роҳ ӯро сиёҳ мекарданд. Дар бораи ҳаёти нооромӣ Алӣ Хуш дар «Қобуснома»-и илмии Тоҷикистон омадааст:

«Хушмуҳаммадзода Алӣ соли 1912 дар райони Ғарм дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд шудааст. Пас аз хатми аввалин мактаби советӣ дар кӯҳистони Қаротегин чанд сол дар ташкилоти советҳои маҳаллӣ хизмат намуда, баъд дар тумани Нусратобод (ҳоло шаҳраки Навобод) ба вазифаи котиби комитети революционӣ кор мекунад. Соли 1928 ба Самарқанд рафта, дар курси дусолаи таълиму тарбия таҳсил менамояд. Соли 1930 бо тавсияи комитети марказии комсомоли Тоҷикистон ба хизмати матбуот дохил шуда, дар идораи газетаи «Тоҷикистони сурх» вазифаи ходими адабӣ ва мудири шӯъбаи оммавиро ба ҷо меорад. Дар съезди якуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба ҳайати котибот интихоб гардида, пас ба сифати аввалин мудири хазинаи адабӣ кор мекунад.

Нахустин ҳикояи ӯ «Дар палатаи рақами 2» соли 1932 дар газетаи «Тоҷикистони сурх» (12 октябр) чоп мешавад.

Муҳимтарин асарҳои ӯ «Шестопалов» (1934), «Шӯриши Усмон» (1934), «Ҷавонони далер» (1937) мебошанд. Баъзе порчаҳои повести «Ду фронт» дар саҳифаҳои газетаву журналҳо дарҷ шудаанд.

Ба гирд овардан ва нашр намудани намунаҳои эҷодиёти даҳанакии халқ низ машғул будааст. Соли 1934 ба аъзогии Иттифоқи нависандагон қабул шудааст.

Соли 1937 бо тӯҳмату бӯҳтон ба ҳабс гирифта шуда, соли 1942 дар он ҷо вафот намуд»...

Фаъолияти эҷодии ин адиби нуктасанҷ асосан аз солҳои таҳсилаш дар шаҳри Самарқанд оғоз ёфтааст. Алӣ Хуш ҳангоми донишҷӯӣ пайваста бо рӯзномаи «Овози тоҷик» ва «Тоҷикистони сурх» ҳамкорӣ дошт. Дар ин давра як силсила мақола, очерку ҳикояҳои вай ба табъ расидаанд, ки аз ҷониби адибон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ баҳои сазовор гирифтанд. Номи Алӣ Хуш аллакай миёни ҳаводорони адабиёт маълуму машҳур буд. Худи устод Садриддин Айнӣ ба навиштаҳои Алӣ Хуш баҳои баланд дода, саҳми ӯро дар инкишофи адабиёти инқилобӣ хоса донистааст.

Ӯ бештар ба интихоби мавзӯъ, офариниши қаҳрамонҳои марказии асарҳои хеш диққати ҷиддӣ дода, меҳнати бунёдкоронаи халқи тоҷикро дар сохтмони колхозӣ, бунёди роҳу хоҷагиҳои шӯравӣ ба таври ҳаққонӣ инъикос мекунад.

Бахусус, очеркҳои Алӣ Хуш конкретӣ-таърихӣ мебошанд ва дар қатори осори Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ аз аҳамият холӣ нестанд.

Муаллиф ин силсила очеркҳоро бо забони соддаю оддӣ, услуби хоса офаридааст. Чуноне ки аз мутолиаи ҳикояҳои Алӣ Хуш пайдост, ӯ ягона адибест, ки мисли Ҳаким Карим муборизаи зидди босмачигарӣ, ҷангу хунрезиҳои дуҷонибаро бисёр нозук, табиӣ ба риштаи тасвир мекашад ва дар ин радиф ҳикояи ӯ «Ҷавонони далер» мисол шуда метавонад. Аксари очеркҳои Алӣ Хуш заминаи таърихӣ дошта, дар асоси факту рақамҳои аниқ, қаҳрамонҳои воқеӣ ба вуҷуд омаданд. Дар ин бахш очерки ӯ «Ман аз ҳеҷ ҳар чизам»-ро метавон як дастоварди адиб дар он солҳо номид. Рӯзгор, сарнавишти як чӯпон асоси

очеркро ташкил карда, муаллиф равшан собит намудааст, ки танҳо меҳнати ҳалол, иродаи қавӣ метавонад шахсро сарбаланд кунад. Силсилаи очеркҳои Алӣ Хуш оиди сохтмони Вахш, «Шӯълаҳои анҳори Зарафшон», «Ҷанг бо штик», «Шуҷои номдор» хусусияти бадеӣ дошта, аз истеъдоди комили муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Қиссаи «Шӯриши Усмон»-ро метавон як дастоварди муҳими адиб номид. Қисса оид ба воқеоти вазнини солҳои 20-уми асри XX дар водии Қаротегин нақл мекунад. Рӯзгори сахти оммаи мардум, андозситонӣ ва норозигии аҳолӣ нисбати сиёсати аморати ҳамонвақтаи Бухоро тору пуди асарро ташкил дода, симои қаҳрамони марказии асар Усмони диловар барҷастаю дилкаш ва самимӣ қаламдод шудааст. Муаллиф дар «Шӯриши Усмон» ёдовар мешавад, ки гуруснагию қаҳатие, ки то соли 1921 давом карда буд, ҳанӯз ҳам оташи қаҳру ғазаби халқро нисбати амалдорон, чи дар шаҳр ва чи дар қишлоқ, меафзуд. Ана ҳамин вазъи ногувори мардуми Қаротегин, ҷабру зулм, истибдоди мирохурону амалдорони давр боиси сар задани шӯриши Усмон гардид.

Муаллифи асар дар ин бора чунин ақида дорад: «Фарқияти шӯриши Усмон аз шӯриши Восеъ ва ғайраҳо дар ин ҷост, ки гегемонияи асосии ин шӯриш коргароне ҳастанд, ки онҳо дар район ва шаҳрҳои саноатии Осиёи Миёна ба таври хусусӣ дар истеҳсолот кор мекарданд. Шӯриши Усмон ин ҳамон шӯрише аст, ки аз тарафи ҳамин коргарони мавсимӣ бо якҷоягии оммаи ҷабрдида ва ситамкашидаистодаи норозӣ аз зулми подшоҳӣ барпо гардида буд».

Дар ҳақиқат Усмон чун ҷавони далеру нотарс ва адолатҷӯ бо зиёда аз ҳазор нафар ҷонибдорони хеш қалъаи ҳокими Ҳойит, яъне Шоҳмардонқули Бухорӣ (Манғит)-ро шикаст дода, ғалабаи пурра ба даст меорад. Ҳарчанд ки ҳанӯз Усмон таҷрибаи кофӣ надошт, вале барои аз байн бурдани ҷабру зулм мубориза карда, соли 1919, моҳи декабр волии Ғарм – кали Неъматуллоро муҳосира мекунад. Усмон беш аз 8 рӯз дар маркази Ғарм қарор дошта, ба ҷанг тайёрӣ дид. Аммо сад афсӯс, ки надоштани саводу малакаи корӣ боиси каҷфаҳмиҳо шуд. Натавонист тамоми

аҳолии Ғарму Обигармро ҷониби худ кашад. Азбаски Усмон қалби поку беолоиш дошту ба ҳамроҳонаш бовар мекард, дар ҳар қадам ӯро фиреб дода, хиёнаташ мекарданд. Оқибат зудбоварии Усмон ба он оварда расонд, ки як гурӯҳ ҳамроҳонаш пинҳонӣ ба тарафи ҳокими Ғарм гузаштанд. Ва ана ҳамин манзараи мудҳишро Алӣ Хуш устокорона тасвир сохтааст:

«Усмон мебинад, ки ҳуҷум сахт аст, ба тарафи Ғарм мегурезад. Вай бо ҳамин аз қалъаи Ғарм ҳам гузашта ба қишлоқи Нимич меравад. Иборат аз 400 нафар шарикони Усмон, ки дар Ғарм буданд, аксарияташон ба даст афтида захмдор ва кушта мешаванд. Шумораи шӯришчиёни кушташуда зиёда аз 200 нафар мебошад. Усмон акнун мағлуб шуда ва пушаймон мешавад».

Дар қисса шикасти аввали шӯриш ва боз бо 1300 нафар аскарони худ дуюмбора қалъаи ҳокими Ғармро фатҳ кардани Усмон ва боз фиреб хурдани ӯ бисёр табиӣ, ҳаяҷонбахш инъикос мегардад. Алӣ Хуш манзараҳои кӯҳистон, ҷангу хунрезиҳо, шиаи аспонро бо ҳам оварда, бараъло нишон медиҳад, ки маҳз соддагию дилсофии Усмон сабаби маргаш гаштааст. Дар ин ҷо чӣ гуна бо роҳи хиёнат ба даст афтодани Усмон ва ваҳшиёна кушта шудани он қиссаро ҷамъбаст кардааст.

Тасвирҳои Алӣ Хуш атрофи ёфт шудани ҷисми пурхуни Усмон ва таронаҳои мардумӣ дар ҳаққи ин ҷавонмарди роҳи адолат хеле пурсӯзу гудозанд. Танҳо соли 1921, вақте ки Аскарони сурх водии Ғармро аз дастаҳои босмачиён озод намуданд, қотилони Усмонро дастгир карда, ҷазои сазовор доданд. Ҳамин тавр, қиссаи «Шӯриши Усмон» чун осори таърихӣ-бадеии Алӣ Хуш дорои аҳамияти калони илмӣ буда, ҳоло ҳам аз ҷониби муҳаққиқон омӯхта мешавад.

Алӣ Хуш на танҳо дар мавзӯи рӯзгори одамони наҷиб, бунёдкорӣ асар эҷод мекард, балки атрофи таърихи гузашта, талошу муборизаи аҷдодон низ фикри худро дошт. Ӯ гузаштаи на чандон дурро таҳлилу баррасӣ намуда, насли ҷавонро ба роҳи нек, худшиносӣ ҳидоят кардааст.

Мутолиаи очерки таърихии «Шӯриши Усмон» равшангари роҳи дилҳои мардуми инқилобист. Алӣ Хуш бо ин

асараш анъанаи неки устод Садриддин Айниро идома дода, ҳодисаҳои таърихиро дар заминаи инқилоби халқии Бухоро ва бедории шуури синфӣ қаламдод мекунад.

Адиби машҳури дунё Марк Твен ҳикмате дорад. «Аз касоне парҳез кунед, ки боиси костани эътиқоди шумо нисбат ба худатон мегарданд. Ин сифати разилон аст. Шахси бузург, баръакс, бовариеро талқин мекунад, ки шуморо ба бузургӣ мерасонад».

Алӣ Хуш низ аз ҷумлаи адибоне будааст, ки шӯълаи боварӣ, умеду орзуро дар асарҳояш тараннум мекунад. Меҳнати бунёдкоронаи мардум дар деҳот ва азхудкунии заминҳои нав дар водии Вахш ҳамоно дар маркази диққати адиби ҷавон буд. Барои васеътар тасвир намудани ин заҳмату талоши одамони оддӣ, фотеҳони Вахш ба навиштани повести «Ду фронт» шурӯъ кард. Бо мутолиаи парчаҳои ҷудогонаи асар хонанда бо ҳодисаю воқеаҳои солҳои обёрии заминҳои ташналаби Вахш, кофтани ҷӯю каналҳои калон, дӯстию бародарии одамони гуногунмиллат дучор мешавад. Муаллиф бо тасвири манзараҳои табиат, обу хоки ин гӯшаи диёр таъкид сохтааст, ки маҳз дӯстии халқҳо боиси эҳёи заминҳои пахта дар ин минтақа гаштааст.

Алӣ Хуш барҳақ ҳамқадами замон буда, баробари эҷоди асарҳои бадеӣ пайваста мақолаю хабар, очеркҳо низ иншо мекард. Ӯ дар қатори ҳамқаламонаш дар эҷоди асарҳои ҳаҷвӣ низ комёб мешавад. Ва чун яке аз муаллифони доимии маҷаллаҳои ҳаҷвии «Мулло Мушфиқӣ» ва «Бигиз» бо номи мустаори «Гирончак» ҳаҷвияю фелетон ба нашр мерасонад.

Дар бораи фаъолияти минбаъдаи эҷодии Алӣ Хуш дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик», соли 1988, саҳифаи 143 чунин қайд ҳаст:

«Маҳсули адабию бадеӣ ва адабию публисистии Алӣ Хуш хеле зиёд буда, ғайр аз асарҳои номбаршуда, боз муаллифи зиёда аз сӣ ҳикоя ва очерк, повести «Ду фронт» ва як роман будааст, ки дастнависи роман то ба ҳол пайдо нест. Алӣ Хуш донандаи дақиқи назми ғании форсу тоҷик ва эҷодиёти даҳонакии халқ буд ва дар шеърдонию шеърхонӣ маҳорати калон дошт. Бо номи «Доғи асирӣ ва

дами дилшодӣ» маснавие эҷод намудааст, ки аз 32 байт иборат мебошад». Аз мутолиаи пораи маснавӣ хаёле овози шевои адиб ба гӯш мерасад. Аз дуриҳо шоир бо дили пур аз шодию фараҳ шеърхонӣ дорад. Он замон Алӣ Хуш ҳеҷ ба гӯшаи хаёл намеовард, ки рӯзе ӯро бо тӯҳмату буҳтон зиндонӣ мекунанд ва риштаи умраш дар айни камолот канда мешавад...

Ӯ, ки қалби пок, софу беолоише дошт, ҳаргиз гумон надошт, ки дар бари гул хор рӯидаасту мор интизори заҳр пошидан аст. Зеро Алӣ Хуш ба ҳамаи дӯстону ҳамкоронаш меҳру муҳаббату эҳтиром дошт. Ва ба мақоли «Ҷосуси ҳамкоса дидам басе» хеле дер сарфаҳм рафт. Ҳоло ӯ дар ҳавои мусиқие, ки худаш эҷод кардааст, аз «доғи асирӣ» замзама дошт:

*Зи шӯро ёфт ин ҷо зебу зинат,*
*Бадар шуд ҷаҳлу нодонию зулмат.*
*Фаранҷиро зи сар андохт Шодӣ,*
*Бурун омад зи кунҷи номуродӣ.*

Маҳз ишқи мусиқӣ, огоҳӣ аз санъату фарҳанги ниёгон буд, ки Алӣ Хуш вақт ёфта, дар ҷамъоварии маводҳои фолклорӣ низ иштирок кардааст, ки «Намунаи фолклори тоҷик» (ҳамроҳи А.Больдырев) ба ин гувоҳ аст.

Нахустин раиси Хазинаи адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Алӣ Хуш, ки ҳанӯз дар анҷумани аввалини адибони тоҷик, соли 1934 ба аъзогӣ қабул шуда буд, умри дароз надид. Ӯ мисли дигар мардони соҳибҷавҳари он айём азоби рӯҳӣ, танҳоӣ мекашид. Шӯҳрату овозаи вай, нашри пай дар пайи асарҳои ин бачаи соддаи кӯҳистон ба баъзеҳо хуш намеомад. Зеро ӯ ҳам нависанда буду ҳам шоир ва бо тахаллуси «Найистонӣ» ашъорашро ба табъ мерасонд.

Оқибат бахилону курдилон ӯро ба гирдоби тӯҳмату бӯҳтон тела доданд ва ин адиби боистеъдод баъди маҳрумияту шиканҳои тӯлонӣ соли 1942 ба ҳалокат расид:

*Ба пирӣ мерасад хори биёбон,*
*Вале гул чун ҷавон гардад, бимирад.*

Алӣ Хуш дар айни камолоти эҷодӣ аз байн рафт. Мисли ситораи рахшоне як дурахшиду гузашт. Ҳарчанд ки дар зиндагияш баъзе асарҳои вай табъу нашр шудаанд, вале то ҳол на ҳамаи эҷодиёти Алӣ Хуш дастраси хонандаи тоҷик гардидааст. Дӯстдорони эҷодиёти ӯ, моро зарур аст, ки асарҳои то ҳол рӯи нашрро надидаи ин адиби покро барои чоп омода созем, то рӯҳи Алӣ Хуш аз имрӯзиён миннатдор шавад. Ҷиҳати гиромидошти хотираи неки нависандаи зиндаёд Алӣ Хуш ҳоло дар зодгоҳаш шӯрои деҳоти Қазноқи ноҳияи Рашт мактаберо ба номи ӯ гузоштаанд. Ин амали неки ҳамдиёрони адиб кори хайру савоб буда, боиси дастгирист.

Соли 2005-ум бо иқдоми Хазинаи адабиёт маҳфили ёдбуди Алӣ Хуш доир гардид, ки дар он раиси Иттифоқи нависандагон Меҳмон Бахтӣ, адабиётшинос Абдулҳай Маҳмадаминов, хешону пайвандони Алӣ Хуш ва адибон иштирок доштанд. Дар ин маҳфил аввалин маротиба таъкид шуд, ки ҷамъоварӣ ва табъу нашри осори ин адиби зиндаёд амали хайру савоб буда, боиси он мегардад, ки насли имрӯза аз ҳаёту зиндагӣ, аз эҷодиёти Алӣ Хуш бохабар гардад.

Ҳамин тавр, зиндагиномаи муаллифи «Шӯриши Усмон», нахустин раиси Хазинаи адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Алӣ Хуш то ҳол пурра омӯхтаю таҳқиқ нашудааст. Вале дӯстдорони каломи бадеъ қиссаву ҳикояҳои ӯро ба шавқи беандоза мутолиа мекунанд. Ҳаёту эҷоди Алӣ Хуш дар асарҳои нотамомаш боқист.

... Ӯ боз хаёле аз баландие ба поён назорра дорад. Аз меҳнати бунёдкоронаи мардум болидаву хурсанд аст. Шод аст, ки имрӯз низ дар водии зархези Вахш меҳнат идома дорад, ин набзи меҳнату таронаи зафарро ӯ кайҳо сурудааст. Эҷоду ҳунари Алӣ Хуш дар нигоҳи андешаманд ғарқ мешавад ва гул мекунад, гулҳои ҳархела, нилобиву офтобӣ:

*Зиндаю ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

***Аз мураттиб***

# ШӮРИШИ УСМОН

*(қисса)*

Омӯхтан ва донистани таърих барои мо на танҳо мароқнок аст, балки манфиатнок ва зарур аст.

Мо гузаштаро меомӯзем, барои он ки дар оянда корҳои худро ба таври пурра, ба тавре ки дар ҷараёни амалиёти худ ба бемуваффақиятӣ дучор нашавем ва мақсади худро ба анҷом бирасонем.

Дар ҷаҳон ҳар як миллат ва ҳар як синф ба худ таърихи махсус дорад. Тоҷикон, ки ҳамчун як миллати қадимтарин шуда омадаанд, дорои як таърихи бузург ҳастанд, ки омӯхтан ва аз худ кардани ин таърих барои мо бисёр зарур аст. Борҳо шудааст, ки тоҷикон дар таърихи худ ба ҳуҷум ва ғорати қабилаҳо ва саркашони қаттоли дигар дучор шудаанд. Ҳуҷум ва ғорати умумии Чингизхон, истилои араб бешубҳа, ба ин миллат таъсири калоне бахшид. Дар тамоми ин ҳодисаҳои таърихӣ фишор хӯрдан ва тазйиқ ёфтани синфи истисморшаванда табиӣ буд, вале синфи истисморкунанда – такягоҳи қавми фотеҳшуда кори истисморчигариашро давом дода меомад. Дар он замон синфи истисморшаванда, дар ҳар ҷое ки буд, дар амон набуд. Вай (синфи истисморшаванда) зулм медид ва ё дар ҷанг ва ҷидолҳо кушта шуда, маҷрӯҳ мешуд. Дар ҳаёти қадимаи тоҷикон айнан ҳамин принсип дида мешавад.

Заҳматкашони тоҷикро дуҷониба – аз як тараф, истисморчиёни маҳаллӣ ва аз тарафи дигар, истисморчиёни аҷнабӣ истисмор мекарданд.

Ин як ҳақиқати исботшуда аст, ки дар ҳар ҷамъият, дар ҳар мамлакат, дар ҳар даврае, ки дар вай истисмор мавҷуд аст, ҳамеша байни истисморкунанда ва истис-

моршаванда зиддияти синфӣ мавҷуд буда, ин зиддияти синфӣ торафт ба муборизаҳо, ба шӯришҳо, ба исёнҳо ва хулоса ба инқилоб меанҷомад.

Истисмор ва зулми дуҷонибае, ки заҳматкашони тоҷик дар зери вай умр ба сар мебурданд, табиӣ онҳоро ба ҳаяҷон оварда ва ин зиддиятҳои синфӣ ононро ба вуҷуд овардани шӯриш ва исёнҳо водор кардаасг, ки инро таърих бисёр қайд мекунад.

Шӯриши Восеъ дар Кӯлоб, шӯриши Оламгир ва Зардак дар кӯҳистони Дарвоз, шӯриши Усмон дар кӯҳистони Қаротегин (ки ҳоло дар садади нақлаш ҳастем) ва ҳоказо... аз ҷумлаи ҳамон гуна шӯришҳое ҳастанд, ки заҳматкашони тоҷик бар зидди золимон ва истисморчиён барпо намудаанд.

Бо вуҷуди ин ки ин шӯриш ва исёнҳои таърихии деҳқонии Тоҷикистон, «аз сабаби омехта набудан бо шӯришҳои коргарӣ ва роҳбарии синфи коргар» бенатиҷа мондаанд: барои мо омӯхтан ва аз худ кардани тамоми камбудӣ ва муваффақиятҳои онҳо зарур аст.

Дар айни замон мо ба ин масъала ба андозаи қаноатбахш аҳамият надода ва корҳои васеъ набурда истодаем, дар оянда ин аз мо корҳои бисёреро талаб мекунад.

Мо мехоҳем, «Шӯриши Усмон»-ро, ки яке аз шӯришҳои охирини деҳқонӣ дар Тоҷикистон буда ва дорои аҳамияги бузург аст, дар ин ҷо ба қалам даровварда ва онро биомӯзем. Барои ин албатта зарур аст, ки вазъияти ҳамон давраро ба назар оварем.

## Даври амир ва салтанати амирӣ

Ҳукумати арестократии Бухоро яке аз пурзӯртарин ҳукуматҳои давраи феодализми Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад.

То даври салтанати Абдул-Аҳадхон – писари Амир – Музаффархон дар Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони имрӯза) дар ҳар як вилоят (Дарвоз, Ҳисор, Кӯлоб) шоҳҳо буданд, ки онҳо ихтиёрдори миқёси вилояти худ буда ва ба ҳеҷ як ҳукумат итоат надоштанд. Дар даври салтанати Абдул-Аҳадхон (соли – 1872-73) бо роҳбарӣ ва ёрдами императори рус тамоми хоки Бухорои Шарқӣ аз дасти ин шоҳҳо ба тасарруфи ҳукумати арестократии Бухоро медарояд.

Дар ин замон, дар даври ҳукумати шоҳиҳои маҳаллӣ чӣ андозае, ки аҳволи фуқаро бад буд, баъд аз вай дар даври салтанати амирӣ бад ва боз ҳам бадтар мешавад. Дар даври ҳукумронии шоҳҳои маҳаллӣ, агар дар мамлакат амалдор, мансабдор ва андозҳо барзиёд набуда ва ё кам буда бошад, дар даври салтанати амирӣ дар мамлакат, бисёр ҷевачиҳо, қаравулбегиҳо, мирохӯрҳо, тӯқсабоҳо, шиғабошиҳо, биҳо, парвоначиҳо, уҷайчиҳо (аз хели амалдорон), арбобҳо, мирохорҳо, навкарҳо, ясавул ва ясавулбошиҳо (иҷрокунандагони ҳукм), муллоҳо, мурид ва муршидҳо, шайх ва машоиххо, раис ва муфтиҳо, қозӣ ва судурҳо, ӯроқ ва мударрис (рӯҳонӣ)-ҳоро мебинем.

Ба ҳар яки аъзоёни гурӯҳҳои дар боло зикршуда аз тарафи амир аз як хоҷагӣ сар карда то ҳазор хоҷагӣ «танхоҳ» (хоҷагиҳое ки тамоман даромад ва ихтиёри онҳо ба амалдори танхоҳдор мешаванд. – А Х.) гӯён бахшида мешуд.

Ин амалдорон ва мансабдорон, илова бар он ки аз хоҷагиҳои ба худашон маҳкум, андозҳои гуногун – ушр, амал, боҷ, хироҷ, закот, саломӣ, кафантӯб, равған, гӯшт, пашм, пӯст ва ғайраҳо... мегирифтанд, боз бо роҳҳои дигар ҳам халқи фақирро зулм ва азият медоданд. Ин андоз ва қоидаҳои маҷбурӣ (хоҷагиҳои танхоҳ рафта чанд рӯз дар пеши хонаи амалдори

танхоҳгир хидмат мекунанд. – А. Х.) ва як қатор усулҳои истисмори дигар деҳқонони меҳнаткашро ба як ҳолати гадоӣ афтонида буд. Фақир қатъиян ҳуқуқе надошт, ки яке аз ин қоидаҳоро дар вақташ адо намояд. Осонтарини ҷазо дар кунда баста, завлона ба гардан задан ва ҷаримаҳои калон гирифтан буд. Аз додани ҷарима ва андозҳо саркашӣ кардагон дар зиндон мемурданд ва ё ними умри худро дар торикии ҳабс мегузарониданд.

Ба ҳамин тариқ, даври амирӣ ва салтанати амирӣ имконият медод, ки оммаи меҳнаткаш аз тарафи амир ва гумоштагонаш истисмор шавад, имконият медод, ки аксарияти истисморшаванда аз тарафи ақалияти зулмкунанда истисмори бепоён бубинад.

Дар асари ҳамин анъанаҳои салтанати амирӣ мо аз тӯдаи деҳқонони зулмдидаи тоҷик муборизоне мебинем, ки онҳо аз режими ҳукумати арестократии Бухоро норозигӣ карда, исёнҳо ба вуҷуд оварда, хунрезиҳо кардаанд.

Инак, шӯриши Восеъ дар Балҷувон (округи Кӯлоб), шӯриши Оламгир ва Зардак (дар кӯҳистони Дарвоз) ва ниҳоят шӯриши Усмон аз ҷумлаи ҳамин шӯришҳо мебошанд. Аммо бо вуҷуди он шӯриши Усмон ба худ фарқиятҳо ва хосиятҳои ҷудогона дорад.

Даврае, ки дар вай Усмон хуруҷ карда буд, ин аз он давраҳое, ки Восеи балҷувонӣ, Зардак ва Оламгири дарвозӣ хуруҷ кардаанд, фарқҳои зиёде дорад.

Дар давраи шӯриши Усмон торафт, чӣ андозае ки талаби ҷизияхоҳонагии императори рус аз подшоҳи Бухоро зиёд мешуд, ҳамон қадар ҳам аз тарафи амир истисмори аҳолии маҳаллӣ зиёд ва зиёд мешуд. Ҳамин гуна шӯриши Усмон дар даврае дар кӯҳистони Қаротегин барпо гардид, ки ҳаракатҳои инқилобӣ дар олами капиталистӣ ниҳоят авҷ гирифта истода буданд.

Амири Бухоро, ки асосан лаганбардори императори рус ба шумор мерафт, баъд аз дакка хӯрдани ҳукумати подшоҳии рус (аз соли 1917) аз ҳимояи он дур афтода буд ва дар аснои ин ҳаракатҳои инқилобии Осиёи Миёна, ки торафт авҷнок шуда истода буданд, аркони салтанати ҳукумати подшоҳии Бухороро аз ҳар тараф ба ларза меоварданд. Аммо, дар даврае, ки Восеъ дар музофоти Балҷувон, Оламгир Зардак дар музофоти Дарвоз шӯриш барпо карда буданд, ин аҳвол ҳанӯз давом надошт. Он давра даврае буд, ки анъанаҳои феодалӣ дубора пояи худро мустаҳкам мекард. Алоқаи истеҳсолии онвақта дар Бухорои Шарқӣ ниҳоятдараҷа оддӣ ва паст буд. Аммо давраи Усмон даврае аст, ки дар вай муносибати истеҳсолӣ то як андоза тараққӣ карда, алоқаи меҳнаткашони тоҷик ба шаҳрҳои марказии Осиёи Миёна торафт мустаҳкамтар мешавад. Дар ин вақт хоҷагии мамлакат дар натиҷаи фишор ва тазйиқи ҳукумати амирӣ ниҳоят паст шуда истода буд. Гуруснагӣ, қаҳтие, ки то соли 1921 давом карда буд, ҳанӯз ҳам ҳаяҷони оммаи истисморшавандаро чи дар шаҳр ва чи дар кишлоқ меафзуд. Инак дар ҳамин давра ба вуҷуд омадани шӯриши Усмон як масъалаи ногаҳонӣ набуда, балки як масъалаи муҷаррад аст. Ин шӯриш, ки мо дар садади нақлаш ҳастем, моро ба тарафи худ мекашид. Фарқияти шӯриши Усмон аз шӯриши Восеъ ва ғайраҳо дар ин ҷост, ки гегемонияи асосии ин шӯриш коргароне ҳастанд, ки онҳо дар район ва шаҳрҳои саноатии Осиёи Миёна ба таври хусусӣ дар истеҳсолот кор мекарданд.

Ғалаён ва тӯфони инқилобие, ки маркази вазниниаш дар Россия буд, дар Осиёи Миёна ҳам таъсири бузурге бахшида, рӯҳияи инқилобии коргарони ин кишварро зиёд карда, ба пухта шудани ҳаракатҳои инқилобии Осиёи Миёна роҳбарӣ мекард.

Коргарони мавсимии тоҷик, ки дар ҳамон лаҳзаҳо аз роҳбарии инқилобии болшевикӣ баҳравар гардида буданд, таъҷилан барои сарнагун кардани салтанати ҳамонрӯзаи подшоҳӣ ва дур кардани ҳамон ҷабру зулмҳое, ки мо дар боло қайд кардем, ба майдони мубориза даромаданд.

Шӯриши Усмон ин ҳамон шӯрише аст, ки аз тарафи ҳамин коргарони мавсимӣ бо якҷоягии оммаи ҷабрдида ва ситам кашида истодаи норозӣ аз зулми подшоҳӣ барпо гардида буд.

## Хурӯҷи Усмон

Музофоти Қаротегин дар миқёси салтанати Бухоро як ноҳияе буд, ки бошандагони ин ноҳия байни якдигар норозигӣ ва адоват доштанд. Табақаи поёнӣ аз табақаи боло ҷабру зулм дида, дар ҳастии худ лаҳзаи осоиштагиро надида буданд.

Усмон, ки аз ҷумлаи коргарони мавсимии музофоти Қаротегин будааст, дар Осиёи Миёна (Фарғона, Тошканд ва ғайраҳо) дар амалиёти муборизаҳои синфии коргарон иштирок доштааст. Ин шахс дар соли 1918 дар вилояти Хӯқанд ба маври мавсимӣ дар истеҳсолот кор мекард. Вақто ки муборизаҳои синфӣ шакли оммавиро мегирифт, аз боёни хӯқандӣ якчанд нафарро бо якҷоягии рафиқон ва ҳамфикрони наздикаш Зоҳир Обидов, Саид Саъдӣ, Исмоил Абоилов, Хушвақт Раҳматов, Абдулло Атобеков ва монанди инҳо гирифта, ба бойҳои хӯқандӣ ҳуҷум карда, аз ҷумлаи онон Муҳаммад-Аминбойро кушта ва худро пинҳон мекунанд. Баъд аз он ки дар Хӯқанд истиқомат кардан барои онҳо хавфнок мешавад ва аз тарафи дигар ҳукумати амири Бухоро рахнадор мешавад, Усмон бо рафиқони худ дар тирамоҳи соли 1919 ба тарафи му-

зофоти Қаротегин меояд. Мол ва ашёҳое, ки дар завод кор карда ва оварда буданд, аз тарафи амалдорон гирифта мешаванд. Усмон дар Қаротегин барои барҳам задани зулм замина ҷустуҷӯ мекунад. Дар ҳақиқат ҳам ғалаён дар солҳои 1917 то 1920 дар мамлакат рӯй дода истода буд ва боварии оммаи ситамдидаро дар бораи нест гардидани усули ҳукмронии ҳамонрӯзаи подшоҳӣ то рафт зиёд менамуд ва меафзуд: Ҳукумати амир марказияти худро аз даст дода, дар Бухорои Шаркӣ барои дубора барқарор кардани ҳукумати худ чораҳо ҷустуҷӯ карда ва аз тамоми имкониятҳои мавҷуда фоида бурданӣ мешуд. Дар қатори ин имкониятҳо барои расидан ба мақсади худ ва шиори «ғазои худоӣ»-ро ба майдон мегузорад. (Дар таърихи ислом ба муқобили душман даъвати подшоҳро дар бораи ташкил шуда ҷанг кардани ҳамаи табақаҳои мусулмонон ғазои худоӣ мегӯянд. – А.Х).

Дар навбати аввал мувофиқи супориши Амир Олимхон ба ғазо иштирок кардани тамоми мансабдорон зарур бошад, дар навбати дуюм ба сурати «ихтиёрӣ» иштироки тамоми «уммати Муҳаммад» зарур шумурда мешуд. Дар айни замон амалдорон ва мансабдорони музофоти Қаротегин барои ғазо ба тарафи водии Ҳисор ва ҳузури амири Олимхон меоянд. Мана дар таҳти ҳамин шиори «Ғазои худоӣ» мо дар музофоти Қаротегин як ғалаён ва ошӯби пур аз ҳаяҷони шадид ва як қатор ҳангомаҳои қаҳрамонони заҳматкаши маҳаллӣ ва ё ҳамон коргарони мавсимиро мушоҳида мекунем.

Табақаи амалдорон, ки «ғазои худоӣ» барои онҳо ба қавли шариат «фарз» буд, онон ҳатто қисман акси ин рафтор карда, ба ҷои ин ки худ ва ё фарзандони худро ба ғазо бифиристанд, баъзе камбағалон, чоряккорон ва мардикоронро «писари ман» ва ё «бародари ман» гӯён

ба таври маҷбурӣ ба ғазо мефиристанд. Модоме ки ин ҳомиёни ислом ба роҳи ғазо меоянд, дар музофоти Қаротегин қувваи волии он ҷо (Қаротегин) Абдул-Ҳафиз кам мешавад. Аз баъзе боқимондагони амалдорон, ки онҳо саркаштарини ӯрдаи волии Қаротегин буданд, шӯришчиён ҳеҷ гуна тарсу бимро ҳис намекунанд. Акнун дар вилоят андозҳои нави дигарро бор кардаанд. Ҳангоме ки амир бепойтахт шуда, дар Бухорои Шарқӣ қарор мегирад, аз халқ барои ҳомиёни ислом аз ошбур сар карда то табару теша, аз чоруқ (тиккӣ) сар карда, то чакман, аз барра сар карда то асп ва ҳоказо чизҳои зикр шударо мегирифтанд.

Дар натиҷаи ҳамин ба ғазо маҷбур кардани баъзе камбағалон, зада гирифтани мол ва асбобҳо ва ғайраҳо норозигии омма ба дараҷаи боло мерасад. Инак, аз ҳамин лаҳзаҳо Усмон истифода бурда шӯриш ташкил доданӣ мешавад. Лекин волии вилояти Қаротегин Абдул-Ҳафизхон аз мақсади Усмон иттилоъ ёфта ва худ тасмим мегирад, ки ба ҳар роҳе ки бошад ҳаракати Усмонро манъоварӣ намояд.

Аз он ҷое, ки қувваи ӯрда тақрибан ҳеҷ намонда буд, ҳокими Қаротегин натавонист, ки ба Усмон дар ҷанг даст ба гиребон шавад. Фақат ягона роҳеро ихтиёр кард, ки вай ҳам бошад бо амалиёт, тинҷӣ, охирин бо сарфароз карда шудани Усмон ба амалдорӣ буд. Ба ҳамин мақсад Усмонро мирохӯр намуда, дар Ғарм даровarда ба қатори навкарони дигар ҷой медиҳад. Лекин Усмон ба ин амал мағрур нашуда, донист, ки бо ин зулм ва истибдодро барҳам задан мумкин нест.

Усмон дар даруни Ғарм ба сифати амалдорӣ истода бошад ҳам, алоқаи худро бо коргарони мавсимӣ, бо камбағалон, батракон, чоряккорон ва миёнаҳолони қишлоқ мустаҳкам мекунад. Ӯ барои зудтар ба анҷом расонидани мақсади худ аз тамоми имкониятҳо исти-

фода бурда, роҳбарии худро ба рафиқони худ расонида меистад. Вақте ки ғазоталабон аз Қаротегин баромада озими Ҳисор мешаванд, дар ҳамин фурсат Усмон бо рафиқони худ ба тарафи Ҳойит, ки маркази асосии ташкил шудани шӯришашон буд, меравад.

## Шӯриш

Дар яке аз рӯзҳои моҳи декабри соли 1920 (рӯзи сешанбеи нимаи аввали моҳ) дар бозори Ҳойит аз ҳар гӯша ва канор фақир ва фуқаро ба бозор ҷамъ омада буданд. Дар қатори инҳо ҳаммаслакони Усмон ҳам мавҷуд буданд. Инҳо пештар тараддуд ва тайёрии худро дида сар кардани шӯришро танҳо ба рӯзи бозор таъин карда буданд. Албатта, ин барои онҳо маълум буд, ки дар рӯзи бозор касе аз мақсади онҳо воқиф намегардад. Зеро рӯзи бозор рӯзе аст, ки дар он рӯз одатан мардум ба бозор ҷамъ мешаванд.

Зотан дар худи ҳамон рӯз аз тарафи ҳоким касони махсус таъин гардида буданд, то ки аспҳои дар бозор ҳозир шударо ба таври маҷбурӣ барои мардумон ва «ғазои худоӣ» меомадагӣ гирифта ба назди ҳоким биёваранд. Дар ҳамон моҳҳое, ки дар кӯҳистони Қаротегин шиори ғазои худоӣ иҷро карда шуда истода буд, сахттарини зулм барои мардумони меҳнаткаш ҳамоно улав (гирифтани ҳайвонҳои боркашонии онҳо) буд.

Дар худи ҳамин лаҳза, ки Усмон дар Ҳойит машғули тайёр кардани нақшаи ҳаракат буд, дар бозор ҳам байни мардумон масъалаи улав – гирифтани аспҳо як ғулғулае барпо мекунад. Тарафдорони Усмон дар ин масъала бо ҷиддияти тамом ба фармони ҳоким итоат намекунанд ва масъаларо ба ҷое кашола мекунанд, ки дар бозор як ғулғулаи пурҳайбате барпо гардида боиси тезтар сар шудани шӯриш мегардад.

Инак, дар ҳамин лаҳза Усмон бо нафарони худ, бо сардории махсусан Мулло Тош, Саид Саъдизода, Мулло Одина, Муҳаммад-Алӣ ва ғайраҳо тақрибан 1000 нафар якбора ба тарафи қӯрғони ҳокими Ҳойит, ки дар он ҷо Шоҳмардонқули бухорӣ – манғит ҳокимӣ мекард ҳамла (атака) мекунанд. Дар баробари он ки бисёрии ҳуҷумкунандагон бо аслиҳаҳои ғайри такмил аслиҳанок шуда буданд, Усмон ва гурӯҳи пешқадами онҳо дарҳол бо як қатор асбобҳои ҳарбӣ (камони шохдор, панҷтира, шамшер ва таппонча) мусаллаҳ гардида буданд.

Бо ҳамин ҳуҷуми худ дафъатан қалъаи ҳокими Ҳойитро фатҳ намуда ва ба аз худ кардани тамоми дороияти қӯрғон комёб мешаванд, аммо худи ҳоким Шоҳмардонқул бо роҳи дигар аз қӯрғон гурехта, бо ҳамин дар Ғарм ҳам наистода, ба тарафи амир паноҳ мешавад. Дар ҳамин муқаддима амалдорон, муллоён ва ғайраҳо аз қишлоқ ва канораҳои Ҳойит мегурезанд. Дар натиҷаи кофтуков аз амалдорон фақат Бадриддинбӣ, Абдуллобек – фарзанди Исмат тӯқсабо, Усмон – бародари Гадой-бӣ, умуман, 12 нафар захмдор шуда ба дасти шӯришчиён меафтанд. Он шаб бошандагони Ҳойит як ҳолати аҷиберо аз сари худ мегузарониданд.

Як гурӯҳ машғули шодӣ ва хурсандӣ, гурӯҳи дигар машғули гиря ва нола буд. Камбағалон, мардикорон ва фақирон, ки аз зулм ва андозҳои вазнин як рӯзи шодӣ ва хурсандиро надида меомаданд, аз андоз ва хироҷҳои вазнин, илова бар ин, ба «ғазои худоӣ» додани ҳайвонҳои саворӣ ва фарзандони меҳрубонашон ба ғазаб омада буданд, имшаб барои онон як шаби фирӯзманде менамуд. Дар болои дарвозаи қалъа байрақи сурх зада шуда то саҳари ҳамон шаб аз қишлоқҳои дур ва наздик дастаҳои шӯришчӣ гурӯҳ-гурӯҳ ба тарафи қӯрғон меомаданд. Ба муносибати фатҳ намудани қалъаи Ҳойит

митинге барпо намуда, дар минбари митинг худи Усмон баромада ҳукумати амирӣ ва даври амирро танқиди бисёре карда, оммаро барои сарнагун кардани ин ҳукумат дар кӯҳистони Ғарм ташвиқ ва тарғиб менамуд... Пагоҳи ҳамон рӯз Обло ном касеро бо 60 нафар отряд барои ҳимояи қӯрғон дар Ҳойит гузошта, дигар шӯришчиён бо байрақҳои сурх ба тарафи Ғарм равона мегарданд. Дар қишлоқи Панҷи Боло Абдулло ном касе Усмонро бо дастааш ба меҳмонӣ ба назди худ даъват менамояд, ки шабро дар ҳамин қишлоқ мегузаронанд. Дар худи ҳамин шаб ҳам фуқароёни наздик фавҷ-фавҷ ба сӯи Усмон омада ба вай шарик мешаванд. Пагоҳи дигар сафари худро давом дода, ба қишлоқи худи Усмон меоянд. Дар ин қишлоқ ҳам аз тарафи фақирон ва меҳнаткашон даста-даста омада дохили отряди Усмон мешаванд. Ба ҳамин минвол то расидан ба Ғарм аз қишлоқҳои сари роҳ бисёр касон довталаб шуда ба дастаи Усмон дохил мегарданд.

Дар қишлоқи Навдеҳ омада қарор мегиранд. Дар ин ҷо ҳам аз ҳар тараф заҳматкашони довталабро ба сӯи худ – ба сӯи сарнагун кардани зулм даъват менамоянд.

Дар ин ҳолат аз тарафи волии Ғарм Кали Неъматулло (ин кас баъд аз Абдул-Ҳафизхон ба ҳокимӣ таъин шуда буд), ба тариқи Элчӣ-Абдул Маҷид мирохӯр, Абдулҳаи мирохӯр ва Солеҳ мирохӯр, ки дар ӯрдаи мири Ғарм буданд, ба ҳузури Усмон фиристонида мешаванд.

Ин касон барои он фиристода мешаванд, ки байни Усмон ва ҳоким сулҳ барқарор гардад. Моҷарои сулҳи ин элчиён (элчӣ намояндагони барқароркунандаи сулҳ – А.Х.) иборат аз ин буд, ки ҳоким дар оянда барои фақир ва фуқаро имтиёз ва сабукӣ медиҳад, андозҳои муқарририро қисман кам ва қисман афв мефармояд ва ҳоказо...

Принсипи дигари сулҳҷӯии онон иборат аз ин буд, ки мудофиа ва ҳимоя намудани ҳукумати амирӣ, ки пойдоркунанда ва ба амал гузаронандаи шариат ва исломият мебошад, на танҳо аз тарафи як қисми ками аҳолӣ (мансабдорон ва рӯҳониён) бояд мудофиа карда шавад, балки тамоми мусулмонон ҳама гурӯҳҳои дунёи исломият бояд вай (ҳукумати амирӣ)-ро ) мудофиа кунанд ва ғайраҳо...

Лекин Усмон намояндагони аз тарафи мири Ғарм фиристода шударо ба ҳабс мегирад ва аспҳояшонро аз худ мекунад. Дар ин қишлоқ баъд аз ду рӯз истиқомат кардан боз қувваро як карда ба ӯрдаи Ғарм ҳуҷум мекунанд Дар ин ҳуҷум Усмон бо гурӯҳи худ хеле пурқувват ва мусаллаҳ шуда буд. Рӯзи 25 моҳи декабри соли 1919 буд. Волии Ғарм Кали Неъматуллохон аз касони ба назди шӯришчӣ – Усмон фиристодаи худ то як дараҷа дилпур буда ва умеди сулҳ дошт. Дар ҳамин асно шӯришчиён ҳуҷум намуда, бо ҷанги андаке қӯрғони ҳокими Ғармро аз худ намуда, чанде аз амалдоронро кушта ва зиёда аз 20 нафари онҳоро захмдор карда ба ҳабс мегиранд.

Ҳоким Неъматуллохон, барои ин ки саломат халос шавад, зуд ба Усмон таслим шуда ва ба вай итоаткунанда мешавад.

Усмон дар ҳамон вақт ба хубӣ замина ва имконият доштааст, ки ҳукумати кӯҳна ва усули вайро тамоман барҳам зада, шӯришро бо аз миён бардоштани усули подшоҳӣ ва ҳукумати кӯҳна натиҷанок кунад. Вале камбудӣ ва хатои калони вай дар шӯриш ин аст, ки вай фақат дубора ҳукуматро «безулм» карда ва «осоиштагии» зиндагонии оммаи ситамкашро бо ҳамон усули истибдодӣ ташкил карданӣ мешавад.

Вай даъво мекардааст: «Ман худ ҳокими мустақил шуда ва оммаро аз ҳамаи ин бори вазнини зулм халос хоҳам кард».

Вай барои ҳамин мақсад: мансабдорон ва уламоёни мавҷударо дар Ғарм ҷамъ карда, маҷлиси маслиҳатӣ барпо менамояд. Дар ин маҷлис Усмон вазифаи шӯриш ва мақсади худро баён мекунад. Ва аз нав дар Ғарм барпо кардани ҳукумати мустақили худаш ва аз андозҳо озод кардани оммаро ба пеш мегузорад. Дар ин маҷлис эшоғбошии бадахшӣ, Муҳаммад Саид-бӣ, Мулло Ғиёс тӯқсоба, Мирзо Давлат эшоғбошӣ, Давлатбек-бӣ, Ҳақназар эшоғбошӣ иштирок доштанд. Дар охири ҳамин маҷлис Мулло Одина ном шахс аз тарафи шӯришчиён дар Қӯрғон ба ҳокимӣ интихоб карда мешавад ва ба вай дар бораи ҳукуматдорӣ бо мақсади нав маслиҳатҳо медиҳанд. Баъд аз ин хазина ва доройи қӯрғон ва амалдорони муқобил баромадаро тала ва тороҷ менамоянд. Усмон дар қӯрғон ҳамроҳи Мулло Одина ва Файзӣ (яке аз шарикони Усмон) 50 нафар отрядро гузошта, худ дар байни омма бар зидди шиори «ғазои худоӣ» масъала мегузорад, ба Амир Олимхон омада ёрмандӣ доданро манъ мекунад ва як қатор андозҳои вазнинеро, ки ба сари халқ бор карда буданд, барҳам медиҳад. Бо вуҷуди он вай натавонист, ки мақсади асосии шӯришро таъмин намояд. Зеро вай ба истисморчиён, ба руҳониён фишори қатъӣ надода ва бо ин кораш ба он сабаб шуд, ки душман имконият ёфта ба кори иртиҷоии худ иқдом намояд. Ӯ муддати 8 рӯз дар Ғарм истиқомат намуда бошад ҳам, лекин бо заҳматкашони дигар, ки аз Ғарм сар карда то Обигарм мезистанд, пешакӣ алоқаи худро мустаҳкам карда ва онҳоро ба тарафи худ кашида натавонист. Ин саҳви бузурге буд дар муборизаи вай бар зидди режими ҳоким.

Тамоми ин гуна шӯришҳои деҳқонӣ ва ниҳоят тамоми ҷунбишҳое, ки характери оммавӣ доранд, дар таърих номағлуб намондаанд. Ин гуна шӯришҳо дар

ҳамон вақт метавонанд муваффақиятнок шаванд, ки онҳо бо шӯришҳои коргарӣ омехта шаванд ва синфи коргар ба вай роҳбарӣ кунад. Агар ба таърихи муборизаҳои синфии ҷамъият мурочиат кунем, аз қабили ин шӯриш бисёрҳо шӯришҳою исёнҳоро мебинем, ки бинобар кам будани нуфузи пролетариат ва аз набудани синфи роҳбарикунанда дучори мағлубият гардидаанд. Шӯриши Усмон ҳам аз қабили ҳамин гуна шӯришҳо ба шумор меравад.

Музофоти Қаротегин фақат дар солҳои охир соҳиби коргарони мавсимӣ шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз хоҷагии нимтабииро аз сари худ мегузаронид. Дар ин сарзамин ақаллан як ташкилоти фирқаи сиёсӣ ҳам вуҷуд надошт. Ин аст, ки ҳамин шӯриш, ки дар вай коргарони мавсимӣ иштирок дошта ва дар даври ниҳоят муҳим-даври ғалабаи Инқилоби Октябр дар Осиёи Миёна – даври барҳам зада шудани анъанаҳои феодалӣ ва ҳокимияти подшоҳӣ сар зада буд, қариб буд ғалаба кунад. Лекин ин шӯриш барои мустаҳкам ба идораи худ наистодани фоилаш ба зудӣ маҳв гардид. Аммо ба ҳар ҳол, ин шӯриш дар таърихи муборизаҳои синфии заҳматкашони тоҷик аҳамияти сиёсии бузург дорад.

## Мағлубияти шӯриш

Дар муддати 8 рӯзе, ки Усмон бо дастаи худ дар Ғарм қарор гирифта истода буд, иртиҷоиён фурсат ёфтанд, ки барои мағлуб кардани шӯриш аз имкониятҳо истифода баранд. Аз Ғарми поён то Обигарм ҳанӯз ба таъсири Усмон надаромада буд. Зотан дар байни мардумони кӯҳпораҳои аз Ғарм поён коргарони мавсимӣ ва ҳамфикрони Усмон ниҳоят кам ва ҳатто ба дараҷаи ҳеҷ буданд.

Мана ҳамин ҳолат барои дар Ғарм тинҷ истодани Усмон халал расонд. Вай аҳолии Ғарми поёнро ба зери таъсири худ даровaрда натавониста буд, ки ин барои иртиҷоиён заминаи калонеро ба вуҷуд овард.

Иртиҷоиён ба сифати махфӣ бо қишлоқҳои Ғарми поён ва Обигарм алоқаи махфӣ баста, ба воситаи амалдорони рӯҳонӣ ба муқобили Усмон мурочиатномаҳои динӣ ташкил карданд ва оммаро ба тарафи худ кашиданд. Аз як тараф, иртиҷо ба сифати махфӣ қувват ҷамъ кунад, аз тарафи дигар, дар Ғарм ба Усмон хушомадгӯӣ, меҳмоннавозӣ намуда, ӯро чунон бовар кунониданд, ки вай ба вуҷуд омадани аксулҳаракатчигӣ боварӣ накард. Дар ин ҷо ҳам боз саҳви бузург ва бетактика будани Усмонро мушоҳида мекунем. Вай ба ҷои ин, ки ба аксулҳаракатчиён зарбаи ҳалкунанда диҳад, баръакс ҳушёриро аз даст дода, ба маслиҳатҳои дурӯғи онон фирефта шуд ва бовар мекард, ки гӯё онҳо тарафдори вай бошанд.

Аксулҳаракатчиён дар рӯзи 3 моҳи январи соли 1921 қувваи иртиҷоии худро, аз як тараф, дар дашти Сари Пули Зоғак ғундошта, аз тарафи дигар, ба Усмон маслиҳат медиҳанд, ки вай бо отряди камшумор ба тарафи поён биравад ва бо халқи он ҷо алоқа баста фикр ва мақсади худро ба онҳо бифаҳмонад. Дар ин вақт ба Усмон маслиҳат медоданд, ки бо отряди калон наравад, зеро боиси нотинҷии халқ шуданаш мумкин аст ва фақат бо 50 нафар рафтанашро муносиб мешуморанд. Усмон ҳам аз рӯи маслиҳати ҳамин чашмбандон амал карда, бо 50 нафар отряд аз Ғарм поён рафтанӣ мешавад ва боқии аскари худро бошад, ба гумони ин, ки акнун вилоятро шикаста гирифтасту дигар аз ҳеҷ тараф ба вай хавфу хатар нест, қисман ба ҳавлиҳояшон ҷавоб медиҳад, қисми дигарро дар Ғарм мемонад.

Аз ин амният эълон кардани Усмон Саид Саъдӣ, ки

яке аз фаъолтарини шӯришчиён мебошад, норозӣ шуда, ба Усмон мегӯяд:

– Аз ин рафтори ба фикри мансабдорон амал карданат, ҳамроҳи худ ба тарафи Ғарми поён аскари бисёр набурданат, албатта саҳв мекунӣ, зеро дили ман гувоҳӣ медиҳад, ки ба ҳамин баҳона туро дастгир намуда, тамоми моро торумор карданӣ ҳастанд.

Усмон бошад, гапи Саид Саъдиро писанд накарда меравад. Рӯзи сешанбе офтоб аз теғаи кӯҳи Мунданул намоён шуда, барф дар замин қариб як метр боридааст. Усмон бо мақсади ин, ки рафта бо аҳолии тавобеи поён аз Ғарм гуфтугузорҳо карда, нуфуз пайдо менамояд, бо ҳамроҳии 50 нафар рафиқони худ ба тарафи дараи Тактоба ва Шал сафар мекунад. Ба дашти Бинии Гирдоб ном ҷой омада мерасад. Онҳо, вақте ки ба тарафи дашт мегузаранд, тамоми рӯи даштро аз анбӯҳи халоиқ пур мебинанд. Мардумон ба воситаи тайёрии комиле, ки аз тарафи аксулҳаракатчиён дида шуда буд, ба муқобили Усмон баромада буданд. Аксарияти онҳо амалдорон ва авлодони онҳо буда, қисми дигарашон аз деҳқонони фиребхӯрдаи камбағал ва миёнаҳол буданд

Саид Саъдӣ, иштирокчии фаъоли шӯриши Усмон дар дашт Ҳаким ном амалдор – тӯқсаборо мебинад, ки ба халқ сардорӣ карда истодааст, ба тарафи вай рафта сабаби ҳуҷум овардани онҳоро пурсиданӣ мешавад. Саид дар ҳамин замон аз тарафи аксулҳаракатчиён ба даст меафтад, пас онҳо ба тарафи Усмон ҳуҷум меоваранд. Дар ҳамин дашт ҷангу хунрезии пурзӯре ба вуҷуд омада, зиёда аз 25 нафар мурда ва бештар аз 100 кас маҷрӯҳ мешавад. Усмон мебинад, ки ҳуҷум сахт аст, ба тарафи Ғарм мегурезад. Вай бо ҳамин аз қалъаи Ғарм ҳам гузашта, ба қишлоқи Нимич меравад. Иборат аз 400 нафар шарикони Усмон, ки дар Ғарм буданд, аксарияташон ба даст афтида захмдор ва кушта

мешаванд. Шумораи шӯришчиёни кушташуда зиёда аз 200 нафар мебошад. Усмон акнун мағлуб шуда ва пушаймон мешавад.

Вай дубора дар қишлоқи Мазор рафта бо рафиқонаш тарафдорони худро ташкил мекунад. Вай дар муддати ним ҳафта тамоми тарафдорони боқимондаи худро ҷамъ карда дубора ба қалъаи ҳокими Ғарм ҳуҷум менамояд. Вай ин маротиба бо ҳамроҳи 1300 нафар ҳуҷум кардааст, ки аксарияти онҳо аз табақаи пасттарини фақирон будаанд.

Ин маротиба дар Чаҳоршоха ном ҷои васеъ ҷанги хунин сар мешавад. Як рӯз ҷанг давом карда ва ғайр аз кушта шудани ҳамдигар ҳеҷ тараф ғолиб намеояд. Дар рӯзи дуюм дубора волии Ғарм таслим шудани Усмонро ба воситаи мактуби махсус талаб карда ва дубора ба амали калон сарфароз кардани вайро дар мактуб менависад. Вале Усмон боз сулҳ накарда ба ҷанг шурӯъ мекунад. Дар ҳолати давоми ҷанг Мулло Мирзо Умед ном рӯҳонӣ масъалаи барҳам задани байни ҷанги байни волии Ғарм ва Усмонро ба шакли дигар оварда, барои аз ҳуҷум баргардонидани Усмон бо чанд нафар амалдорони дигар, ки дар вақти шӯриш зоҳиран ба тарафи Усмон гузашта ва ба сурати махфӣ бо волии Ғарм алоқа доштанд, кӯшиш мекунанд. Онҳо ба Усмон маслиҳат медиҳанд, ки аз ин кор барои мардум ҳеҷ фоида нест. Ҷангро боқӣ гузошта, аз Ғарм боло – тавобеи Ҳойитро ба ихтиёри худат гирифта, аз Ғарм поёнро ба волии Ғарм бидеҳ. Волии Ғарм ба ин розигӣ хоҳад дод. Бо ҳамин восита боқимондагони рафиқони асиршудаи ту низ аз ҳабси волии Ғарм озод карда хоҳанд шуд. Усмон ба ин маслиҳати онҳо дубора фиреб хӯрда, аз ҷанг боз гашта ин масъаларо пазониданӣ мешавад. Баъд аз ду рӯз, дар вақте ки Усмон дар қишлоқи домулло Мирзо Умед бе тайёрӣ нишаста буд,

дубора амалдорони акси шӯриш ба вай ҳуҷум оварда, дар ҳамон ҷо чандин нафар шарикони вайро маҷрӯҳ ва чандин нафарашро кушта Усмонро гуреза мекунанд.

Ҳокими Ғарм ба Муҳаммад Назарбек – каравулбегӣ ваъда медиҳад, ки агар Усмонро баста биёварад, ӯро ба амали мирохӯрӣ хоҳад гузаронид. Усмон шаб дар хонаи Мулло Икром ном шахсе аз қишлоқи Мирзо рафта меистад. Дар ҳамон шаб Муҳаммад Назарбек ба Мулло Икром ба сурати махфӣ хат навишта, Мулло Икромро барои ба амалдорӣ таъин кардан ваъда дода, ӯро ба таъсири худ мегирад. Шабона дар хонаи Мулло Икром Усмон ва як қатор тарафдорони вай дастгир карда мешаванд. Пойҳояшонро дар шиками асп баста, шабона ба қурғони Ғарм меоваранд. Дар рӯзи равшан, вақте ки дар байни халоиқ ӯро аз шиками асп кушода мегиранд, аз сари бо қундоқи камони Муҳаммад Назарбек кафонидашудаи Усмон хун ҷорӣ буд. Вайро аввал бузкашӣ карданӣ мешаванд ва қисми амалдорон ба ин ризо намешаванд, ниҳоят ӯро ба ҳабс гирифта пинҳонан аз чашми халқ куштанӣ мешаванд. Дар муддати 5 рӯзи дигар дӯстони боқимондаи Усмон, аз қабили Мулло Тош, Саид Саъдӣ ва ғайраҳо низ ҳабс карда мешаванд. Мағлубияти шӯриш ба табақаи ситамкаши кӯҳистон ниҳоят ғуссаи бисёре меоварад. Пас аз ин аксарияти мардуми Ғарми Боло – тобеи Усмон ба тарафи Фарғона барои кор мераванд.

Дар рӯзҳои сардии зимистон, аввал баданҳои Усмон ва тарафдорони ӯро чок-чок карда намак мепошанд ва баъд аз он аз сари онҳо оби хунукро оҳиста-оҳиста рехта мекушанд. Хабари кушта шудани Усмон дар байни халқ паҳн мегардад. Норизогӣ ва ҳаяҷони омма боз зиёда мегардад.

Масъала ба ҷое мерасад, ки мардум аспҳои савории худро кушта мехӯранд, то ин ки ба фоидаи амир ба

ҷанг бурда нашаванд. Ҷавонҳое, ки барои «ғазои худоӣ» хабар дода мешуданд, шабҳо гурехта ба тарафи Фарғона ва ба тарафи аскарони сурх, ки дар водии Ҳисор ба муқобили амир ҷанг мекарданд, меомаданд.

Занон ва мардуми қишлоқии мазлум бо дилҳои озурда ва чашмҳои гиряолуд дар ҳаққи Усмон таронаҳои ширин бофта мехонданд. Саҳар дар болои ях – дар гирдоби Вахш, ки поён аз Ғарм аст, мурдаи бекаллаи Усмонро авлодонаш ёфта мебаранд. Авлодони вай ва амалдорони ҳамонрӯзаи қишлоқашон Муҳаммадсаид 4000 тангаи бухорӣ дода, мурдаи Усмонро берун аз гӯристон – дар қишлоқи Ниголиқ гӯр мекунанд.

Дар таронаҳои халқ ваҳшиёна кушта шудани Усмон ва ёфтани ҷасади мурдаи вай ниҳоят пурсӯзу гудоз тасвир карда шудааст.

Дар соли 1921, вақте ки аввалин бор Аскарони Сурх кӯҳистони Ғармро гирифта, мазлумони канораи кӯҳро аз даҳшати зулм озод карданд, қотили Усмон Абдул Маҷид мирохӯр ва Муҳаммад Назар бо дасти аскарони сурх кушта шудаанд. Дар айни замон дар қишлоқ марқади вай бардошта шудааст ва шариконаш, ки дар Фарғона ҳамроҳаш кор мекардаанд, дар марқади вай як байроқи сурх задаанд...

Шӯриши Усмон дар кӯҳистони Ғарм то ба ин дараҷа ба оммаи ситамдидагон таъсир кардааст, ки созандагон ва ҳофизон марсияҳои дар бораи вай гуфта шударо мехонанд, гӯшдиҳандагон беихтиёр мегирянд.

## *Ҳ И К О Я Ҳ О*

# МАН АЗ ҲЕҶ ҲАР ЧИЗАМ

Зиёда аз 17 соли аҳди ҷавонии худро ман дар зери бори гарони алам ва ғусса гузаронидам. Падарам Муҳаммад-Алии чӯпон 70 сол умри худро чӣ тавр гузаронид? Тамоми умри вай аз 17 соли умри аҳди ҷавонии ман талхтар гузаштааст. Вай дар ҳамаи 70 соли умраш ба боён хизматгорӣ ва чӯпонӣ кардааст.

Дар ёд дорам, вақте ки марг падарам Муҳаммад-Алии чӯпонро ба ҷон додан ва маро ба ятим мондан маҷбур менамуд, падарам бисёр оҳ мегуфту афсӯс мехӯрд, ки дар умраш ҳаргиз рӯзи хуб ва хурсандиро дида натавонист. Ман ҳанӯз инро фаромӯш намекунам. Дар он вақтҳо ман 15-сола будам, пайраҳаҳои каҷу килеби зиндагониро он қадар ҳам нағз намедонистам, танҳо дар корҳои чӯпонӣ ба падарам ёрмандӣ мерасонидам.

Дар болини касалии марг оҳу нолаҳои пуртаъсири падарам ба ман низ таъсир нокарда намемонд. Ин таъсирҳо ҳатто маро маҷбур мекарданд, ки бо оҳу фиғон гиря оғоз кунам, то ки гӯши одамон аз доду фарёди ман кар бишаванд...

Лекин додрасе набуд. Дар он вақт гиря ва нолаи зиёд ҳам ҳеч фоидае надошт. Модари пир низ додрас шӯда наметавонист. Танҳо вай ҳам бо ман нишаста гиря мекард. Падарам дар болини хориву зорӣ ҷон дод ва маро ятим гузошта рафт...

Яъқуб Дурмани сариосиёгӣ, ки хӯҷаини охирини падарам буд, аз мурдани падарам он қадар ҳам хафа

нашуд, чунки акнун ба ҷои падарам молҳои Яъқуб Дурман (бои машҳури райони Сари Осиё)-ро ман ҳам нигоҳубин карда метавонам. Бо ҳамин дар синни 15-солагӣ ман аз падарам ятим мондам.

Баъд аз вафоти падарам Яъқуб Дурман барои 20 танга қарзе, ки ба падарам дар даври чӯпониаш дода будааст, маро дар назди қозии шариат бурда, аз забони ман хати қозихонагӣ гирифт, бо он ки ман бояд дар бадали он 20 танга панҷ сол кори хочагии бойро куна-му ҳақ нагирам. Ман ба он амр ҳеҷ муқобилият карда наметавонистам. Аз як тараф, ҷавонӣ, аз тарафи дигар, бекасӣ ва дар болои инҳо хати қозӣ маро маҷбур кард, ки ба ин амр итоат кунам. Дурманбой ба ман гӯшзад карда монд, ки дар муддати ҳамин панҷ сол хӯрдани гӯшту пӯсту хуни ман барои вай шаръист. Қозии шариат низ бо ҳамин ривоят мӯҳри мурдорашро ба коғаз барои ғуломии ман пахш карда буд...

Ман ба дари хонаи Дурманбой хизматгор-ғулом шуда мондам. Ман бо як модар, ки он ҳам хизматгории занони бойҳоро мекард, дигар чӣ мекардам? Дар болои ҳамаи алам ва ғуссае, ки доштам, андӯҳ ва уқубатҳои нав ба нав зам шудан гирифтанд. Ман (қушок-чӯпон) дар канораҳои кӯҳҳо, атроф ва қишлоқҳои райони Сари Осиё рамаи гӯсфандҳои Яъқуб Дурманро бонӣ мекардам, пойлуч, сарлуч ва рӯи сериро надида мегаштам.

Дақиқаҳо аз паи дақиқаҳо, рӯзҳо аз паи рӯзҳо гузаштан мегирифтанд. Моҳҳо ва солҳо низ омада мегузаштанд. Вале ман аз ин дақиқаҳо ва рӯзҳо, аз ин моҳҳо ва солҳо рӯзи хуб ва хурсандӣ намедидам. Ман ба умеди он ки қарзи падарамро адо мекунам ва аз рӯи меҳнатҳои ҳаррӯзаи худ боз осудагӣ ва роҳат мебинам, ба мол ва чизҳои хӯҷаин бо чашми нек ва содиқона нигоҳ мекардам.

Вале ку роҳат ва осудагӣ аз меҳнат? Ку он дақиқа ва моҳу соле, ки алам ва ғуссаро камтар кунад?! – Ин ҳамаро ба дил мегуфтам. Дар он вақт, дар он давр ба ман ҳеҷ фоидае намеовард. Ҳақиқатан он вақт барои ман ва ман барин касон меҳнат бемуддат ва беҳисоб буд, вале ин меҳнати бемуддат ва беҳисоб як зарра ҳам нафъи моддӣ ва маънавие надошт. Хӯҷаинам шиори бойҳоро, ки онҳо «аз ҳаракат баракат меояд, меҳнат роҳат дорад», «шабу рӯз меҳнат кун! Худо баракаташро медиҳад» – мегуфтанд, пандомезона шабу рӯз ба гӯши ман мерехт. Ман ба ин гапҳои фиребдиҳандаи он бой то замоне ҳам бовар мекардам. Шабу рӯз чашм напӯшида меҳнат мекардам. Вале ба ивази меҳнат ман чӣ медидам? Ҳеҷ чиз. – Ман баракат ва роҳати меҳнатро дар он вақт дида наметавонистам. Қарзам ҳам кам намешуду аз баракат ҳам дараке набуд, билъакс, бар болои қарзам қарзҳои нав зам шудан мегирифтанд. Инро бинед, ки қарзам ба ҷои аз рӯи меҳнати содиқонаам торафт кам ва канда шудан, дар он шароит илова шудан мегирифт. Ин аҳвол маро бисёр ҳам ғамгин мекард ва маҷбур месохт, ки дар саҳро ва биёбонҳо, дар кӯҳу кӯталҳо ашки дида рехтаю нола карда гардам:

*На мулкам ҳасту не молам,*
*На кас пурсад зи аҳволам,*
*Зи шаб то рӯз менолам*
*Дар ин кӯҳсори вайрона.*

Ҳеҷ аз хотирам фаромӯш намешавад, ки умр ва саргузашти ман чун умр ва саргузашти Одинаи китоби рафиқ Садриддин Айнӣ пур аз воқеаҳои гиряовар мебошад. Ин аст, ки агар китоби «Одина ва ё саргузашти як тоҷики камбағал»-ро бихонам, бе ихтиёр ба гиря

оғоз мекунам. Агар гӯсфандҳои бой касал шуда мемурданд ва ё аз ҷойҳои ҷарӣ афтода маиб мешуданд, қимати он ба рӯи нархи кори якрӯзаам ва ба болои қарзи падарам ба гардани ман бор карда мешуданд. Калтак ва зулми бой вазнинтар мешуд, мӯҳрҳои хати қозӣ низ аз рӯи шариат ва ҳамин «асосҳо» зиёд шудан мегирифтанд... Ҳаёт дар он вақт ҳамин тавр буд.

Чунон ки дар боло ишорае рафт, зиёда аз 6 сол хизмати содиқонаи ман ба Яъқуб Дурман ба ман на танҳо ҳеҷ фоидае нарасонид, балки гарданкаҷии маро зиёдтар кард. Ин меҳнат ҳеҷ лаззати зиндагӣ ба ман наовард.

Мушту лагади хӯҷаин, гурусна ва урён гаштан маро аз зиндагӣ безор карда буд. Дар он вақт чӣ рӯзҳои сахт ва тирае доштам... Дар баҳорон сабза ва себаргаҳои саҳро, ки аз файзи абрҳои гуҳарпош баҳра гирифта, сабзида баланд мешуданд, шоҳиди қатраҳои ашки чашмони ман низ буданд. Дар баҳорон дар ҳангоми гулу лола ҳар кас хурсанд мешуд, дар назарам фақат ман ғамгин будам.

Сахтии ҳаёти чӯпонӣ маро маҷбур кард, ки аз райони Сари Осиё гурезам, ҷое биёбам, ки зулм ва истисмор дар он ҷо камтар бошад. Ман аз он ҷо гурехта омада дар тобеи Регар-водии Ҳисор ба хонаи Домулло Турдибои регарӣ ба хизматгорӣ даромадам. Аз ҳамин сол сар карда аз модари пир ва нотавони худ низ ҷудо шуда мондам.

Мулло Турдибой дар аввал ба назарам хуб ва меҳрубон менамуд, вале баъди ду ҳафта маълум шуд, ки феъли ӯ ҳам монанди ҳамон хӯҷаини аввала будааст. Барои ман фарқи хӯҷаини аввала ва ҳозира дар ин ҷост, ки Яъқуб Дурман одами бадафти кӯса, золим ва бадҷаҳл буд, вале Мулло Турдибой одами серриши золим ва серқаҳр буд. Ана бинед, фарқи онҳоро дар

серришию кӯсагии онҳо дидааму халос. Дар ҳамон вақтҳо солам ба 21-22 расида буд. Ҳамаи кор ва меҳнати хонаи Мулло Турдибойро ман буд мекардам, лекин дар вақти хӯрок хӯрдан ба ман монанди ин ки ба саг луқмае мепартофтанд, нон медоданд. Дар назари онҳо хизматгор ва меҳнаткаш чун саги дари хонаи онҳо низ қимат надошт. Ман шабҳо дар коҳдон, дар байни коҳҳо мехобидам. Гӯё ҷои осудагӣ ва истироҳати ман ҳамин коҳдони хӯчаин буд. Вале дар коҳдон бошад ҳам, бо роҳат хоб кардан дар кучост, магар ҳамин ҳам барои ман муяссар буд? Не! Ситораи субҳӣ набаромада овози дашном ва фарёди Мулло Турдибой баланд мешуд.

– Қӯшоқ! Ҳо Қӯшоқи падарлаънат! Бархез, ба гову молҳо коҳ деҳ! Гандумдаравӣ бирав!..

Ман бармехестам, аз паи ҳукми хӯҷаин равона мешудам, гурусна будам, урён будам...

Бубинед, зиндагии ман аз ҳамин иборат буд!

Ман 17 соли тамом, баъд аз 15-солагӣ бо ҳамин азоб умр ба сар бурдам.

Монанди дари хонаи хӯҷаини аввала ва охирин, дари хонаи бисёр чунин золимонро дидам. Оё ин барои чӣ буд? Барои як порча нон буд! Ман дари хонаи Каримбои мумсик, Бобо Алии лаин ва эшони Қутбиддини яхакпастӣ (яке аз қишлоқҳои Ғарм), ки ин хоин ҳам дар Чаги Бозор зиндагонӣ мекард, гашта ва хизмат карда, ба ивази заҳматам тӯҳмат мегирифтам. дигароне, ки ман ба онҳо хизмат кардам, ҳарчанд агар дар шаклу башара аз ҳамдигар фарқ доштанд, вале дар истисморкунӣ ҳама аз ҳамдигар бадтар буданд...

Соли 1922 Аскарони Сурхи коргару деҳқон Эшони Қутбиддин – хӯҷаини охирини маро дастгир карда, дар он ҷое ки вай ба муқобили аскарони сурх ҷанг карда, хунҳо рехта буд, ӯро паррониданд. Аз ҳамон рӯз сар

карда ман аз азоб ва бори вазнини алам ва ғуссаи даври гузаштаи амирӣ халос шудам. Ҳозир бошад, бисёр вақтҳо ҳамон рӯзҳои бо ғаму ғуссаҳо гузаронидаам ба хаёлам меояд; умр бисёр чизҳоро медидааст. Баъзан, вақте ки мурдани падар ва азобҳои аҳди ҷавонии худро, ки дар даври амирӣ дида будам, ба ёд меорам, чунин менамояд, ки ҳар кадоми онҳо монанди тири туфанг диламро шикофонида, аз назарам мегузаранд ва ё гӯё ҳамаи вазнинии заминро ба болои сари синаам бор мекунанд.

Ана, ман чӣ будам? Ман, Қӯшоқ Муҳаммад Алӣ, дар даври амирӣ ҳеҷ будам. Касе маро одам ҳам намегуфт. Танҳо золимон маро чун ҳайвон кор мефармуданд. Дар он вақт дар назари касоне, ки хуни маро мемакиданд, ман ҳамин гуна чизе будам, ки аз хуну пӯсти ман танҳо барои маишат истифода кардан даркор будаасту халос, дигар ҳеҷ будаам.

Оре, ҳамин корҳо ва ҳамин муомилаҳои он давр – даври истибдод ва зулм маро ҳеҷ карда буд. Дар ин азоб ва алам ман танҳо набудаам – миллионҳо низ будаанд, ки чун ман азоб мекашиданд ва истисмор мешуданд...

Зулм ва тааддии амалдорон ва истисмори боён ҳамаи моро аз ҷон сер карда буд. Аскарони сурх, ки бо ёрмандии калтакдорони сурх ба муқобили ҳамаи он золимҳо баромада буданд, то рафт ғалаба мекарданд. Инқилоб шуда шарораҳои оташи он аввалин бор ҳокимиятеро барҳам зад, ки вай ман ва ман барин касонро гирифтори банду басти аҳли сарват карда буд.

Аскарони Сурх аз амири Бухоро ва амалдорони вай, аз Мулло Турдибой ва аз Яъқуб Дурман ва Эшони Қутбиддин барин золимон интиқоми маро гирифта дод. Хунҳо рехта шуданд. Босмачиён мағлуб шуданд. Дар қишлоқҳои мо Ҳукумати Шӯрой – ҳукумати кор-

гару деҳқон барпо гардид, шарокатҳои қишлоқ ташкил ёфт, ба мо ин шарокатҳо ёрмандӣ расониданд, имконият пайдо шуд, ки мо аз дараҷаи ҳеҷ ба ҳар чиз расем...

* * *

Соли 1929 ман бо ёрмандии шарокати қишлоқ аз рӯи пули қарзи 10-солае, ки аз тарафи ҳукумат ба мо дода шуд, гов харидам, замин гирифтам, аз ҳамин рӯз ба кори деҳқонӣ, ба меҳнати бе истисмор сар кардам.

Соли 1930 дар райони Янги Бозор яке аз солҳои ниҳоят ҷиддии мубориза ба муқобили ҳамин истисморчиён – бой ва кӯлакҳо буд. Баъд аз он, ки ман дар ин мубориза ба намояндаҳои шӯроии районӣ ва марказӣ ёрмандиҳои амалӣ расонидам, асрори душманони синфиро фош намудам, маро ба аъзогии колхози «Меҳнаткаш» (ҷамоати Қара Сӯ, райони Янги Бозор қабул карданд. Рӯзи қаҳрамонӣ дар меҳнати ман аз ҳамин рӯз сар мешавад. Дар ҳамин сол душманон зиндагии ман ва рафиқонамро дида натавониста, хостанд, ки колхози моро василаи истисмори худашон қарор бидиҳанд.

Азимбои кулак раиси колхози мо шуда, Юсуфбой, Холманбой барин кулакҳоро ба сардории бригадаҳои колхози мо гузаронид. Дар натиҷа онҳо даромади меҳнати ҳамонсолаи моро ғорат карданд. Ман масъалаи онҳоро ошкор мондам, охир ба партия ва ҳукумат дар бораи фош карда шудани онҳо фаҳмонида ва ниқоби рӯи наҳси онҳоро дарронидем... Онҳо дар ин ҷо низ мағлуб шуданд.

Колхозро аз нав мустаҳкам карда ба кори зарбдорӣ гузаштем. Ман дар аввали соли 1931 ба сардории бригадаи рақами 2-и колхози «Меҳнаткаш» гузаштам. Ин дар натиҷаи фаъолият ва кори содиқонаи ман дар кол-

хоз ба вуҷуд омад. Колхози мо, ки аз тӯдаи камбағалон ва ман барин батракҳо ва чанде аз деҳқонони миёнаҳол ташкил шуда буд, рӯ ба тараққии рӯзафзун гузошт. Дар колхози мо корҳо нағз шуда ва хоҷагӣ мустаҳкам мегардид. Аъзоёни бригадаи ман заминҳои пур аз ғумой ва аҷрикро аз алафҳои бегона (он заминҳо фақат ҳамчун чарогоҳ истифода бурда мешуданд) тоза карда, дар ҳамон заминҳо пахта коштанд. Пахтаро нағз нигоҳубин кардем. Дар натиҷа ҳамон сол плани пахтаро мо 80 фоиз барзиёд – 180 фоиз иҷро кардем.

Мо нишондодҳои Комитети Марказии партияро дар колхозамон мешунидем, нафаҳмидаамонро мепурсидем, ба дигарон мефаҳмонидем ва ба зиндагонӣ татбиқ мекардем. Сол то сол ҳосили пахта ва даромади меҳнати мо дар колхоз барзиёд мешуд. Мо бо ифтихори тамом дар соли 1933 плани пахтасупориро 272 фоиз иҷро кардем. Маро ба сафи зарбдорон гузарониданд. Комиссариати зироати (Вазорати хоҷагии қишлоқи) Тоҷикистон меҳнати босадоқати маро ба назар гирифта, бо 1000 сӯм мукофот ифтихорманд гардонд. Дар колхоз кор карда зан ҳам гирифтам, тӯй ҳам кардам. Ҳаёт акнун ба коми ман гашт.

Бинед, акнун ман дар бораи ин ки ман кӣ будам ва чӣ шудам, шабу рӯз дар фикр ва хаёл ҳастам, ҳатто баъзан ба назари ман менамояд, ки хоб мебинам. Чашмро мекушояму мебинам, ки ин на хоб аст ва на хаёл, балки ҳаёти ҳақиқӣ ва хушбахтист. Ин аст, ки ман то рафт пурқувват ва далер мешавам. Мана ин тавр, даври шӯро – даври ман аст. Ман даври меҳнат ва баракати вайро акнун ёфтам. Акнун дар натичаи ин меҳнати содиқона ҳақиқатан роҳат дидам ва мебинам.

Шабҳои дароз дар кори иҷрои вазифаҳои бригадаи худам аз шавқ хобам намебарад. Соли 1934 бригадаи

ман дар мусобиқаи иҷтимоӣ ғалаба кард, имсол низ ҳосили пахтаи мо аз солҳои гузашта барзиёд шуд.

Ман ба анҷумани 1-уми зарбдорони колхозҳои Тоҷикистон низ хушбахтона иштирок намудам. Ман на танҳо дар анҷуман бисёр чизҳоро фаҳмидам, балки ба иҷрои онҳо кӯшидам, бо камоли шавқ ва завқ хулосаҳои анҷуманро ба ҳамаи колхозчиёни ҷамоат мефаҳмонидам.

Аввали соли 1935 аз тарафи колхозҳои пешқадам ва зарбдорони колхозҳои райони Янги Бозор маро ба вакилии анҷумани Умумииттифоқии колхозчиён ва колхозчизанони зарбдор фиристониданд.

Барои ин ки ман ба Москва меравам, ман дар он ҷо роҳбарони партия ва ҳукуматро мебинам ва ҳатто бо онҳо шояд гап мезанам, то рафтан ба Москва шаб ва рӯз завқи ман меафзуд. Ман аввалин бор ба поезд савор шуда ба шаҳрҳои калон мерафтам. Вақте ки ба Москва расидам, як чизро ҳис кардам, ки ҳеҷ аз хотирам намеравад. Вақто ки ман аз қишлоқ омада Душанберо дидам, ангушти ҳайрат газида будам, ки ҳайронии ман дар Москва садҳо дараҷа зиёд шуд. Таассуроти Душанбе дар фикри ман чунон нақш баста буд, ки ҳаргиз гуфта наметавонам. Ин харобазори дирӯзаи майдони ҷавлон ва ғорати амирони манғитии Бухоро, ки дар як муддати кӯтоҳ имрӯз гул-гул шукуфтааст, ҳар як касро ҳайрон мекард...

Душанбе, қишлоқи хурдакаки собиқ, ки ҳозир дар он кӯчаҳои бузург, сохтмонҳо ва ободонии бисёреро мебинед, ҳамин даҳ сол пеш ҷангалзоре буд, ки фақат ҳайвоноти ваҳшӣ зиндагонӣ мекарданд. Вақтҳое ки мо чӯпонӣ мекардем, рамаи бои регариро ба чарои тобистонӣ оварда, аз ин ҷо гузаронида, ба кӯҳҳои Қаротегин мебурдем, шабҳо дар ин чӯл аз тарс истода наметавонистем. Вале акнун аз тарси поезд ва аэро-

план, завод, фабрик, автомобилҳо – аз ҳамаи ин сохтмонҳо ва ободонии шаҳр ҷонварҳои ваҳшии ин чӯли собиқ рамида рафтанд...

Дар Душанбе – маркази ҷумҳурияти мо барои нағз кардани аҳволи зиндагонии мо ва тараққӣ додани мамлакати мо, ҳар гуна гигантҳо, саноатҳо ва бинокориҳои гуногун сохта шуд ва шуда истодааст.

Аммо Москва чӣ?

Ман Москваро, Москваеро, ки мешунавидам ва диданашро орзӯ мекардам, бо чашми худ дидам. Акнун Душанбе нисбат ба ин ҷо ба назарам хеле хурд менамояд. Ин шаҳри азим маркази ватани социалистии мо – меҳнаткашони Иттифоқи Советӣ – Москва хеле ҷои маҳкам аст. Дар Москва маро бисёр хурмат карданд. Ман дар Москва аҷоиботҳои бисёре дидам. Завод, фабрикаҳо, станцияҳои зеризаминии поездметроро рафта тамошо кардем. Ман ва чанд нафар рафиқони зарбдор ва зарбдорагони колхозҳои ҷумҳуриятҳои дигари Иттифоқи Шӯроҳо бо хурсандӣ ва шавқу завқ Москваро тамошо кардем.

Мо ҳамагӣ як рӯз ба марқади рафиқ Ленин рафтем. Ман дар марқад даромада доҳиро дидам ва ба орзӯе, ки дар борai дидани вай доштам, расидам.

Ман Москваро бисёр дӯст доштам. Баъд аз он, ки Москваро дидам, дилам дар бораи иқтидори бузурги мамлакат ва ҳукуматамон боз ҳам ҳиссиёти муҳибонаи пурқуввате пайдо кард. Ман боз далер ва шуҷоатманд шудам. Ҳақиқат будааст, ки шоирони мо дар ҳаққи Москва менависанд:

*«Ту Маскави дили пуркори ленинизми ҷаҳон,*
*Динамики зафароини инқилоби замон,*
*Ту, эй бинои фалак, сайри саркашида зи моҳ,*
*Туӣ ба авҷи сурайё шикаста тарфи кулоҳ.*

*Муҳити кори бинову пур аз талотуми ҷӯш,*
*Гудоки фабрикаҳоят баланд карда хурӯш.*
*Ҷаҳоннамо шудаӣ дар саноати афзун,*
*Зи рашки ҳастии ту душманат нашаста ба хун.*

Анҷумани дуюми колхозчиёни зарбдор дар зали бузурги Кремл, ки дар вақтҳои гузашта он ҷо подшоҳони рус нишаста золимӣ мекардаанд ва ҳозир дар ин ҷо дар бобати некӯаҳволии зиндагонии меҳнаткашони Иттифоқи Шӯроҳо масъалаҳо муҳокима ва ҳал карда мешаванд, кушода гардид. Ман дар Кремли бузург қариб буд, ки худамро гум кунам. Дар зали азими Кремл садоҳои гуногун аз ҳар тараф ҳар хел шунида мешаванд. Зиёда аз 1400 нафар вакилон – ман барин касон, ки аз ҳар гӯша ва канораҳои ҷумҳуриятҳои сотсиалистии Шӯроӣ барои ҳал кардани масъалаҳои зиндагониашон ба назди Ҳукумати Иттифоқ, ба назди Партияи Коммунистӣ омадаанд, ба зал як-як дохил мешуданд. Якбора садоҳои гуногуне, ки дар зал ҳукмфармо буд, хомӯш шуд... Анҷумани зарбдорон ва зарбдорагони колхозҳои умумииттифоқ кушода гардид. Ғулғулаҳо бо мавҷҳои нав боз ҳам баландтар шуданд. Роҳбарони мо як-як баромада, нутқ мекарданд.

Онҳо дар бораи масъалаҳои муҳимми сохтмони колхозӣ ва вазифаҳои мо гап мезаданд, роҳҳои пешрафт ва мустаҳкам шудани колхозҳоро ба мо ба таври васеъ мефаҳмониданд. Ман ба ҳамаи инҳо бо диққат ва шавқи тамом менигаристам.

Ана бубинед, ман чӣ шудам...

Ҳозир ман хаёл мекунам ва беихтиёр аз таги дилам як вазнииеро мебарорам:

Ман ҳамон Қӯшоқ Муҳаммад Алиеви чӯпон, калтакҳои Дурманбой, азоб ва уқубатҳои давраи гу-

зашта ҳанӯз аз ёдам набаромадааст. Дар он вақт ман ҳеҷ набудам, вале акнун ҳар чиз шудам.

– Чӣ шудам?

– Бинед, акнун ман бо роҳбарони Партия ва Ҳукумат нишаста сӯҳбат мекунам, масъалаҳои беҳтар гардондани зиндагонии худам ва рафиқони худам – колхозчиёни умумииттифоқро ҳал мекунам.

Ана фарқи давраҳои зиндагонии дунё аз куҷо то ба куҷо будааст. Инак ман дар боло гуфтам, ки умр чӣ чизҳоро намедидааст.

Вақте ки мо амир ва амалдорони вайро медидем, ба онҳо бо нафрат ва ҳақорат нигоҳ мекардем. Онҳо моро чун ҳайвон истифода карда, бо мо гап заданро ҳам ба худ ор медонистанд ва намехостанд.

Анҷумани мо, зарбдорони сохтмони колхозӣ, устави нав қабул кард, ки он роҳи нави осудаҳол шудани деҳқонони колхозиро нишон медиҳад. Устави нави барои артелҳо қабул кардаи мо инро ба назар гирифтааст, ки «ҳамаи колхозҳо пурқувват ва ҳамаи колхозчиён осудаҳол» карда шаванд...

Ман ҳозир дар колхоз зарбдорона кор карда, устави навро ҷорӣ мекунам ва воқеаҳои дар анҷуман дидаамро ба ҳамаи колхозчиён як-як фаҳмонида медиҳам, устави артелро ба амал мегузаронам. Ман ин маротиба ба Москва бо ғалабаҳои нави бузурги қаҳрамонӣ ва диловарона меравам...

Ман, Қӯшоқ Муҳаммад Алиеви чӯпони дирӯза, имрӯз озод ҳастам, зӯру тавоно ҳастам, меҳнат мекунам, мисли пештара тамаи як порча нон надорам, билъакс дар қатори ҳамаи аъзоёни колхозамон ба осудҳолӣ наздик расидаам.

# ШЕСТОПАЛОВ

## I

Яке аз шабҳои гарм ва моҳтобии моҳи июни соли 1932 буд. Посбони бинои сафеде, ки дар паҳлӯи кӯҳи Мунданули кӯҳистони Ғарм воқеъ гаштааст, дар пеши бино туфанги худро ба даст гирифта, бо чашмҳои дурахшон ба ҳар тараф менигарист... Рӯшноии моҳтоб аз пушти кӯҳ оҳиста-оҳиста баромада, аз мобайни шох ва баргҳои дарахтони назди бино гузашта ба пеши иморат чун садбарги сафед гул-гул афтида буд.

Сергей Шестопалов дар як хонаи бинои мазкур бо ҳамроҳи якчанд рафиқони худ дар бораи масъалаҳои маълуми ҳамонрӯза – ниҳоят шиддатнок шудани муборизаи синфӣ дар Тоҷикистон, дар бораи дасти хунини манҳуси ба Тоҷикистон дароз кардашудаи империализми Англия – Иброҳимбек ва ба воситаи онҳо ба майдони муборизаи ошкорои мусаллаҳона баромадани синфи мурда истода ва ғайраҳо сӯҳбат мекард.

* * *

Сергей бо як ҳолати ҷиддӣ ба стол такя карда, дар бораи масъалаҳои маълум ба Сангини партизан ва якду нафар рафики дигари худ гап мезад:

– Баҳри муборизa мавҷ мезанад... Душман бо тамоми ҳастӣ ҳуҷум оварда, хун рехтан мехоҳад. Ҳуҷуми душман барои ҳаёти ҳокимонаи гузаштаи худ ниҳоят шакли ҷиддӣ мегирад... Инҳо талвосаи ҷонканӣ ҳастанд... Дар вақте ки нафаси охирини ҷон кашида мешавад, муборизa барои зиндагонӣ, барои раҳидан аз марг чӣ андоза тез мешавад?

– Тамоми ҷисм ба ларза даромада, ҳамаи рагу пай ба муқобили марг бармехезад. Ин ҳуҷум барои нафаси охирин аст. Ин аст, ки ин ҳуҷум дар худ сифати махсуси ҷиддӣ дорад. Душмани қаттоли синфи коргар Иброҳимбек танҳо дар айни замон дар канорҳои кӯҳҳои Боботоғ кор бурда истодааст, вай дар кӯҳистони Ғарм ҳам ба воситаи ҳамсинфон ва ҳаммаслакони худ кор бурда истодааст.

Гапи Сергей ба итмом нарасида буд, ки аз пушти бинои зери кӯҳ овози сумҳои асп шунида шуд.

Баъд аз он ки посбон «кистӣ» гуфта овоз дод, шахси савора «аз они худӣ» гуфта, ҷавоб гардонда, аспи худро ба назди дарахти чинор баста, фуромад.

– Рафиқ Шестопалов ба ман даркор аст,– гуфт вай ба қаровул.– Барои вай хат овардам.

Қаровул хатро аз дасти вай гирифта бурда ба Сергей дод.

Сергей бо як ҳолати саросемагӣ мактубро гирифта ба хондан шурӯъ кард:

– Ҷиргатол. Аъзам бо ҳамроҳи тахминан 40 нафар аз душманони синфӣ бар зидди Ҳукумати Шӯроӣ мусаллаҳ шуда ба ёрмандии Иброҳимбек бархостааст. Вай дар Ҷиргатол ба тамоми бекҳои қабилаҳои қирғиз эълон кардааст, ки «ҳар он касе ки қирғиз ва мусулмон аст, бояд ба ёрдам барояд, агар касе ки ба ёрдам набарояд, сари ӯ барбод хоҳад рафт». Аъзам таҳдид мекунад, ки кӯҳистони Ғармро тамоман ба даст гирифта ба Иброҳимбек медиҳад. Хабари нав табъи Сергейро хира кард.

– Рафиқ Сангин, – гуфт Сергей, – бояд зуд пеши роҳи душман гирифта шавад...

Дар нимаи шаб моҳтоб кам-кам ба тарафи паси кӯҳи Мундавул ҳаракат карда, сояҳои дарахтон ба девори бино афтида буданд. Хиширроси навда ва

баргҳои дарахтон, шаррос зада ҷорӣ шудани дарёи Сурхоб ва нағмаи ҷонварони гуногун ба гӯшҳо мерасид... Дар байни ду соат ба рафиқони ҷангии дигаре, ки берун аз Ғарм буданд, мактубҳо навишта шуд.

Дар ҳамин муддат бисту панҷ нафар ҳарбиён аспҳои худро зину афзор карда тайёр шуданд.

Сергей дар пеши бино дар зери сояи дарахтон рафиқаи ҳаёташ Марияро охирин бор бӯсида, хайр гуфта ба асп савор шуд. Онҳо дар шаби моҳтоб роҳи кӯҳҳои Ҷиргатолро пеш гирифтанд. Овози дунболадори ҷонварон дар нимаи шаб ҳанӯз ба гӯшҳо мерасид...

## II

Бегоҳи яке аз рӯзҳои моҳи июн подаи қишлоқи Данбурачии канори кӯҳҳои Ҷиргатол акнун ба қишлоқ омада истода буд. Бачагон ва духтарони хурдсоли қирғиз аз паи барра ва бузғолаҳо дар кучаҳои қишлоқ ба ҳар тараф медавиданд. Аз поёни қишлоқ овози шаршараи оби кабуде, ки аз кӯҳи пушти қишлоқ фурӯ меояд, бо овози буз ва барраҳо омехта шунида мешуд... Ногаҳ аз пушти қишлоқ як қатор саворони мусаллаҳ омада ба қишлоқ дохил шуданд. Бачагон ва духтарони қирғиз дар кӯчаи байни қишлоқ ба ҳар тараф давида дар хонаҳои худ ба пеши модаронашон мехазиданд, пинҳон мешуданд...

Савори пешаспа, ки дар миёни худ ду таппонча ва як милтиқи карабин дошт, аз Латиф ном бачаи 18-сола меҳмонхонаи Таштанбойро пурсид. Латиф, ки аъзои комсомол буд, «шумо одами ҳукумат бошед, хонаи боён наравед, биёед ман шуморо ба ҷои дигар мебарам», – гуфта ба забони қирғизӣ ҷавоб дод. Аз ин гап савора дар ғазаб шуда аз миёни худ таппончаро кашида «Падарлаъанат! Мардуд! Мо коргари

ҳукумати Шӯроӣ нестем», – гуфта ба синаи вай нигоҳ карда парронд. Латиф баъд аз як дақиқа ба хоктӯдаи байни кӯчаи қишлоқ афтида ҷон дод. Саворе, ки Латифро зада кушт, Аъзам буд. Аз як тарафи кӯча зани қирғиз Идимоҳ мӯй ва рӯйҳои худро канда, куртаи чиркини чити гулдорашро чок карда, ба болои мурдаи фарзандаш давида меомад... Духтарони ҷавони қирғиз аз сарҳои санги байни қишлоқ ба ҳар тараф давида пинҳон шуданд. Онҳое, ки фаъол ва коргари шӯроӣ буданд, ба ҳар тараф гурехтанд. Бегоҳии рӯз дар қишлоқ Аъзам дар меҳмонхонаи Таштанбой нишаст кард. Дар атрофи вай Мӯъмин Шалпар – фарзанди қӯрбошии машҳури янгибозорӣ Азим-Марқа, Ҷаъфар Паҳлавон, Тӯхтар-Туқсабо ва як қатор ҷигитҳои мусаллаҳ нишаста буданд. Аъзам бойҳо ва як қатор бекҳои қабилаҳои қирғизро ҷамъ оварда дар бораи пурқувват кардани дастаи худ ва ёрмандӣ расонидан ба Иброҳимбек масъала монда буд...

Аз поёни суфаи баланди пеши меҳмонхонаи Таштанбой оби шир барин сафед шаррос зада мерафт... Дар лаби об як гӯсфанд кушта ва бирён шуда истода буд.

Дар маҷлис имшаб дар баробари ин ки дар атрофи як қатор масъалаҳои ҷиддии пурқувват кардани дастаи Аъзам гапзанон карда шуд, дар навбати аввал масъалаи ҳал кардани асбоби ҳарбӣ барои дастаи Аъзам истод. Аз байни мачлис Ҳафизбой мегуфт, ки дар масъалаи сафарбарӣ кардани омма ба муқобили ҳукумати шӯроҳо эҳтиёт кардан даркор. Чунки ҳамин фаъолони қишлоқ ганда ҳастанд, худи онҳо моро ба даст меафтонанд. Комилбой, ки як пӯстини ғафси мӯина пӯшида ва чашмҳои танги сурхча дошт, гапро бурида ин гап дуруст, валекин масъалаи асбоби ҳарбиро зуд ҳал кардан даркор, гуфта монд. Вай гапи худро давом дода ба Аъзам нигоҳ карда таъкид кард:

– Фарзандам Аъзам! Ту фарзанди қирғизи мусулмон, Иброҳимбеки лақай ҳам мусулмон – фарзандони фидокори ватани мо ҳастед... Дин ва ватани моро фақат шумо аз ҳар гуна балоҳо халос карда, мусулмонобод ташкил карда метавонед. Лекин бо ин як-ду милтиқ ва бо ин аҳвол ту дар ин ҷо ба Иброҳим ёрмандии дуруст дода наметавонӣ ва ҷони худатро барбод медиҳӣ. Ту бояд аввал масъалаи асбоб ва тирро ҳал кунӣ. Дар рӯзҳои гузашта, вақте ки ман баъзе муваффақиятҳои ҷанги Иброҳимбекро шунидам, як ба тарафи Ҳоит ва ҳамон тарафҳо рафта омадам, ки канӣ дар байни мардумони Поён чӣ гап аст. Дар ҳамин сафарам ба даруни Ҳоит ҳам даромадам. Дар Ҳоит ғайр аз 3-4 милиция ва 5-6 коргар дигар касе нест, ки туро зада бигиранд. Фурсат ғанимат, як шаб ҳуҷум карда дароӣ, ҳар чанд нагӯӣ ҳам, 10-20 асбоб ва як қатор тир захира мегирӣ. Дигар аз ин тараф – он тараф мо саришта карда, фарзандони далери худамонро милтиқ дода, ба ёрмандиат мефиристонем. Бо ҳамин чашми халқро натарсонем, ё батракҳоро тарсонида нагирем, ба ин сустии мо онҳо ба мо ёрмандӣ ҳам намедиҳанд. Чунки нони ҳукумати шӯроиро хӯрда, мазахӯрак шуда, дигар кай парвои ватан ва намоз доранд?

Гапи Комилбой ба аҳли маҷлис маъқул шуд. Аъзам «фурсат ғанимат аст, бояд ҳозир чораи пахш кардани Ҳоитро бубинем» – гуфта монд.

– Кай бояд ҳуҷум кунем? – аз ҷо парида гуфт Ҷаъфар.

– Пагоҳ шаб, – гуфта ҳама ба маслиҳат даромаданд. Барои ин ки пагоҳ шаб комилан имконияти пахш кардани Ҳоитро ёбад, Аъзам ҳамин шаб азми сафар карда, аз болои кӯҳҳои баланд гузар карда, пагоҳирӯз ба пушти кӯҳи Ерхич (пуштаи Еғкич) омад. Рӯзона дар пуштаи Ерхич, барои ин ки хабараш ба шаҳр расонида

нашавад, чанд нафар деҳқонро, ки дар кӯҳ барои дарави гандум рафта буданд, сар зад. Досу панҷшохаи онҳоро ба хунашон рангин намуд.

Дар шаб моҳтоб то як дараҷа ба кори Аъзам халал мерасонд, вале вай аз набудани кувваи ҷангӣ дар Ҳоит дилпур буд. Ӯ лаб-лаби наҳри пушти қишлоқи Ерхич омада ба қишлоқ дохил шуда, дафъатан ба тарафи бинои масҷид асп ронд. Дар нимаи шаб дар қишлоқ дод ва ҳаёҳуи пурзӯре баланд гардид. Раиси ҳукумати маҳаллӣ дар ин дақиқаҳои нозук дасту по гум карда буд. Духтарон аз ҷогаҳҳои хоби ширини худ ба ҳар тараф давида пинҳон мешуданд. Дар байни ду соат шамшери хунин ва ифлоси душман хуни ташкилотчии комсомол Ҷӯраев, раиси ҷамоат ва чанд нафар фаъолро рехт... Баъд аз резонидани хуни чанд нафар коргарон ва хизматчиён Аъзам ба тарафи Ҳоит роҳ гирифт... Ҳамин ки аз байни Ҳоит овози тап-тапи сумҳои аспон шунида шуд, сагони қишлоқ ба ав-ав даромаданд ва мардумони дар хоби ширин буда бедор шуданд.

Аъзам дар ин ҷо ҳам як тирборони даҳшатноке ташкил дод. Шохаҳои дарахтони байни қишлоқи Ҳоит бо тирҳои туфангҳо, ки чун оташак ҷарқа зада мерафтанд, бурида мешуданд... Ба муқобили Аъзам фақат як-ду милитсионери даруни пост тирпаронӣ мекарданд. Аз даруни бинои идораи милитсия як овози даҳшатнок баланд гардид. Тири душман аз синаи як милитсионери сурх гузашта, ҷисми ӯро ба замин афтонд.

Аъзам монанди қишлоқи Ерхич дар Ҳоит низ хунрезии зӯре ташкил дод. Вай аз хуни нӯги шамшери худ имшаб макида то як дараҷа сероб шуд. Вай як қадар асбобҳоро гирифта, ба канораи кӯҳҳои Ҷиргатол равона гардид...

Ҷисми нимҷони милитсионери сурх ба хоку хун метапид... Дар шаби моҳтоб ҷасади вай ба хубӣ дида мешуд... Моҳтоб аз рӯи тараҳҳум чеҳраи мунаввари худро ба ӯ гардонида маҳзун-маҳзун менигарист...

* * *

Пагоҳ аз байни шоххои дарахтони кабуд ва хуррами пушти Ҳоит офтоб шӯълаҳои худро ба ҳар тараф паҳн карда истода буд.

Саҳар, вақте ки деҳқонон ҷисмҳои бародар ва фарзандони аз дасти душман қурбон шудаи худро ба хок месупурданд, Сергей бо отрядҳои худ ағбаи Тӯпиро фурӯ омада, ба Ҳоит дохил шуд. Аспи Сергей ва рафиқони ӯ тез-тез нафас мекашиданд...

Дар сари тобути ҷасадҳои аз дасти душман порапора карда шуда Сергей Шестопалов ба гап медароянд:

– Бародарон, инҳо курбониҳои аввалин нестанд, дар ин қишлоқи Ҳоит на танҳо фарзандони меҳрубон ва ақрабоёни меҳнаткаши шумо аз дасти босмачиён қурбон шуда, ба зери хок рафтанд, балки монанди Маълумбибӣ, Хосият ва Халифа, ки ҷони онҳо дар нӯги пояҳои дори махсум Фузайли босмачӣ баромада буд, қурбон шудаанд. Рафиқон, ин қурбониҳо муфт нахоҳад рафт. Ҳамон аскарони сурхе, ки шуморо бо роҳбарии коммунистон аз дасти ин золимон озод карданд, интиқоми шуморо хоҳанд гирифт.

Иброҳимбек ва ё Аъзам, инҳо барои он мубриза мебаранд, ки дубора дар сари мо ва шумо пояи зулми ҳокимияти кӯҳнаро шинонанд. Вале онхо дигар ба ин мақсад расида наметавонанд. Ҳозир мо ба ҷои ин қурбониҳо интиқом мегирем, мо ҳозир аз паи душман баромада меравем, мо ба аскарони сурхе, ки дар муқобили Иброҳимбек дар канораҳои кӯҳҳои Боботоғ ҷонсупорӣ карда истодаанд, саломи худро мерасо-

нем... Мо ба онҳо ваъда медиҳем, ки канораи кӯҳҳои Ғармро аз душманони Ҳукумати Шуроӣ пок карда ва ба ёрмандии онҳо меравем...

Сергей гапро тамом кард. Ҳамин рӯз ҷасадҳои қурбоншудагон ба хоки сиёҳ супурда шуд. Дар ин фурсат аспи Сергей ва рафиқонаш ба хубӣ дам гирифтанд ва аз алафе, ки деҳқонон оварда буданд, сер шуданд. Сергей ва рафиқони ӯ ба аспҳои худ савор шуда аз паи душман роҳи Ҷиргатолро пеш гирифтанд.

## III

Ҳангоми саҳар гул ва гиёҳҳои дашти Рашти канораи кӯҳҳои Ҷиргатолро шамоли саҳарӣ ба ҳар тараф мечунбонид. Ин тахминан дар яке аз рӯзҳои охири моҳи июн буд. Шӯълаҳои офтоби тулӯъ намуда истода ба катраҳои шабнами гул ва гиёҳҳои дашт расида ва ин қатраҳои шабнам монанди донаҳои гуҳар медурахшиданд.

Отряди Шестопалов, ки бо ҳамроҳи вай чандин партизани сурх, комсомолон ва фидоиён буданд, шабона аз ағбаи Қарақӯшхона гузашта, ба саҳрои Рахш фуромаданд. Шамоли дашт торафт тезтар шуда, ба димоғҳо анвои бӯйҳои гуногуни даштро пай дар пай мерасонид, гоҳе бӯи тезу тунди алафи Камоли Кӯҳӣ димоғҳоро баста мекард, гоҳе шамол бӯи гули садбаргҳои кӯҳӣ ва гулҳои дигарро, ки дар ҳангоми саҳар дар доманаи кӯҳ пай дар ҳам ғунча кушода истода буданд, ба машомҳо мерасонид. Сергей бо рафиқони худ аз доманаи кӯҳ гузар карда ба наздикии Қишлоқи Н... мерасид.

Сергей дар роҳ мегуфт:

– Душман бояд ба даст даровarda шавад.

Вай мувофиқи маълумоти ба даст доштаи худ гумон мекард, ки Аъзам дар қишлоқи дигаре аст. Вале аз ин маълумот ҳанӯз дилпурӣ надошт. Дар поёни қишлоқи Н... дар атрофи наҳрчаи хурде, ки наъразанон аз кӯҳи пушти қишлоқ ҳубоб кушода ҷорӣ мешуд, дарахтони сабз ва хуррами гуногун аз ду тараф саф кашида буданд.

Отряди Шестопалов аз наҳрча гузар накарда буд, ки овози даҳшатноки туфанг аз байни дарахтон баланд шуд. Гӯшҳо ғип гирифта аспҳои зери по ба ларза даромаданд

Ин садои тири посбонҳои дастаи Аъзам буд, ки дар поёни кишлоқ раҳпоӣ мекарданд.

Сангини партизан, ки шӯълаи офтоб ба нишони сурхи пеши синааш зада онро медурахшонд, дар ҳамин қишлоқ мавҷуд будани босмачиён – дастаи Аъзам ва нодуруст будани маълумотеро, ки дар он ба тарафи қишлоқи Зардолу рафтани дастаи Аъзам хабар карда шуда буд, ба Сергей гуфта дод.

Аз як тарафи қишлоқ, лаб-лаби наҳр як-ду нафар қирғиз калапӯшҳои худро ба даст гирифта, ишораи «мо одами худӣ» карда, ба тарафи аскарони сурх давиданд.

– Фурсати гап задан нест... Аъзам ин ҷост. Тайёрии ҷангро дидааст. Дар байни ду шаб тахминан 1500 нафар бекҳои кӯҳнаи махсум Фузайл, боён ва якчанд фиребхӯрдагонро ҷамъоварӣ карда ва зиёда аз 100 нафар ҷигиташро чаҳорафзор мусаллаҳ кардааст, – гуфта, қирғизони гуреза гапро ба як саросемагӣ тамом карданӣ мешуданд.

Дигар фурсати гапи зиёд ҳам нашуд. Аз байни қишлоқ шӯру ғавғо баланд шуда, тирҳои милтиқ пайдарҳам баромадан гирифтанд. Дуди гулхани байни қишлоқ, ки дар атрофи вай дастаи Аъзам нишаста буд,

бо дуди милтиқҳо омехта шуда аз болои қишлоқ печида ба осмон мебаромад. Сергей аз ин дубора мукаддар гашт. Дар байни ду рӯз? Бубинед, душман хеле мусаллаҳ шудааст. Вале магар аз вай тарсидан даркор аст? Магар боз ҳам ба вай роҳ додан даркор аст? Ин аз маром ва иродаи мо берун аст. Бояд душмани қаттол комилан барҳам зада шавад. Бояд душмани мусаллаҳ зуд нест карда шавад...

Тирҳои душман аз пеши гӯш ғиззос зада мегузашт. Сергей дарҳол фармони ҷанг дод. Сангин бо ёрмандии ду нафар қирғизе, ки аз фаъолони шӯрои қишлоқ буданд, барои худ сангар дуруст карда ба ҷанг пайваст... Қаҳрамонони комсомол низ дар як тараф ба муқобили душман ба шинакҳо нишастанд...

Аз ду тарафи қишлоқи Н... дастаҳои душман тирпарронӣ мекарданд. Тирборон торафт ҷиддӣ мешуд. Мардумони қишлоқи қирғиз оила ва фарзандони хурдсоли худро гирифта дар канораҳои кӯҳ ба боло мегурехтанд. Дар поёни қишлоқ, дар лаби наҳрчаи пуршӯр ҷанги сахте ба вуҷуд омад. Садои даҳшатноки як қирғизи ғафси зардина аз байни дарахтҳои лаби баҳрчаи қишлоқ баланд шуд. Оби каб-кабуди наҳрча бо хуни ҷанговарон омехта мегашт. Сергей, баъд аз он ки пешқадамтарини ҷанговарони босмачӣ, қирғизи зардинаро зад, отрядро ба пештар рафта ба шинак гирифтан фармон дод. Овози милтиқ торафт зиёд мешуд. Аспҳо меларзиданд. Дар ҳамин асно аспи аз тири душман ба замин афтида ҷон дод. ин ҳолати нозук барои Сангин – пои пиёда мондан чӣ андоза вазнин бошад? Вай ба сафед шудани чашмҳо ва ҷорӣ шудани хун аз ҷисми аспаш нигоҳ карда ғамгин шуд. Гуё тамоми гаронии замин ба болои дили ӯ гузошта шуда буд. Сергей аз як ҷои пастӣ истода тир холӣ мекард, садои тири туфангҳои

отрядҳои дигар низ пайдарҳам шунида шуда, гӯё пардаҳои гӯшҳоро медаронианд.

Аз байни қишлоқ садоҳои «урра!», «урра!» баланд гардид. Дар кӯчаҳои хурди байни қишлоқ мурдаҳо рӯидарҳам рехтанд. Душман, бо вуҷуди он ки мемурад, чун хирси тирхӯрда ҳуҷум мекунад... Сурхии наҳрча аз хун торафт зиёд мешавад. Поёни қишлоқ аз савора ва пиёдаи душман сиёҳ гардид. Милтиқҳои дастаи Сергей аз шиддати тирпарронӣ гарм шуда буданд. Вале ҷанг боз ҳам шиддатнок мешуд. Гарм шудани милтиқҳо, боз ҳам ба пеш ҳаракат кардани душман, мурдани 5 нафар аскарони сурх ва ду нафар қаҳрамонони комсомол ҳолати Сергейро боз ҳам парешон карданд. Онҳо бо якҷоягии Сангин ва рафиқони дигар кам-кам тир холӣ карда ақиб гаштанд...

Дар ҷанг дасти душман боло шуда истодааст. Сергей бо як қатор рафиқони худ кам-кам ақиб гашта истода буд, вале ҷанг бо шиддати тамом давом мекард... Сангини пиёда ақиб монда, дар байни саворони душман, дар зери дами шамшерҳои хунини душман монд. Аспи Сангин бо як тир ҷон дода, гӯё азоби душманро чаҳоряки Сангин надид. Вале Сангин чандин дами шамшерро рӯидарҳам хӯрд. Бо ин ҳама боз ҷон надод. Дасту пои вай монанди дасту пои бузғолае, ки кӯбкорӣ карда мешавад, ба дасти саворони душман хӯрд. Ҷисми ӯ пора-пора карда шуд...

Аз ним зиёди рӯз гузашт. Офтоб монанди милтиқ ва асбобҳои дасти ҷанговарон тасфон шуда буд. Вале дар ҳамин вазъият ҷанг ҳанӯз давом дорад. Сергей бо вуҷуди он ки яке аз беҳтарин партизанҳоро бо чанд нафар аскарони худ талаф дода буд, ба мағлубият тан намедод. Мағлуб шудан?! Яъне чӣ? Бояд душман ба даст оварда шавад. Ин ғолибияти душман муваққатӣ аст... Симҳои телеграф ба Душанбе хабар дода истода

бошанд? Ҷанг ҳамин тавр давом кунад... Ба мо ёрмандии марказ зуд мерасида бошад, – гуфта, Сергей ин гапҳои ширинро аз хаёли худ мегузаронид. Вале ду дасти тавоно фақат ба кушодани зоволи милтиқ ва зер кардани тепкуи вай банд буд. Мавҷҳои наҳрча бо хуни сурх ҳубобҳо кушода овоз медоданд...

Душман ҳанӯз пеш меомад. Офтоб кам-кам ба паси кӯҳҳо фурӯ рафта, нимаи дашти Рахшро сояи кӯҳ пахш карда гирифтааст. Аз оҳиста-оҳиста ақиб омадани дастаи Сергей душман истифода карда ба худ меболид. Аспҳо аз болои ҷисмҳои мурдаҳо хез карда мегузаштанд. Дар бегоҳии рӯз Сергей ва дастаи вай омада ба қӯрғони Ҷиргатол дохил шуданд. Шаб омад. Дар аввали шаб дар пушти кӯҳ, тарафи ғарбии Ҷиргатол як парчаи моҳтоб дида шуд, вале баъд аз соати 12 шаб вай ҳам ба паси кӯҳ фурӯ омада равшании шабро ба торикии тира мубаддал кард. Бо вуҷуди камтар мағлубият дар қӯрғони Ҷиргатол ҷой гирифта шинак дуруст кардан Сергейро то як дарача хушҳол кард. Аввали шаб суръати чанг паст шуд. Душманон дар атрофи шаҳрчаи Ҷиргатол ҳар тараф гулхан зада, аз атрофи гулханҳо якта-якта тир холӣ мекарданд.

Шаб нима шуда аз пушти қишлоқ садоҳои милтиқ, шиҳаҳои аспон шунида мешуданд. Овози сумҳои асп аз кӯчаҳо ба гӯшҳо мерасид. Мардумон қисме ҳар тараф гурехта пинҳон шуда, як қисмашон дар хонаҳои худ буданд. Бачагони хурдсоли гаҳворагӣ дар ҳар як шунидани садои милтиқ дод зада ба гиря медаромаданд. Дилҳои мардум метапид. Занони ҳомила худро нигоҳдорӣ карда наметавонистанд. Бисёрии босмачиён ба шаҳр даромада, аввал ба қӯрғон ҳуҷум карданд. Онҳо мехостанд бо ин ҳуҷум Сергейро бо рафиқонаш охиран дастгир кунанд, вале дар атрофи қӯрғон дар нимаи шаб аз ҳар тараф чун оташак ҷарқа зада мегу-

заштанд. Босмачиён ба гирифтани қӯрғон дар ин ҳуҷум муваффақ нашуданд, вале дар шаҳрча дар як шаб хеле вайронкориҳо ташкил доданд. Тӯхтанбой қиргиз, ки дар пеши қӯрғон аз синааш тир хӯрда ба замин афтида монд, бо вуҷуди он маргро қабул намекард. Вай милтиқи худро ба дасташ маҳкам дошта, дар шаби торик шикамғелон худро ба пастии замини як тарафи қӯрғон пинҳон карда гирифт. Тӯхтан дар поён аз миёни баданаш тир хӯрда бошад ҳам, даст ва панҷааш ба парронидани тир ва чашмони танги хунинаш ба гирифтани нишони ҷисми касон қувват доштанд. Вай оҳиста-оҳиста ба пастӣ хазида ҷисми худро аз тир ғоиб кард.

Имшаб низ Сергей кӯрғонро бо рафиқони худ маҳкам дошта, душманро ба комилан ғалаба кардан роҳ надод. Вале аз кӯрғон берун баромадан низ барои вай сахт буд. Дар нимаи шаб то саҳар Аъзам ва ҷигитҳои вай дар пушти Ҷиргатол як ифлосигарии бедодонаи бузурге ба вуҷуд оварданд. Гов ва гӯсфандҳо кушта шуда дар гулханҳо кабоб карда мешуд.

Ҳамон шаб аз қабили духтари бокираи мудири банки Ҷиргатол Марям як қатор духтарон ва писарони хушрӯй аз хонаҳои падаронашон ҷудо карда шуда, дар атрофи гулханҳои пушти шаҳрчаи Ҷиргатол номусашон барбод дода шуд.

* * *

Торикии шаб кам-кам ба равшанӣ мубаддал шуда, ситорагони дурахшони осмон ба ҳар тараф рӯ ба гурез оварданд. Дар кӯчаи Ҷиргатол модари Марям рӯйҳои худро бо нохун хунин карда ба ҳар тараф «Марям, фарзанди дилбандам, Марям! Чӣ шудӣ? Биё, ба модарат раҳм кун!» – гуфта медавид. Дар вақти саҳар садои нолаи ҳазини модари бечора барои фарзанд ва номуси

шикастаи фарзандаш ба гӯшҳо расида касро ба гиря меовард. Баъд аз чанд дақиқа рӯз шуд. Офтоб шӯълаҳои аввалини худро ба нӯгҳои баланди куҳҳои Ҷиргатол, ки аз барф ба сари худ саллаҳои сафед баста буданд, паҳн намуда истода буд. Рӯзи дуюм аст, ки Сергей ва рафиқони ӯ гурусна мебошанд... Гуруснагӣ низ бо як ҳайбати тамом ғалаба кардааст. Вай ба муқобили Сергей ҳам мусаллаҳ мешуд. Аз қӯрғон берун омадан хеле мушкил аст. Аз марказ ҳанӯз аз ёрдам ба Сергей ва рафиқони вай хабаре нест. Симҳои телеграф низ дар нимаи шаб бо дасти душман канда шуда, алоқа бо марказ бурида шуд. Тир ҳам хеле кам мондааст... Аз сӯрохиҳои қӯрғон Сергей ва рафиқони вай ба атроф нигоҳ мекарданд. Душман дар атрофи шаҳрча ба ҳар тараф паҳн шуда, гоҳ-гоҳе ба тарафи кӯрғон тирпарронӣ мекунад, вале ба қӯрғон аз тарс ҳуҷум карда наметавонад. Ҷисми коргарон ва хизматчиёни ба дасти душман афтода дар зери дами теғҳо реза-реза мешуд...

Офтоб чошт шуда, гуруснагӣ ғалаба кард. Дар иморати ҳамсоягии қӯрғон бист қадам он тарафтар мавҷуд будани ордро Сергей дарак карда буд. Вале аз қӯрғон баромадан хеле сахт буд. Бо вуҷуди он як-ду бор онҳо ба таври пинҳонӣ ҷуволчаҳои орд ва сабӯсро ба қӯрғон кашида оташ афрӯхта дар болои тахтасангҳо ордро нон пухта мехӯрданд. Нон бенамак, вале хеле ширин аст.. Аз мурдан мераҳонад.

Душман роҳи ғалаба меҷуст. Ҷӯи обе, ки аз байни қӯрғон мерафт ва аз вай Сергей ва рафиқони вай об менӯшиданд, аз тарафи босмачиён баста хушк карда шуд. Ин чанд бор такрор шуд Вале батраки қишлоқ Одина оҳиста аз хонааш баромада чӯи обро боз ба тарафи Сергей ва рафиқони ӯ мегардонид. Ин маротиба душман аз так то боло дар ҷӯи об тамоку рехт. Оби

тезу тунд ба даруни қӯрғон меояд. Дар навбати дуюм нонҳои пухтагии рафиқони Сергей, дар баробари ин ки бенамак ҳастанд, хеле тез буда, бӯи тамоку медиҳанд, талх ҳастанд. Ин аст, ки агар аз онҳо як луқма ба даҳонатон андозед, даруни шуморо сузонида ва дили шуморо ба тапиш медарорад. Вақт хеле нозук ва танг буд..

Рӯз ним шуда деворҳои қӯрғон боз тасфиданд. Боз орд ва оби тоза лозим буд. Атрофи қӯрғон торафт аз душман пур шуда истодааст. Аз зери борае, ки Тӯхтанбой ҷой гирифтааст, нӯги милтиқи вай меҷунбад. Вале худи вай дида намешуд. Болои теппаи мазкур аз тарафи аскарони сурх тирборон карда шуд. Нӯги милтиқи ҷунбида истода ҳам гум шуд... Сергей дубора ба иморати дуюм барои об ва орд рафт... Вай карабини худро дар даруни қӯрғон монда, бо як таппончаи маузер ба сӯи иморати ҳамсоя ҳаракат карда, бо қадамҳои ором давид. Садои тирҳои туфанги душман, ки дар ҳар тарафи қӯргон баланд мешуданд, пайдарҳам ба гӯш мерасид Дар вақти баргаштан аз иморати ҳамсоя пои Сергей бо як шиддати том мелангид. Вай дар вақти гузаштан ба иморати паҳлӯи қӯргон дар поёнтар аз зонуи пои рости худ тир хӯрдааст. Вай лангида-лангида ба тарафи қӯрғон ҳаракат кард. Ногоҳ садоҳои пайдарҳами милтикҳо дубора аз пушти қӯрғон баланд гардиданд. Як тир чаккаи Сергейро харошида рафта ва тири дигар ба пои вай расид. Халтаи орд ва кӯзаи об, ки барои зиндагии як тӯда одамон – рафиқони Сергей буд, ба замин афтиданд. Сергей танҳо тавонист, ки маузери дар миёни худ бударо ба саҳни қӯрғон андохта «хайр, рафиқони ман, ба Мария саломи охирин расонед!» гӯяд. Дар замини берун аз қӯрғони Ҷиргатол орде, халтае,ки рехта буд, ин маротиба на бо оби та-

моку, бо хуни Сергей хамир шуд. Ҷасади нимҷони Сергей ба хок ва хун метапид.

Офтоб низ ғуруб карда дар тарафи ғарбии осмон моҳ чун карчи харбуза ва ё дос ба назар намоён шудан мегирифт. Шом ба шаб мубаддал мегашт, аз рахнаҳои деворҳои қӯрғон ва байни кӯчаҳои шаҳрчаи Ҷиргатол тирҳои туфанг чун оташак чарқа зада омаданд. Бо вуҷуди он ки отрядҳои сурх як қуввваи худро гум ва то як дараҷа дасту пой гум карда буданд, қалъаро ба хубӣ ҳимоя мекарданд. Берун аз қӯрғон баромада барои фидоиён ва отрядҳои сурх хеле мушкил буд. Ҷасади нимҷони Сергей дар пеши дарвозаи қӯрғон фақат ба воситаи тирҳои туфангон ҳимоя карда ба дасти душман дода намешуд. Дар шаб овози туфангҳо дубора паст шуд. Дар пушти шаҳрчаи Ҷиргатол дубора гулхани босмачиён шӯълавар гардид. Қисме аз йигитҳои Аъзам ба тирпарронӣ ва маҳкам гирифтани атрофи қӯрғон машғул бошанд ҳам, қисми дигар дар атрофи гулханҳо бо корҳои ифлоси дирӯза машғул шуданд... Аъзам дар байни йигитҳо аз ғалабаи дирӯза ва имрӯзаи худ то як дараҷа хурсанд гап мезад: «Арвоҳҳо мадад карда истодаанд... Пагоҳ қӯрғонро бо ҷанг нагирем ҳам, то рӯзи дигар отрядҳои сурх аз гуруснагӣ беҳол шуда худ баромада хоҳанд гурехт. Бо ҳамин боз ғалаба карда, кӯҳистони Ғармро гирифта ба Иброҳимбек пешкаш хоҳем кард. Баъд аз он, ҳеҷ набошад, аз тарафи Иброҳимбек ба ягон амали дуруст дар кӯҳистони Ғарм таъин шуда, мусулмонободи худро давом медиҳем»...

Йигитҳои атрофи Аъзам, ки баъзе ба хӯрокхӯрӣ ва баъзе бо чойхӯрӣ машғул буданд, гапҳои Аъзамро шунида, аз ҳар тараф «Шод бош, Аъзам!» мегуфтанд.

* * *

Шаб аз тарафи наҳрчаи поёни Ҷиргатол шаббодаи фораме вазида барг ва навдаҳои сабзу хуррами дарахтонро оҳиста-оҳиста мечунбонид. Дар осмони танг ва кабуди болои кӯҳистони Ҷиргатол ситораҳо медурахшиданд. Вале заминро сиёҳӣ пахш мекард.

Дар ин ҳолатҳо ҷон ҳам ба Сергей азоб медод. Ӯ интизор буд, ки ҷон аз ҷисмаш баромада равад, то ки вай дар ин ними шаб на азоби хаёли рафиқони даруни қӯрғон, на кулфат ва азоби хаёли ширини чашмҳои ба роҳ интизори Мария – рафиқи ҳаёташро бикунад. Вале ҷон аз ҷисм ба зудӣ намебароянд, аз дарун нафаскашии Сергей зиёдтар шуда ва гоҳ-гоҳе гулӯяш мегирад. Чашмони нимкушодаи дардманди Сергей аз байни мижгонҳои дарозаш медурахшид. Вай фақат рехтани хуни поҳо ва чаккаи сарашро ба болои хок медид ва он хоку хунро бо дастҳои нимҷони худ мехарошид... Сояи бадани Сергей пеши чашмашро аз рӯшноии моҳтоб торик кард. Вай бо чӣ қадар машаққат ва азоби бисёре ба тарафи дигар паҳлӯ гашт. Моҳтоб дар болои парчаи кӯҳи овезони Ҷиргатол фақат ними худро намоён карда ними дигарашро пинҳон карда буд. Сергей ба рӯи маҳтоб нигоҳ карда боз ба хаёл фурӯ рафт:

«Магар аз марказ ёрмандӣ нарасидааст? Чаро рафиқони ман ҷисми маро набардошта истодаанд? Онҳо магар маро фаромӯш карда метавонанд? Ё ин ки душман ғалаба карда, дӯстони ман низ дар байни санг ва кӯҳҳо афтида ба хоку хун тапида истода бошанд?».

«Не, ин чӣ гап, ҳамин тавр набояд бошад! Агар ин тавр мешуд, аз як тараф, ҷисми ман бо шамшери душман майда карда мешуд ва, аз тарафи дигар, овози туфангон аз ин ҷо паст шуда мемонд. Ва ҳол он ки аз деворҳои қӯрғон баъзан тирҳои туфанг даргирифта меравад-ку...»

Хаёл аз болои хаёл омадан мегирифт ва Сергейро боз ба дардмандӣ меандохт: ӯ гоҳе дили худро маҳкам гирифта, лабҳои худро зери дандон карда мехост, ки ба тарафи қӯрғон пештар ҳаракат кунад, вале баъд аз чӣ қадар зӯрзанӣ медид, ки аз сабаби бемадорӣ аз ҷои деринааш пеш рафта наметавонад. Вай ба захмҳои бадани худ назар меандохт. Сергей аз тири дар чаккаи сараш хӯрда ва аз тире, ки аввал дар пои чап зада, устухонҳои сонашро шикаста буд, дарак надошт. Вай дар вақти ҳаракати ҷисми нимҷон наҷунбонидани пои чапи худро ҳис кард. Ин аҳвол вайро аз хаёлҳои ширини мубориза бо душман ва Мария то як дараҷа канда кард. Дар ҳар ду пояш хун сахт шуда монда буд. Вақте ки вай бо дасташ ба пойҳои худ молиш доданӣ мешуд, дарди онҳо боз зиёдтар мешуд. Ин дард монанди дарди дандон ва ё як дарде буд, ки гӯё тамоми рагҳои баданро кашида мегирифт. Вале Сергей чӣ кунад? Дар ин ҳолатҳо вай боз умеди худро аз ҷон канданӣ мешуд, аз дарди яраҳо ашк мерехт ва ба чашмони гиряолуд таҳаммул карда боз ба фикр фурӯ мерафт:

«Чаро аз байни қишлоқ овози гиряолуди занон шунида мешавад? Магар босмачии золим ғалаба карда дар қишлоқ озодона ифлосигарӣ карда истодааст? Не, эҳтимол, ин Марияи ман бошад, вай омадааст, ки ман ӯро бубинам ва ба ӯ ноз кунам!

Оҳ! ман чӣ хаёл карда истодаам, Мария дар байни ҳамин қадар кӯҳҳои пасту баланд чӣ тавр ба болои ҷисми нимҷони ман меояд? Ин овози нолаи модароне будагист, ки номуси духтарони хурдсоли онҳоро босмачӣ помол кардааст.. Мария ҳоло чӣ медонад, ки ман дар куҷо ва дар чӣ азоб ҳастам, мумкин аст, ки (ҳоло вай омадани маро шабҳо хаёл карда хурсандона хоб мекунад...».

Ранги ситорагони калон канда ва ситорагони хурд кам-кам ба ҳар тараф давида рақскунон пинҳон мешуданд. Дар баробари ин ҳама овози милтиқҳо, нолаҳои ҷонсӯзе, ки аз байни қишлоқ шунида мешуданд ва овози ҷиззаси ганбуск ва ҳашароти шабона, ки озодона нағмасароӣ мекарданд, Сергейро боз ба хаёл фурӯ мебурд.

– Аҷиб!.. – Сергей пеш аз ба замин ғалтидан хеле гурусна буд, вале акнун об мехоҳад, лабонаш аз ташнагӣ хушк шуда мондаанд, вай аз хаёлаш инро мегузаронид.

«Оё рафиқони ман дар даруни қӯрғон монанди аввала гурусна бошанд ва ё монанди ҳозираи ман ташна бошанд? Не, онҳо хеле ва хеле гурусна мондагистанд. Чунки мана кӯзаи оби дар ин ҷо афтида ва ордҳои бо хуни ман таршуда аз ҷояшон ҳанӯз ҷунбонида нашудаанд. Онҳо бо лабҳои ташна ва шикамҳои гурусна истодагарӣ карда, бо душман ҷанг карда истодаанд, бо вуҷуди он ҳамагӣ қувваи бузурге ҳастанд, фардо мешавад ва дар ҳангоми тулӯи офтоб албатта, аз марказ барои онҳо ёрмандӣ хоҳад омад, онҳо далерона ба душман ғалаба хоҳанд кард, вале магар ман зинда хоҳам монд? Ин дар назарам бисёр торик аст» – мегуфт Сергей ва ба рафтани хуни баданаш нигоҳ мекард. Дили Сергей монанди барги бед аз беҳаракатӣ меларзид. Шаб ҳам гузашта рафта истодааст. Хуни пои рост ва чаккаи сараш беист рафта истодааст. Ин хавфнок аст... Бигузор, хоб кунад. Шояд каме роҳат шавад. Сергей баъд аз ним соат аз худ рафт... Фақат бо чашмҳои нимкушод осмони пур аз ситораи Ҷиргатолро медид, ки кам-кам ранги рӯзро гирифта ситорагони дурахшонро ба зери домани худ пинҳон мекард. Рӯз шуд. Сергей чашмони худро намекушод, чунки шӯълаҳои офтоби нав тулӯъ намуда истода ба

чашми камқуввати дардмандаш монанди нештар мехалиданд. Саҳарӣ боз тирборони сахте сар шуд. Баъд аз чанд дақиқа Сергей бедармон шуда монд. Дигар ҳеҷ чизро намедид. Фақат ҳаминро фаҳмид, ки дӯстони вай ҳанӯз далерона мубориза карда истодаанд, онҳо бе вай ҳам ғалаба хоҳанд кард, онҳо ба ҷои ин 2-3 тири ҷафое, ки ба ҷисми вай душман задааст, интиқомҳо хоҳанд гирифт. Хаёлҳои Сергей боз ҳам ширинтар шуда ва дардмандӣ меафзуд.

Аз даруни қӯрғон ду нафар аскари сурх давида баромада, ҷисми Сергейро бардошта ба тарафи кӯрғон баргаштанд. Аз болои сари онҳо тирҳои душман виззос зада мегузашт. Онҳо дар болои суфачаи байни қӯрғон Сергейро гузошта боз ба ҷанг даромаданд.

Дар даруни кӯрғон нолиши ҷонкании Сергей, овози пайдарпаи милтиқҳо, навбат ба навбат нишаста шинак гирифтан... Саргей баъд аз хаёлҳои ширин ва нолиши бисёре бо дунё видоъ кард.

Офтоби саҳарӣ чошт шуда, аз деворҳои қӯрғон ба даруни қӯрғон даромада, ба болои мурдаи Сергей шӯъла афканда буд. Аскарони сурх дақиқаҳои охирини зиндагониро аз сар мегузаронанд. Гуруснагӣ бетоқат карда ва тирҳои охирин ба муқобили душман андохта шуда истодааст. Душман бошад, бераҳмона ҳуҷум мекунад. Даст ва пойҳо ларзида истодаанд. Зиндагонии рафиқони Сергей низ ба лаби наҳри марг қадам монда истодааст. Дақиқаҳо нозук ва хеле нозук буд...

Парча – танаҳои абрҳои сиёҳи болои кӯҳ аз шӯълаи офтоб кам-кам пароканда шуда, офтоб нимрӯзӣ шуд.

Дар байни порчаҳои абри сиёҳ ҷонварони парвозӣ ба ҳар тараф болзанон мегаштанд. Аз байни онҳо овози даҳшатноки мотори аэроплан шунида мешуд. Вале ҳанӯз дар осмон фарқ карда намешуд, ки оё аэроплан

кадоми он ҷонварони байни порчаҳои абр аст. Аэроплан, дар баробари ин, ки торафт наздик мешуд, дар байни кӯҳҳои Ҷиргатол болҳои худро гардонида, ба поён фуромадан мегирифт. Баъд аз чанд дақиқа аэроплани ҷангӣ будани вай ошкор шуд. Дар нӯкҳои кӯҳҳои Ҷиргатол бачагон, модарон ва меҳнаткашон дар ҳаво гардиш карда омадани аэропланро дида, аз зери сангҳо ба сари сангҳо баромада шодӣ мекарданд. Аэроплан аввал як ба болои қӯрғон паст шуда боз боло шуд. Дар болои болҳои вай «Аскари сурхи кӯҳии тоҷик» навишта шуда ва нишонаи дос ва болға ба хубӣ дида мешуд. Отрядҳои сурх ба дидани он чизе ки муддати се рӯзи тамом интизори вай буданд, муваффақ шуданд, дасту пойҳошон аз ларзидан монданд, акнун дилҳои худро қавӣ гирифтанд. Аъзам ва йигитҳои вай то як дараҷа дасту по гум карда саросема шуда монданд. Онҳо аз ҷудо шуда ҷанг кардан тарсида шамшерҳои худро кашида ба тарафи қӯрғон ҳуҷум карда, қӯрғонро гирифта, мехостанд пинҳон шаванд. Ин аҳвол дар нимирӯзӣ ба вуҷуд омада буд. Шамшерҳо хун мерехт, сар мебурид... Болҳои аэроплан дар болои дарахтҳои қишлоқ қариб бармехӯранд. Аз моторҳои «Аскари сурхи кӯҳии тоҷик» ба кӯчаҳои қишлоқи Ҷиргатол тирҳои пулемёт монанди борон рехт. Як қатор йигитҳои Аъзам бо аспҳои худ афтода ҷон медоданд, вале боз ба тарафи қӯрғон ҳуҷум меоварданд ва хунрезии калонеро ташкил доданӣ мешуданд. Дафъаи охирин аэроплан аввал як дар байни абрҳо давр зада, баъд аз он ба болои қишлоқ фурӯ омад. Душман бо шамшерҳои кушода ба қӯрғон даромада истода, мехоҳад, ки дар болои мурдаи Сергей мурдаҳои рафиқони вайро ҳам болои ҳам чинад. Ин аҳвол «Аскари сурхи кӯҳии тоҷик»-ро маҷбур кард, ки барои нигоҳдории ҷони муборизони фидокори

Ҳукумати Шӯроӣ – барои осоиштагии оммаи меҳнаткаш на танҳо бо тири пулемёт, балки ба болҳои худ душманро мағлуб кунад. Дар болои кӯрғон болҳои аэроплан сари душмани меҳнаткашон – босмачиро бурида резонид. Душман дигар ба мубориза ба муқобили аэроплани ҷангии меҳнаткашони тоҷик истодагӣ карда натавонист.

Душман акнун дар канораҳои кӯҳ ба ҳар тараф гурехта мегардад. Вай ҷони худро аз дами шамшери меҳнаткашон раҳониданӣ мешавад. Ин аҳвол – ин мағлубияти Аъзам на танҳо Иброҳимбеки дар ҳамон рӯзҳо мағлубшударо хафа карда монд, балки Таштанбой ва Ҳафизбой барин бойҳои қирғизро низ мукаддар карда ба гиря маҷбур кард.

Отрядҳоя сурх душманро пеш карда бо ёрии «Аскари сурхи кӯҳии тоҷик» дар қишлоқи Ҷултерак, канораи кӯҳҳои Ҷиргатол ӯро дастгир карданд. Ҳамон рӯз деҳқонон ва мардумони фақири қирғиз, ки аз тарси босмачӣ ба кӯҳ ва пуштаҳои болои қишлоқашои рафта буданд, ба хонаҳои худ баргашта омаданд...

* * *

Бегоҳии рӯз «Аскари сурхи кӯҳии тоҷик» дар дашти Ҷиргатол канораи кӯҳҳо фуруд омада, қарор гирифт. Деҳқонони қирғиз, зан ва мард, ки муддати ҳафт рӯз аз тарси ҷанг дар зери шах ва сангҳои пуштаҳо хазида буданд, аз ҳар тараф шодикунон давида ба дашти Рахш, ба пеши «Аскари сурхи кӯҳии тоҷик» ҷамъ меомаданд. Боди форами бегоҳӣ аз тарафи поёни дашт ба тарафи мардумон вазида, бӯи хуши гул ва гиёҳҳои даштро ба машомҳо мерасонид. Дар пеши мотори «Аскари сурхи кӯҳии тоҷик» лётчик – Хойшмиянц рост истода буд. Дар пеши синаи вай нишони сурхи қаҳрамоние, ки дар натиҷаи аз сахттарин ҷойҳои

хавфноки ҳаво гузаронидани болҳои шӯрои гирифта буд, медурахшид. Боди форам оҳиста мӯйҳои Хойшмиянцро мечунбонид. Дар як тарафи дигар мардумон, махсусан бачагон ва духтарони хурдсоли қирғиз, ки аввалин бор аэропланро ба чашми худ дида истодаанд, ба ҳар тараф тохта, гӯё мехостанд, ки давида ба болои болҳои вай баромада бозӣ кунанд. Вале боз метарсиданд, дили онҳо ба ларза медаромад, ки мабодо ин ҷонвари ҳавоӣ монанди калхотҳое, ки дар болои қишлоқҳо омада чӯҷагони мурғҳоро гирифта мераванд, набошад?

– Не, эҳтимол ин авқот нахӯрад, – мегуфтанд. Мӯйсафеди қирғиз Шохкелдӣ ҳазл карда гуфт:

– Шумо, бачагони хурд, чиро медонед, агар ин ҷонвари ҳавоӣ авқот нахӯрад, чӣ тавр мепаррад. Мана, тамошо кунед, ишками вай чӣ тавр калон аст...

Хойшмиянц тааҷҷуби онҳоро дида, онҳоро ҷеғ зада, аз чӣ будани аэропланро ба онҳо ҳикоя мекард. Мардумон торафт ба атрофи аэроплан ҷамъ омадан мегирифтанд, бачагон ва духтарони хурдсол кам-кам тарс ва ваҳмро аз дилҳои худ канда пеш омадан мегирифтанд. Аз зери болҳои «Аскари сурхи кӯҳии тоҷик» ба ҳар тараф гузашта ва ба вай даст мезаданд.

– Ин бегоҳ дар кӯҳистони Ҷиргатол дар рӯи одамон ду ҳолат дида мешуд. Дар вақти нутқи дар бораи ғалаба кардашуда мардумон хушнудӣ мекарданд, вале баъд аз он ки отрядҳои сурх ҷасади Сергей ва рафиқони вайро оварда дар байн гузоштанд, мардумон аз дидагони худ ашк мерехтанд.

Дашти Ҷиргатол. Дар ҳангоме ки офтоб ғуруб карда истода буд, дар болои ҷасадҳои қурбоншудагон маросими дафн барпо гардид. Маросим низ ду аҳволи рӯҳӣ дошт: ғалабаи бар душман кардаи меҳнаткашони қирғизро бо ёрмандии «Аскари сурхи кӯҳии тоҷик»

нотиқон як-як табрик мекарданд ва ҷасадҳои аз дасти душман беҷон карда шудаи Сергей ва рафиқони вайро нигоҳ карда изҳори таассуф мехӯрданд.

Хойшмиянц ба болои болҳои «Аскари сурхи кӯҳии тоҷик» баромада нутқ кард:

– Рафиқон! Ин қурбониҳои аввалин нестанд, меҳнаткашони ҳамаи миллатҳои мазлум дар муборизаҳои шиддатноке, ки барои афтидани салтанати кӯҳнаи истибдодӣ бурданд, ҳазорон Сергей ва Сангин барин рафиқони шуҷоъ ва диловари синфи худро қурбон дода, диктатураи пролетариатро мустаҳкам карданд... Ин қурбониҳо моро – ҳамаи меҳнаткашонро боз барои муборизаи шиддатнок бар зидди душманони Ҳукумати Шӯро сафарбар хоҳад кард. Мо кувваи бузург ҳастем, ҳамаи пролетариат ва меҳнаткашони дунё ба ин қувваи мо боварӣ доранд. Мо охир дар ин муборизаҳо бар душманони дохилӣ ғалаба карда сохтмони сотсиалистии худро мустаҳкам мекунем.

На танҳо дар канораҳои ин кӯҳҳо, шумо эй меҳнаткашони қирғиз, ба душмани худ бо додани қурбониҳо ғалаба карда истодаед, балки меҳнаткашони водиҳои Ҳисор, Вахш низ дар канораҳои кӯҳҳои Боботоғ, Ёвон ва ғайраҳо сардори босмачиён – Иброҳимбекро таъқиб намуда, бо ёрмандии аскарони сурх, бо додани сари чандин Сергей барин бародарони азизи худ ба ғалаба кардан бар ӯ муваффақ шуданд.

Дар баробари Хойшмиянц як қатор деҳқонон ва аскарони сурх баромада нутқ мекунанд, ба душман лаънат мегӯянд, барои боз ҳам давом кунонидани кори Сергей Шестопалов ваъдаҳо медиҳанд. Офтоб ба паси кӯҳ ғуруб кард. Дар ҳамин бегоҳӣ ҷисми Сергей Шестопалов ва рафиқони вай ба хок супурда шуд...

* * *

Имсол, баҳори соли 1934, дар дашти Ҷиргатол дар атрофи марқади Сергей ва рафиқони вай сабза ва себаргаҳо дамида истодаанд.

Меҳнаткашони қирғиз марқадҳои қурбониҳои худ – фарзандон ва бародарони азизи худро, ки дар мубориза бо душман зиндагониашон ба хоки сиёҳ рафтааст, оро дода, дар болои гӯри онҳо таърихи қурбон шудани онҳоро навишта мондаанд.

Дар айни замон ҳар як роҳгузари меҳнаткаше, ки аз пеши марқади Сергей ва қурбониҳои дигар мегузарад, на танҳо ба Аъзам, балки ба тамоми босмачиён, махсусан ба Иброҳимбек, Фузайл ва дигарон лаънатҳо мехонад...

# ДАР БАҒАЛИ КӮҲҲО

## I

Ҳанӯз аз хотирам фаромӯш нашудааст.

Яке аз рӯзҳои аввали моҳи апрели соли 1929 буд. Дар маҷлиси комитети комсомолӣ, ки дар бинои мактаби ибтидоии қишлоқамон шуда буд, масъалаи кишту кори баҳорӣ ва вазифаҳои комсомолро дуюмин бора дида мебаромадем. Қишлоқи мо, бо вуҷуди он ки дар бағали кӯҳҳои хеле баланд воқеъ шудааст, деҳқонони вай ба кори киштукори баҳорӣ дар рӯзҳои аввали апрел сар карда истода буданд.

Чеҳраи гарми баҳории хуршед барфҳои охирини барфандозҳои қишлокро об карда ва обро дар ҷӯйчаҳои он ҷо ҷорӣ мекард. Гулҳои «сияҳабрӯ» ва «Наврӯз», ки аз марғзорҳои атрофи қишлоқамон оварда, ба ҷабинҳои худ овезон карда будем, гувоҳии расидани ҳангоми кишту кори баҳориро медоданд.

Котиби комитети комсомолии мо рафиқ Рашид дастуруламали комитети комсомолии ленинии округиро ба ҳамаи аъзоёни комсомол хонда дод. Дар дастуруламал дар бораи вазифаҳои комсомол дар баҳор ба тарзи ҷудогона қайд карда шуда буд:

– Ҷавонони ленинӣ бояд ба муқобилиятҳои душманони синфӣ – кулакон дар вақти кишту кор зарбаи бераҳмона зада, нагузоранд, ки онҳо дар байни оммаи васеи меҳнаткашон корҳои зидди сохтмони сотсиалистии худро ҷорӣ кунанд...

Офтоби баҳор торафт чеҳраи гарми худро ба тарафи мо гардонида, рӯшноии худро аз тирезаҳои мактаб ба деворҳои он андохта буд.

Ман дар бораи кишту кори соли 1929 ва муқобилиятҳои душманон дар ин бора ва вазифаҳои комсомол сухан рондам. Ман дар бораи баҳори ҷорӣ роҳ надодан ба хоҷагиҳои бой, ки дар қишлоқамон аз қувваи як қатор батрак ва чоряккорон фоида мебурданд, гап зада истода будам....

Инро ҳанӯз дар хаёл дорам, вақте ки сухан мекардам, садоҳои пайдарпаи сумҳои аспон аз берун ба гӯшҳо расиданд ва як дараҷа ҳуши маро пароканда карданд. Баъд аз дақиқае намояндаи комитети округии комсомол рафиқ Раҳмонов ба маҷлиси мо омад. Рафиқ Раҳмонов аз тарафи комитети округӣ роҳбари доимии ташкилоти мо таъин шуда буд. Вай одатан одами хушҳол ва бо диққат буд. Вале имрӯз дар чеҳраи вай як ғамгинии вазнин ҳис карда мешуд.

Баъд аз музокираҳои як қатор комсомолони ташкилоти худамон рафиқ Раҳмонов дар маҷлиси мо ба сухан баромад. Вай вазифаҳои навбатии моро дар бораи кишту кор як-як гуфта гузашт, дар бораи муқобилиятҳои мусаллаҳонаи душманони синфӣ низ сухан ронд.

«Золими машҳур Махсуми Фузайл душмани хунхори деринаи меҳнаткашони Тоҷикистон, махсусан кӯҳистони Ғарм аз сарҳад гузашта ба кӯҳистон ҳуҷум кардааст... Вай барои ҷавлон додани шамшери хунрези худ боз омадааст... Вай мехоҳад бедодгариҳон 6-7 сол пеш давом додаи худро дар сари меҳнаткашон аз нав ташкил намояд...»

Офтоб кам-кам аз девори бинои мактаб паноҳ шудан мегирифт. Мо ҳамагӣ бо як диққати тамом ба суханҳои роҳбари ячейкаамон рафиқ Раҳмонов диққат мекардем.

Маҷлиси мо дар бораи гузаронидани кишту кори баҳорӣ ва муборизаи синфӣ ба чорабиниҳои бузург

дохил шуд. Маҷлис дар бораи истиқбол гирифтани баҳори болшевикӣ як қатор чорабиниҳои навбатиро пешниҳод кард, ба муқобили ҳуҷуми Махсуми Фузайл баромадани ман ва Абдусатторро маҷлис табрик карда, дар қарори худ инро қайд намуд.

Ин ҳеҷ аз ёдам намебарояд. Дар қарори ташкилоти комсомолӣ ба муқобили душмани мусаллаҳ ба мубориза бархестани маро табрик карданашон бароям хеле хурсандибахш буд. Ман аз шодӣ ва хурсандӣ дар як ҷо нишаста наметавонистам. Дар байни стол ва стулҳои бинои мактаб бо як ҳолати далерона қадам партофта бозуҳои худро пешакӣ месанҷидам.. Гӯё зӯрӣ ва диловарии худро дар мубориза ба муқобили душман санҷида медидам.

...Ман ба мубориза меравам, ман ба мубориза ба муқобили душманони мусаллаҳе меравам, ки зидди сохтмони бузурги сотсиалистии мо сар бардоштаанд. Ҷанговароне, ки аз гурӯҳи комсомолон ва муаллимони қишлоқҳо ташкил ёфта буданд, якҷоя шуданд. Дар майдончае, ки дар пеши бинои комитети округии комсомол воқеъ шудааст, митинги калоне барпо гардид. Одамон аз одат берун ба он ҷо ҷамъ меомаданд.

Дар ин ҷо котиби комитети округии комсомол Хоҷаев ва котиби комитети округии партия Ҳақбердиев нутқ карданд...

Душманро зуд ба даст оварда мағлуб кардан даркор аст. Вай барои он омадааст, ки дар айни замон ба киштукори баҳории мо зарба расонад...

Мо милтиқ ва шамшерҳои худро дар китфҳои худ овезон карда, бо лаби дарёи Сурхоб аз роҳҳои пасту баланд ва дараҳои дунболадор мегузаштем... аз паи душман мерафтем. Дарёи Сурхоб бо як ҳайбати тамом дар бағали кӯҳҳо ҷорӣ шуда, ба поён мерафт. Офтоб имрӯз баланд шуда ба болои сарҳо найза кашид.

Рӯзҳои баҳор сар шуда буд. Обу лойи роҳҳо моро бисёр азоб медод. Ба ҳамин аҳвол мо ба пеш мерафтем...

Махсуми Фузайл дар қишлоқи Нимич барои худ шинак дуруст карда, барои ҷанг тайёрӣ дида будааст. Баъд аз он ки мо аз таки кӯтали ин тарафи қишлоқи Нимич баромада ба болои кӯтал расидем, аз байни дарахтони байни қишлоқ овози пайдарҳами милтиқҳои гурӯҳи душман шунида мешуд.

Сардори мо низ аз болои кӯтал ба тарафи қишлок якчанд тир холӣ карда монд... Аспҳои зери по аз шунидани овозҳои мудҳиши даҳони туфангҳо беихтиёр саросема шуда буданд. Онҳо ба замин пайдарҳам лағад зада ва кафки даҳон холӣ мекарданд. Онҳо дар як ҷо ором истода наметавонистанд...

Мо кам-кам пеш рафтан гирифтем. Садоҳои милтиқҳои душманон низ аз байни қишлоқ торафт зиёд мешуданд.

Баъд аз чанд дақиқа мо аспҳои худро ҳай карда аз болои кӯтал ба поён – ба тарафи кишлоқ фаромадем. Дар ҳамин ҳолат аз байни қишлоқ садоҳои гуногун ва ғулғулаҳои зиёде баланд гардиданд..

Дастаи душман бо як ҳолати девонагӣ ба тарафи мо ҳуҷум овард. Дар ҳамин ҷо аз мо ду асп ва як нафар аз рафиқон кушта шуданд. Дар зери дарахтҳои қатори беди поёни қишлоқ мо низ аз паси девори баланди гӯристон ба муқобили душман шинак гирифтем.

Дар бадани девори гӯристон сари чандин милтиқ ҷой гирифт. Дар шинак, дар паҳлӯям рафиқонам Абдусаттор ва Лоиқ нишаста тир холӣ мекарданд. Инро хуб дар хотир дорам, ки Абдусаттор низ монанди сардори мо ва худи ман наларзида озодона бо душман ҷанг мекард.

Тирҳои туфангони душман аз болои шинаки мо рӯи дарҳам виззос зада мегузаштанд... Офтоб хеле баланд шуда сояҳо низ ба қоматҳо рост шуда монданд. Дар ҳамин вақт дар поёни қишлоқи Нимич байни мову душман ҷанги хунине барпо гардид...

Бо вуҷуди он ки дар ин мубориза мурдаи душман аз туфангҳои мо монанди барги хазони дарахтон дар тирамоҳ мерехт, вай монанди мори саркӯфта боз ҳам хашмнок шуда, ба тарафи мо сахттар ҳуҷум меовард... ҳамла мекард.

Дар ҳамин ҷо ҷанг муддати 4-5 соат давом кард. Милтиқҳо оташ гирифтанд, боз ҳуҷуму ғулғула ва ҳаёҳу баланд шудан гирифт... Ба хубӣ ба хотирам ҳаст, вақте ки аз паси шинак нигоҳ кардам, дидам, ки аспи рафиқи ман Абдусаттор бо ҳамроҳии якчанд аспҳои рафиқони дигарам тир хӯрда ҷон додаанд. Ин аҳвол дар ҳолати ниҳоят нозук хотири маро кудуратнок карда буд. Дақиқаҳои нозук мегузаштанд... Аз ниҳоят оташ гирифтани милтиқҳо аз шинаки мо кам баромадани тир ба хубӣ мушоҳида карда мешуд. Аз зарби ҷанги дар болои гӯристон бурдаи мо шохчаҳои дарахтон аз тирҳои туфангҳо бурида шуда мерехтанд... Гарду дуди ғафсе аз болои сари мо баҳам печида, дар байни шоххои дарахтон оромона ба ҳаво мебаромад. Наъраи Сурхоб бо садои милтиқҳои тарафайн пайваста ба гӯшхо мерасид.

Дар ҳамин вақт душман наздик омадан мегирифт. Ин ҳам дар хотирам ҳаст, ки дар райони Ғарм ва Ҳоит дар ҳамин рӯзҳо қувваҳои ҳарбии мо кам буд. Ба сабаби кушта шудани рафиқони ҷудогона ва аспҳои онҳо ин аҳвол хотирамро ғамгинтар ва муқаддартар мекард...

Душманон, бо сардории Махсуми Фузайл, аз кам будани мо истифода карда бо зйёда аз 700 нафар йигит

тарафи мо ҳуҷум карданд. Сардори мо низ бо як овози пурраи даҳшатнок «атака» гуфта ба мо фармон дод. Дар ҳамин ҳолат ман дасту по гум кардагӣ барин шудам. Мо низ ба тарафи душман ҳуҷум овардanӣ шудем.

Вақте ки поям дар рикоби асп гашт, дидам, ки рафиқам Абдусаттор беасп дар байни саворон медавад. Як қатор рафиқони дигарам ҳам монанди Абдусаттор пиёда монда буданд. Шӯълаи шашкаҳо бо шӯълаи офтоб як шуда чун равшании оина ба чашмҳо медурахшид. Душман боз ҳам бадқаҳртар шуда буд, аз рехтани мурдаи бисёри худ наваҳмида, хунрезиро ташкил медод. Дар байни ин ҳама ҷӯшу хурӯши ҷанг ман бо ҳамроҳии сардорамон танҳо мондем.

Абдусаттор ва ду нафари дигар аз шарикони мо пои пиёда медавиданд ва боқӣ чанде ба кӯтали Нимич баромада мегурехтанд. Мо низ маҷбуран ақиб рафта ба болои кӯтал баромадем.

Рафиқи азизи ман Абдусаттор дар байни тӯдаи саворони душман ба даст афтид, ҷасади вай дар дасти саворони душман бузкашӣ карда шуд. Ана ин аҳвол маро беихтиёр ба гирья андохта буд. Садоҳои милтиқҳои дутарафа бо садо ва наъраҳои пурҷӯшу хурӯши Сурхоб ба гӯш мерасид. Дар канораҳои кӯҳҳои танг ва баланд, дар ҷойҳои мудҳиши партовгоҳҳо садо ва зории мағлубшаванда ба куҷо мерасад?

Оре, ин аҳвол ниҳоят вазнин ва ғамовар аст. Аспҳои мо то баромадан аз кӯтал ба обу арақ ғӯтиданд.

Дар ин вақт барои наҷоти ҷони мо фақат ёрмандӣ лозим буд. Аз болои кӯтали Нимич ба роҳи каҷу килеби ақиб нигоҳ мекардем, ҳеҷ кас ба ёрмандӣ намеомад.

Ногаҳ пардаҳои гӯшҳоямон ғип гирифта монд. Ман хаёл кардам, ки дар ҳавои софи баҳор раъд пайдо шудааст....

Магар дар ҳавои соф низ раъд ҳаст ва ё ин воқеаи дигари парешонкунандаи хотири ман ва рафиқони ман аст?

Инро фикр карда барои наҷоти ҷон мегурехтем. Ногоҳ дидам, ки дар ҳавои соф аэроплани шӯравӣ – «Болҳои шӯроҳо» дар болои мо ба тарафи душман уқобҳое, ки кабкҳои кӯҳиро пеш мекунанд, фурӯ омад. Одамони аэроплан ва хуҷуми ӯ ба душман якбора моро аз бори хеле вазнини ғам халос шудагӣ барин шуд...

Аз ду тарафи маторҳои «Болҳои шӯроҳо» дар дашти поёни қишлоқи Нимич ба муқобили душман тири пулемёт монанди рег мерехт... Душман дар ин ҷо дигар ғалаба карда натавонист, вай роҳи гурезро пеша кард.

Мо боз шашкаҳои худро кашида аз паи душман, аз паи Махсуми Фузайл асп тохтем... Бо ёрмандии аэроплани шӯроӣ мо ба душман ғалаба кардем.

* * *

Яке аз шабҳои аввали моҳи апрел моҳтоб дар пушти ағбаи Кафтаргузар – райони Ҳоит монанди карчи харбуза ба назар намоён буд... Равшании моҳтоб ба мо имконият медод, ки дараҳои печ дар печ ва дарун ба даруни кӯҳи Нимичро гузар карда, бо як сахтии тамом ба тарафи Қалъаи Лаби Об – ҷои шинаки дуюми тӯдаи душманони мусаллаҳ равем...

Бе равшании моҳтоб дар ин гуна шабҳо аз ин роҳҳои пурхавф ва мудҳиши байни кӯҳҳо гузар кардан ҳеҷ мумкин набуд.

Сардори мо дар вақти гузаштан аз роҳ хеле бохабар ва ҳушёр буданамонро таъкид менамуд...

Дар шаби баҳор оби барф ва борон дар ҷӯйчаҳо ва ғорчаҳои майдаву каттаи кӯҳ шаррос зада ба поён ҷорӣ мешуданд. Ин селобчаҳо санг ва хоки бадани

кӯҳро канда бо як шиддати тамом ба оғӯши Сурхоб гирифта мебурданд. Дар порчаҳои васеътари он ҷо селобчаҳои сахт ҳам ҷорӣ буд, ин селобчаҳо сангҳои аз сари одам калонтарро аз замин канда бо ҳамдигар ҷанг андохта ба поён мебурданд...

Бо ҳамин аҳвол дар бадани кӯҳ пои пиёда лаҷоми аспҳои худро даст гирифта, роҳро аз паи душман бо зудии тамом тай мекардем.

Дар ин ҷо овози Сурхоб бо овозҳои дигар якҷоя шуда ба гӯш мерасиданд. Дар ин ҷо овози селобчаҳои кӯҳӣ, ки ба поён ҷорӣ мешуданд, бо овози дарё якҷоя шуда аз овози милтиқҳо ҳам сахттар ба гӯшҳо мерасид... Сурхоб дар моҳҳои зимистон ва тирамоҳ ва аввали баҳор имконият медиҳад, ки дар ҷойҳои ҷудогонаи вай аспон ва шутурон гузар кунанд. Вале дар фасли тобистон, ки мардумони кӯҳистон ӯро фасли «обхез» меноманд, чунон зиёд ва пурҳайбат мешавад, ки ҳатто шиноварҳои машҳур ҳам майли аз он гузар кардан наметавонанд... Дар ин фасл барои мардумони ин ҷо роҳҳо ба тарафи офтобрӯ ва сояру баста шуда ва алоқаҳо байни ин ду тараф то як вақти муайян бурида мешавад.

Дар ин моҳи апрели соли 1929 барои мо то як дараҷа имконият буд, ки гузаре дарёб карда аз ҷойҳои маълуми вай ба тарафи дигари Сурхоб – ба тарафе, ки барои мо ба даст овардани босмачӣ осонтар мешавад – ба тарафе ки ӯро сояру меноманд, роҳ пеш гирем.

Ҳамаи инҳо аз хотирам фаромӯш нашудаанд, мо ба ҳамин мақсад аз роҳи печ дар печ ва борики танаи кӯҳи Нимич ба лаби дарёи Сурхоб фуромадем. Барои мо ёфтани гузаргоҳ дар ҳамин вақти нимишабӣ бисёр душвор шуд. Шаб дар канори дарё гоҳо боло ва гоҳо каллапо омада, барои ёфтани гузар кӯшиш мекардем. Аспҳои зери пои мо аз гузаштани як қатор ҷойҳои

пурхавф ва баландиҳои мудҳиш хеле монда шуда истода буданд, вале ҳанӯз ҷои гузар барои мо ёфт намешуд. Ин аҳвол боз моро муқаддар кард, дилҳоро ғамгин намуд...

Магар мо боз ақиб мемонем, магар душман барои пурқувват шудан ва боз бар зидди мо девонавор ҳамла кардан имконият меёбад ва ё худро монанди мори саркӯфта гум карда мемонад?

Ана ҳамин тавр ба ҳамдигар савол медодем ва дар байни сангрезаҳои лаби дарё сарсон мегаштем. Дар ҳамин бора ором истода натавониста ман ба сардори отрядамон гап задам.

Сардор моро насиҳат мекард ва дилдорӣ медод. «Мо душманро меёбем, вайро мағлуб карда сарашро аз танаш чудо мекунем» – мегуфт ӯ ба ман тасалло дода. Мо ба душман имконият намедиҳем, ки вай корҳои душманонаи худро давом кунонад. Мо бо ӯ то охири қувват меҷангем ва албатта мо дар мубориза бо ӯ зафар хоҳем кард. Сардори мо ҳанӯз гапашро давом дода мегуфт: Ба қувваи худамон мо боварии пурра ва комил дорем. Мо монанди он ки дар фронтҳои мубориза бо Колчак, Деникин, Алимардонбек, Эшони Султон ва дигар ғоратгарон ғалаба кардем, бе ҳеҷ гуна шубҳа дар ин ҷо низ ғалаба мекунем... Ин қатъӣ ва ҳақиқист...

Додани қурбониҳо, монанди Абдусаттор ва рафиқони дигар, моро барои аз душмани шадид гирифтани интиқом ғайратноктар ва шуҷоътар мекард. Мо бо ин шуҷоӣ ва далерии худ боз ҳам боварӣ дорем...

Ана бо ҳамин аҳвол дар лаби дарё муддати се соат сарсон ва роҳ гум карда мондем. Ногоҳ аз роҳи каҷу килеби борики болои мо овози тириқ-тириқи сумҳои аспҳо омад. Мо, боз оядагон душман набошанд, гуф-

та дар камингоҳҳои теппачаҳои лаби дарё худро пинҳон карда ва ба ояндагон менигаристем.

Онҳо хеле наздик омаданд, вақте ки дар зери теппаҳо сиёҳии моро дида монданд, онҳо якчанд тири пайдарҳам холӣ карданд.

Дар ҳамин вақт ба мо маълум шуд, ки ояндагон отряди партизанҳои сурх – аз они худӣ буда ва дар нимаи шаб ба ёрмандии мо хеста омадаанд. Онҳо ҳанӯз кӣ будани моро надониста ва ҳатто ба тарафи мо ҳуҷум карданӣ шуданд. Лекин баъд аз он, ки сардори мо рафиқ Ғайниддинов бо як овози пурраи баланд садо дод, тирпарронӣ аз тарафи онҳо хомӯш шуд.

Дастаи ояндагон ба назди мо омаданд, дар даста рафиқони деринаи ман рафиқ Макридский ва Сангин партизан мавҷуд буданд. Ман ба онҳо аҳволи имшабаро як-як гуфта додам. Ман ба рафиқони ба ёрмаандии мо омада ба дасти душман афтода пора-пора шудани ҷасади рафиқони наздик ва меҳрубон, комсомоли ҳамсинф ва ҳамташкилотам Абдусатторро ҳикоя кардам. Рафиқон, онҳо дар мубориза ҷон доданд... Ман гуфтам, ки душмани қаттол бо як бераҳмии тамом ҷасади онҳоро пора-пора кард... Дар вақти гуфтани ин гуна суханҳо беихтиёр оби дида ҷорӣ мешуд. Вале вақте ки боз дар бораи ёрмандичиҳои «Болҳои шӯроҳо» ва омадани рафиқони нав ба ёрмандии мо гап мерафт, боз то як дараҷа хурсанд шуда ба дилам қувват мегирифтам ва боз монанди рӯзҳои аввал, чуноне ки ин аҳвол дар синфи мактаб, дар болои маҷлиси комсомолӣ ба ман рӯй дода буд, бозуҳои худро ҷунбонида бо як қувваи далерона дастаи шери миёни худро бо кафи дастам мефушурдам....

Гуё ман бо як ҷӯшу хурӯши тамом ба ғазаб меомадам.

Гапҳо кашола шуда барои боз давида ёфтани душман бо ҳамроҳии рафиқ Сангин, Макридский ва Ғайниддинов масъала ба таври ҷиддӣ ҳал карда шуд. Сангин аз гузари об бохабар будааст. Вай дастаи моро бо худ гирифта ва болотар аз ҷои истодагиашон рафтан даъват кард.

25 нафар рафиқони ҷангии нав бо қувваи нав моро хеле хурсанд карда буданд. Мо ба тарафи соярӯ ҳаракат кардем, бо ҳамин вазъият мо дар лаби сангрезаҳои дарё аз паси душман роҳ тай мекардем...

Ҳиссае аз шаб гузашт, моҳтоб аз пушти кӯҳи баланд баромада, қариб то ба миёнҷои осмон қад кашида монд. Мо кӯтали охирини кӯҳи Нимичро сар карда, баъд каллапо ба тарафи гузар ба лаби оби Сурхоб рафтем.

Сурхоб ба мавҷҳои доимӣ ва пурошӯби худ ҷорӣ шуда рафта истодааст. Дар овози ҷӯшу хурӯши об акнун овози сангоне, ки аз ғорчаҳои бадани кӯҳ ва селбурҳо якҷоя меомаданд, он қадар шунида намешуд. Онҳо хеле дур монда буданд, шаб сояи моҳтоб пур шуда ба болои дарё афтида буд. Дар оғӯши мавҷҳои дарё моҳтоби нимпурра гоҳе ба назар намоён ва гоҳе ғоиб шуда мерафт. Молаҳои об дар ними шаб монанди чодирҳои қирғизони бодиянишини соҳили чапи Сурхоб менамуд.

Мо як шӯхобчаи майдаро гузашта ва ба бағали об даромада будем, ки аз байни сангони баланде, ки дар як теппаи он, тарафи гузаргоҳ буданд, пайдарҳам якчанд тири милтиқ баромад. Дар шаб шӯълаи тирҳои даҳони милтиқҳо аз дур ба хубӣ дида мешуд. Онҳо монанди оташак ҷараққос мезаданд.

Аспҳои зери пои мо дар даруни мавҷҳои дарё овози милтиқҳоро шунида саросема шуда буданд. Дар он вақт ман як аспи бисьёр хуб доштам, вай мушк барин

сиёҳ буд. Номи ӯро Зоғ мегуфтанд. Вай маро дар байни мола ва мавҷҳои дарё нафаскашон гузаронида истодааст, вай ба тарафе ки тири душман баромад, маро кашола карда мебурд. Боз аз байни сангони мазкур чанд тир баромада аз атрофи гӯшҳои ман виззос зада гузаштанд. Зоғ бисёртар саросема шуда, дар даруни об ба сар зад. Дар хотирам ҳаст, дар ҳамин ҳолат оби ваҳшӣ қариб буд, ки моро аз сари зин канда ғарқ кунад. Вале Зоғ, чунон ки дар поёни қишлоқи Нимич дар вақти шамшерзаниҳо ва ҷангҳои хунин бо ман маро аз дами шамшери палидон раҳонида дар хурӯши об ҳам тоқат овард, боз ба по хеста аз ғарқ шудан раҳонид. Ҳамин ки Зоғи ман бархост, як шиҳаи ҳазинона кашида, аз болои мавҷҳои дарё гузашт... Вақте ки ба лаби оби Сурхоб берун омадем, садои милтиқ ин маротиба зиёдтар шуда ва шакли ҷангро гирифтанд... Ошкор буд, инҳо садоҳои милтиқҳои душманон буданд, ки бо сардории Махсуми Фузайл бар зидди мо холӣ карда мешуданд. Дар кишлоқи худи он тарафи дарё поёнтар аз Қалъаи лаби об (ҷое ки амалдорони амир менишастанд) имшаб Махсуми Фузайл ҷой гирифта ва дар ин байни сангоне, ки аз он ҷо тирҳои милтиқҳои душман мебароянд – дар назди гузаргоҳи мазкур барои муҳофизати қишлоқчаи лаби дарё дастае гузошта будааст.

Мо бо фармони сардорони худ ба байни сангҳои калоне даромада аз он ҷо тирборони сахт ташкил додем...

Вале ҳанӯз тирпаррониҳои давомнок аз пушти сангҳои поёни қишлоқча ором намегирифт. Вақте ки мо камтар пеш рафтем, ин маротиба тирандозӣ шакли ҷиддӣ ва пурҳайбатеро гирифт. Сангин – партизан бо ёрмандии ман ба бозуҳои зӯровари худ тасмаҳои пулемётро баста, ба он ҷое ки бар зидди мо душман

тирпарронӣ мекард, пештар рафта аз пулемёт як тирбворони сахти дигар ташкил кард. Дар ними шаб аз шӯълаҳои тирҳо сангтӯдаҳои лаби дарё як ба назар намоён шуда, боз ғоиб мешуданд.

Садоҳои тирпарронии душман хомӯш шуд, мо ба пеш, ба тарафи қишлоқча ҳаракат кардем. Душманон дар ин мубориза низ бо мо тоқат накарда, бархоста дар ними шаб ба тарафи қишлоқи Метаниён (қишлоқи аслии Махсуми Фузайл) гурехтанд. Моҳтоб омада ба пушти кӯҳи Нимич фурӯ рафт...

## II

Қишлоқи Метаниён дар доманаи кӯҳи дараи Нушор, дар зери ағбаи Кафтаргузар воқеъ гаштааст. Вақте ки шумо аз ин тарафи қишлоқи Нимич кӯтали калонеро сар карда, ба болои кӯҳ мебароед, дар он тарафи кӯҳ доманаҳои васеи кӯҳҳои Ҳоит ва Кафтаргузар, қишлоқҳои дум андар думи Яманд ва Ҳойит ба назар менамоянд.

Ин қишлоқҳо дар тобеи районҳои кӯҳистони Қаротегин-Ҳойит беҳтарин қишлоқҳои серфайз – хушбоду ҳаво ва сермева ҳисоб мешаванд. Аз паси қишлоқҳо як шохоби бузурге дар болои сангҳои майда ва калон бозӣ карда, ба тарафи Сурхоб ҷорӣ шуда меравад. Ин шохоб аз чашмазорҳои бисёре, ки дар доманаи пушти кӯҳи кишлоқ ҳастанд, ташкил ёфта ва чун нуқра соф аст.

Ҳанӯз офтоб шӯълаҳои аввалини худро ба нӯги ағбаи ин тарафи қишлоқи Метаниён нарасонида буд, ки мо ба болои ағбаи мазкур баромада, аз байни қишлоқҳои дунболадори қади «Даробаи» Ясман ба тарафи қишлоқи Метаниён ҳаракат кардем...

Мардумони қишлоқҳои тобеи Ясман, ки чанд сол бе

ҳеҷ гуна талаф ва ғоратшавӣ дар зери сояи партия ва ҳукумат зиндагонӣ карда истода буданд, имрӯз фавқулодда нотинҷ шуда буданд. Онҳо қадами наҳси душмани қаттоли деринаи зиндагии худашон Махсуми Фузайлро ин пагоҳӣ дар қишлоқ бо додани қурбонии наве «пешвоз» гирифта буданд.

Ҳангоме ки мо ба қишлоқи Ясман дохил шудем, дар он ҷо танҳо як-ду нафар мӯйсафедон аз зану мард дар пеши кооперативи қишлоқ ҷамъ шуда ва як нафар зани миёнсоли дигаре дар миёни онҳо бо як овози аламоваре нола мекард...

Ин ҳанӯз барои мо муайян набуд... Бисёрии мардумони ин қишлоқҳо шабона аз пеши раҳи ваҳшии хунхор аз қишлоқҳо берун баромада гурехта, дар зери санг ва чуқуриҳои атрофи қишлоқ пинҳон шуда буданд. Вақте ки онҳо аз ақиби душман пеш карда омадани моро фаҳмиданд, аз ҳар тараф давида ба қишлоқ, ба назди мо ҷамъ омадан гирифтанд...

Мо ба он ҷое, ки анбӯҳи мардумони қишлоқ аз одат берун ҷамъ омада ва ғавғоҳои гуногун мебардоштанд, расидем.

Аз омадани мо ғавғо ва гиряву нолаи наве сар зада монд. Аммо ин гиря ва нолаҳое, ки дар назди мо барпо шуда монд, на монанди он гиря ва нолаҳое буданд, ки дар назди босмачиён аз тарафи ин мардумони ситамкашида барпо карда мешуд...

Дар ҳангоме ки Фузайли хунхор дар ин қишлок шабона омадааст, бошандаи ҷавони ин қишлоқро, ки муаллими ин қишлоқ будааст – Ҳимматҷонро ба даст даровардааст. Дар он вақт дар пеши босмачиҳо модари вай, ки ҳоло навҳа карда истода буд, дузону зада бо илтиҷову зориҳо гиря ва нола карда, ҷони писари дилбандашро аз дами шамшери душман халос карданӣ шудааст. Вале, баъд аз он ки аз дасти босмачӣ ба та-

рафи рости синаи худ аз қундоқи сахти милтиқ як зарбае хӯрдааст, дигар дар назди онҳо истода натавониста, фақат аз дур бо дами шамшери душмани хунхор бурида шудани сари фарзанди дил-бандашро тамошо кардааст.

Вай ҳозир тарафи синаи дасти росташро бо дасташ қапида менолид.

Мардумони қишлоқ ҳам ҳамин ҳолати ваҳшонияти душмани худро дида, ба вай лаънат фиристода ва ба ҷони қурбони ҷавони нави худ дар қишлоқ нола мекарданд.

Ин гиря ва нолаҳои фавқулодае, ки ба муносибати омадани мо ба вуҷуд омад, тамоман як хосияти дигар доштанд. Ин ба гиря ва нолаҳое, ки дар болои мурдаҳо ба муносибати омадани беҳтарин дӯстон ва хешовандон бо як шиддати тамом барпо мешавад, шабоҳат дошт.

Зани миёнсолеро дидам, ки абрувони ғафси сиёх ва рӯи паҳни хеле сафед дошт, ду пероҳани сатини гулдори баданаш аз пеши сина то ба зону чок карда шуда буд, мӯйҳои бисёри сараш чун аҳволи худаш парешон буданд. Вай дар болои ҷасади фарзандаш нишаста мегирист ва ҳама мардумони ин ҷо низ зиёдтар ва баландтар навҳа мекашиданд.

Зани миёнсол, ҳамин ки омадани моро дид, зуд аз ҷои худ бархоста, ба тарафи мо давид:

– Рафиқон, азизон! Дод аз дасти золим, босмачӣ Фузайли хунхор!... Ана хуни фарзанди дилбанди маро бо дами шамери золимии худ резонида макиданд... Онҳо фарзанди дилбанди маро аз ман бурданд... Ваҳшии хунхор ташна буд ва лаби худро аз хуни фарзанди азизи ман сероб кард... Вай Ҳимматҷонро бурд ва бо ин бурданаш тамоми умеди ҳозира ва ояндаи маро ҳам, тамоми ҳастии маро низ бурд!...

Вай боз мӯйҳои худро канда наъра мекашид:

– Рафиқон, азизони мо! Зуд бошед, душманро даст гиред. Вай дар ин қишлоқ борҳо хун рехта ва борҳо ба номуси ҷавонон таҷовуз карда ва борҳо пушти фақирони камбағалро хунолуд кардааст...

Ман ба ин аҳвол ҳеҷ тоқат карда натавониста ва беихтиёр гирён шудам. Дидам, ки ин таъсири гиряовар на танҳо ба ман рӯй додааст, балки рафиқон Макридский ва Сангин-партизан низ аз ман ҳам сахттар ба ҳаяҷон омадаанд. Ман медидам, ки Сангин дар сахттарин вақтҳои ҷанг бо босмачигарӣ тоқат карда, далерона мубориза мебурду гиряи ӯро надида будам. Танҳо ҳозир рехтани қатраҳои ашки чашми ин диловарро медидам...

Анбӯҳи мардумони қишлоқ аз зану мард ба атрофи мо ҷамъ омада ва арзи аҳвол мекарданд. Имрӯз яке аз рӯзҳои таърихии калони ҳаёти ман аст, имрӯз ҳеҷ аз ёди ман фаромӯш намешавад...

Истироҳатгоҳи Махсуми Фузайл то соли 1924 – дар вақги ҳукмрониаш дар кӯҳистони Ғарм ҳамин ҷо будааст. Вай дар ҳамин иморати дуошёнаи маҳалли хеле хуби байни қишлоқ, ки дар лаби наҳри об ва байни дарахтзорҳои бисьёре воқеъ гаштааст, зиндагӣ ба сар бурда, истироҳат мекардааст. Базмҳои ҷамшедӣ ва анвои айшу сафои вай дар даври ҳукмрониаш ҳамин ҷо будааст... Дар ин ҷо аз дасти вай хуни садҳо бегуноҳон рехта шуда ва номуси садҳо ҷавонон барбод дода шудааст.

Ҳозир ин иморат идораи шӯрои ҷамоат ва кооперативи қишлоқ буд. Шабона вай дар баробари ин, ки муаллими қишлоқро бо як бераҳмии тамом дар пеши панҷараҳои долони ин иморат бо шамшери хунини худ сар бурида, кайфи салтанати деринаи худро дар ин ҷо боз як бор чашида дид. Монанди он ки дар соли

1924 чизҳои аз халқ тала ва тороҷ кардагиашро бор карда ба тарафи Афғонистон, бо шарики наҳсаш – Олимхон рафта буд, ҳозир ҳам ҳамаи чизҳои кооперативи қишлоқро аз дасти меҳнаткашон ба зудӣ ғорат карда бор карда бурдааст...

Аз болои ҳамин панҷараҳои иморат баромада Сангин – партизан ба сухан баромад.

-Рафиқон! – гуфт Сангин партизан.

Мардумони пароканда ва азодор бо як зудии тамом ба атрофи панҷараҳои иморат ҷамъ омада ва бо як диққати тамом ба суханҳои вай гӯш доданд...

– Фузайл ҳамон Фузайли қадима аст, шумо гумон накунед, ки гӯё вай ин маротиба ба тарафдории шумо омадаасту шуморо азоб намедиҳад. Худатон медонед, на танҳо Махсуми Фузайл, балки ҳатто бар зидди мо ҳамаи ёрмандирасонандагонаш омада, ҷанг кунанд ҳам аз мо мағлуб хоҳанд шуд... Аскари сурх, партизанҳои сурх, чуноне ки дар давраҳои ҷангҳои шадиди дигар ба душманони меҳнаткашон ғалаба карданд, бе ҳеҷ гуна шубҳа дар ҷангҳои оянда ва ҳозира низ ғалаба мекунанд... Фузайл ҳеҷ гоҳ ғолиб шуда наметавонад. Танҳо мақсади вай ин аст, ки омада ба ҳаёти пеш рафта истодаи мову шумо, ба сохтмони пеш рафта истодаи мову шумо халал расонад. Пулҳои ширкатҳои хоҷагии қишлоқ, мол ва пулҳои кооперативи қишлоқро, ки барои тараққӣ додани хоҷагии шумо оварда мешавад, ғорат кунад. Ба кишту кор зарба расонад. То метавонад, салтанати гузаштаи худро бо куштани Ҳимматҷон барин касон дубора ба ёд биёрад, хуни онҳоро нӯшида маст шавад ва биравад...

Вай барои ҳамин ҳар гуна ҳила ва найрангҳо ба кор мебарад, бар зидди болшевикон ташвиқот мекунад, дар ин бора душманони дар байни қишлоқ будаи моро истифода мебарад ва ғайраҳо.

Бояд ки вай зуд дастгир шуда ва аз душмани қаттол интиқоми бародарон ва хоҳарони мо гирифта шавад. Бояд дар бадали ин ҳама ғоратгариҳо, беномусиҳо хунрезиҳое, ки вай ташкил додааст, мо бо ёрмандии шумо вайро ба даст оварда ва бо дасти худи шумо вайро ба ҷазо дучор кунем...

– Ҳо! Дигар тоқат кардан мумкин нест!

– Биёед, рафиқон! Меравем, душманро ба даст оварда ба вай нишон медиҳем, ки мо дигар ғуломи ӯ шудан ва азоби ӯро кашидан намехоҳем... Вай ман «Ҳомии ислом» ҳастам, гуфта анвои шарирӣ, хиёнат ва бераҳмиро дар сари мо – меҳнаткашон ҷорӣ кард... Моро вай фиреб дод... Акнун мо фиребҳои вайро хуб медонем ва мефаҳмем... Мо медонем, ки вай фақат зиндагии моро ғорат мекунад...

Ин гуна садоҳо аз байни мардумон пайдарҳам баланд шуда ва дар байни онҳо ҷунбиши ҷӯшу хурӯши фавқулоддае ба миён омад. Садоҳои «рафта душманро дастгир карда интиқоми худро мегирем», аз ҳар тараф ба гӯш мерасид... Аз паси онҳо зиёда аз 50 ҷавонони диловар бо мо якҷоя шуда барои мубориза бо душмани зиндагиашон камари ғайрати худро бастанд.

Мӯйсафедҳои қишлоқ аз зан ва мард, аз фарзандони диловари худ талаб мекарданд, ки дар мубориза бо душман – бо босмачӣ ғалаба карда оянд...

Офтоб шӯълаҳои худро аз байни дарахтони қатори ба ҳамдигар ниҳоят зич, чанор, чормағз, зардолу, сафедор ва ғайраҳо гузаронида дар байни кӯчаҳои қишлоқи Ясманд монанди намадҳои гулдӯзии сафеди қирғизҳои «Олой»-тобеи Ҷиргатол паҳн карда буд...

Мо бо якҷоягии 50 нафар диловарони нав аз ақиби душман зуд аспҳои худро ҳай карда медавонидем...

Офтоб як найза боло нашуда буд, ки мо ба наздикии

қишлоқи Метаниён – он ҷое ки Махсуми Фузайл бо нафарони худ ҷойгир шуда буд, расидем.

Дар поёни қишлоқи Метаниён дар майдончаи васеи пур аз дарахт дар лаби ҷӯи калоне, ки ба тарафи Сурхоб ҷорӣ шуда меравад, байни мо ва душман боз ҷанги сахти хунине барпо гардид... Нафарони душман боз бо ғавғоҳои нав аз байни қишлоқ бархоста, ба тарафи мо ҳамла карданӣ шуданд. Тирпарронии шиддатноки дутарафа барпо шуда монд...

Фузайл, худаш дар қишлоқи Метаниён наистода, гузашта ба зери ағбаи Кафтаргузар (ағбае, ки аз он ҷо гузашта ба тарафи лаби оби Панҷ – ба тарафи Афғонистон меравад) рафта будаст. Вале дар ин ҷо зиёда аз 500 нафар йигитҳояш бо сардории Ғафур – понсад ва кӯри Алаёр бо мо дар шинак нишаста ҷанг мекарданд.

Баъд аз ним соат тирпарронии шиддатнок Сангин – партизан шамшери худро аз миён кашида як ба тарафи душман аспи худро тозонд... Сангин дар мубориза бо босмачиҳо борҳо ин гуна диловарӣ ва қаҳрамониҳои беназир нишон дода буд. Ин аст, ки дар синаи вай ду нишони сурхи меҳнатӣ медурахшиданд... Вай ҳақиқатан одами диловар ва ҷасур буд. Вай аспи худро ба сари онҳо тохт, бо ҳамин давидани худ аз қаравулони душман як нафарро сар бурида ва як нафар афғони дигарро бо милтиқ ва шашкааш, монанди бузкашакҳое, ки дар ҳангоми кӯбкорӣ мекашанд, дар зери рикоби худ гирифта бардошт.

Мо аз ақиби вай бо як суръати тамом тир парронида, ҷанг карда ба пеш мерафтем. Ман милтиқ ва шашкаи касеро, ки Сангин овард, аз миёнаш кашида гирифтам. Вай як афғони сиёҳрӯи бадҳайбат буд...

Баъд аз як соат ҷанги хунине ба воситаи туфангон, ҷанги мо ва байни душман ба ҷанги шамшерзанӣ таб-

дил ёфт... Мо ҳамагӣ бо фармони Сангин шамшерҳои худро кашида ба тарафи душман ҳуҷум овардем. Мурдаи душманро дар ҷанги шамшерзанӣ монанди барги хазон резонида ва ӯро мағлуб кардем.

Дар баландии кӯтали ағбаи Кафтаргузар Фузайл худаш бо се нафари дигар аз қӯрбошиёнаш монанди рӯбоҳи аз шер гурехта истодагӣ мегурехт. Дар ҳамин ҷо Салим – понсад, кӯри Алаёр, Чӯтан – полвон ва зиёда аз 50 нафар калонтарин сардорони тӯдаи ғоратгарон ба дасти мо афтоданд. Деҳқонони қишлоқи Ясманд ҳамаи мол ва пули шарокат ва кооперативи қишлоқи худро аз дасти душман баргардонда гирифтанд. Фузайл ҷони худро аз ағба раҳо кард. Сангин ва як – ду нафар деҳқонони дигар барои ба даст овардани ӯ дар болои ағба ӯро пеш мекарданд.

Мо душманони мағлубшударо гирифта бо музаффарият ва ғалабаҳои худ баргаштем...

Мо дар канорҳои кӯҳҳо суруди инқилобии «Мо ғолибем»-ро шунида ба тарафи Ғарм меомадем.

# ҶАВОНОНИ ДАЛЕР

...Ман ба мубориза меравам. Албатта фатҳ хоҳам кард. Ман номи бошарафи комсомоли ленинирo барои ин ба худ гирифтаам, ки дар амал кори Ленинро ба пеш барам. Дар қатори ман дӯсти деринаам Ҳиммат Ғанӣ низ ба сафи дастаи ихтиёрие, ки имрӯз фавқулода ҷамъ шудаанд, дохил шуд.

Ҳамон рӯз дар қарори ташкилоти комсомолон ман, Ҳиммат Ғаниро, ки котиби ин ташкилот мебошад, ном бурда табрик карданд... Ин дар мубориза ба муқобили душман маро беандоза хушҳол кард. Ман аз шодӣ дар як ҷо нишаста наметавонистам, дар байни стол ва стулҳои бинои мактаб, ки дар он ҷо маҷлиси комсомолон давом мекард, бо як ҳолати далерона қадам партофта гӯё бозуҳои худамро месанҷидам. Дар ҳамин вақт хаёлам ба нуқтае, ки ҳеҷ вақт аз ёдам фаромӯш намешавад, банд шуда монд.

Ҳанӯз вақте ки ман дар баталони савораи кӯҳии тоҷик аскари сурх будам, ин андеша ҳар рӯз маро ба хаёл вогузор карда мемонд...

– Агар агентураи империалистӣ ба Ватани азими мо фуки хуконаи худро дароз карда ҳуҷум кунад, ман монанди шерони далер ба майдони ҷанг медароям... Баъзе касоне, ки ҳозир ба зӯри бозуҳои ман он қадар ҳам бовар надоранд, он «вақт хоҳанд фаҳмид, ки ман дар мубориза ба муқобили душман то чӣ андоза паҳлавонам. Ин андеша бисёр вақт боз аз сарам дур намешуд. Як рӯз пеш аз ин дар вақти ба манёвр баромадани баталони тоҷик хаёлам дар атрофи ин масъала чунин банд шуда монд, ки гӯё ман дар ҷанг бошам ва

ба тарафи душман тир мепарронам. Дар ҳамин вақт беихтиёр куланги милтиқамро зер кардам ва тир аз нӯги милтиқ чараққас зада баромада рафт...

Рафиқ Райхер, ки аз тарафи ташкилоти комсомолии район барои гузаронидани маҷлиси комсомолӣ ба ин қишлоқ омада буд, пагоҳ ба район омадани Латиф ва Ҳиммат Ғаниро бо якҷоягии ихтиёриён таклиф карда баромада рафт. Вай ҳар чи тезтар ба район расидани онҳоро таъкид кард...

Ин дар яке аз рӯзҳои аввали апрели соли 1929 буд. Дар маҷлиси комсомолони қишлоқ баъд аз рафтани рафиқ Райхер масъалаи киштукори баҳорӣ ҳал карда шуд. Ин қишлоқ, бо вуҷуди он ки дар бағали кӯҳҳои хеле баланде воқеъ шудааст, деҳқонони вай дар ин рӯзҳои аввали моҳи апрел ба киштукор сар карда буданд. Шуоҳои гарми офтоби баҳорӣ ғарами барфҳои атрофи биноҳои қишлоқро об карда, ба ҷӯйчаҳое, ки аз чашмаҳои кӯҳ ҷорӣ шуда меомаданд, якҷоя мекард. Бачагон ба маҷлис ҳозир шуда, ҳар кадом дар дастҳои худ аз нишонаи баҳор даста-даста гулҳои сиёҳгӯш ва наврӯзӣ оварда буданд.

Маҷлис то ғуруби офтоб давом кард. Баъд аз маҷлис ҳама дасти Латиф ва Ҳиммат Ғаниро сахт фишурданд ва онҳоро табрик карданд...

– Ҳанӯз ҳам дар кӯчаҳои қишлоқ фикри ман бо андешаи интиқом гирифтан аз душман банд буд, ман фикр мекардам ва фикран дар ҷангҳои хунин ба душман зафар мекардам, ӯро дар зери пои худам мағлуб медидам... Ба душмани беамон ҳеҷ раҳм накарда, дар гардани вай дами шамшерро гузошта пасу пеш меронам... – мегуфт Латифи Диловар.

Пагоҳирӯзӣ хуршеди оламтоб аз паси кӯҳи Кафтаргузар сар бароварда атрофро аз нурҳои худ мунаввар мегардонд. Сояи кӯҳи баланд ва мағруре, ки дар паси

қишлоқ сар ба фалак кашида истодааст, рӯ ба гурез гузошт.

Дар қишлок ҳамаи деҳқонон ҷамъ шуда моро гусел мекарданд. Вақте ки Ҳиммат Ғанӣ милтиқро дар гардани худ андохта, пояшро ба рикоби асп монд, аспи шӯхи вай ба бозӣ даромада, аввал вайро савор шудан нагузошт. Ин аспи бисёр сабуктоз буд. Ҳиммат вайро «Оҳу» меномид. Дар ҳангоми роҳӣ шудани мо марди мӯйсафед ва қавиҳайкал аввал рикоб ва лаҷоми аспро даст гирифта, Ҳимматро ба «Оҳу» савор кард ва пас аз он аз пешонаи вай сахт бӯсид.

– Далер бош, дар корат ҳушёр шав ва аз душман ҳеҷ натарс. Тарсидан барои паҳлавонони ҷавон – ин роҳ додани шамшери душман ба гардани худ мебошад. «Писарам Ҳиммат»! – гуфт марди баландқомати қавипайкар. Мард қундоқи милтиқи писарашро дар як тарафи сағрии асп зер карда: – хайр, фарзандони азизам... – гуфт ва дастҳои худро ба рӯяш молид. Вақте ки «Оҳу»-и Ҳиммат бо як саросемагии тамом ба роҳ даромад, «Зоғча»-и ман ҳам дер намонда баробари вай юрға карда рафтан гирифт. Дар ин вақт офтоб қади як найза баланд шуда буд, вале дар зери абрҳои сиёҳ ба назар наменамуд.

* * *

Дар маркази Ғарм ҷунбиши аз одат беруни мардумон ҳис карда мешуд. Одамон монанди мавҷҳои пурҷӯши Сурхоб дар хурӯш буданд...

– Не, ту ҳанӯз ҷавон ҳастӣ, аз милтиқ парронда наметавонӣ, Мишка. Дар вақти ҷанг дарди сари мо мешавӣ, – мегуфт командирамон рафиқ Райхер ба комсомолбачае, ки гавдаи худро мағрурона баланд нигоҳ дошта аз ақиби Райхер дар кӯчаҳои Ғарм кашо-

ла шуда мегашт. Ин бача дар комитети шаҳрии комсомол роҳбари пионерон шуда кор мекард ва ҳама ӯро нағз мешинохтанд. Вале Мишка ба гапҳои Райхер гӯш накарда, дастаи шамшери ӯро маҳкам гирифта, ба хоҳиш даромад:

– Рафиқ командир, ман ҳам ба ҷанг меравам, аз милтиқ парронда метавонам. Дар кружоки тирпарронии интернат ман беҳтарин нишонгир будам... – мегуфт Мишка.

* * *

Дар пеши бинои комитети партиявии районӣ зиёда аз 30 нафар аъзоёни отрядҳои ихтиёрии комсомолӣ тайёр шуданд. Зудтар ба роҳ баромадан даркор. Чунки душман аз дарёи Панҷ ва баъд аз болои кӯҳи Кафтаргузар гузашта, ба қишлоқҳои атрофи кӯҳи Чашмаи Назарак омада буд.

Баъд аз он ки деҳқонони қишлоқҳо ба босмачиҳо роҳ доданӣ нашудаанд, душманони ғаддор ду нафар деҳотиро луч карда ба манқали оташи масҷиди қишлоқ партофта сӯзонидаанд. Ба болои ин ду нафар комсомолро сар бурида, шамшерҳои хунолуди худро лесидаанд... Се нафар комсомолкаро низ ба дор овехтаанд...

Мишка ҳам ба даст яроқ гирифт.

Ман, Ҳиммат Ғанӣ, Ғайниддинов, ки роҳбари комитети комсомолони вилоят будем, дар сафи пеши муборизон мерафтем.

Тайёрӣ он қадар ҳам дер накашид, отряд бо сардории командир Райхер ба муқобили душман роҳӣ шуд.

Мо милтиқ ва шамшерҳоямонро овезон карда, бо соҳили чапи дарё аз роҳҳои пасту баланд ва дараҳои думболадор гузашта ба тарафи боло мерафтем. Офтоб

ҳанӯз аз зери абрпораҳои сиёҳ набаромада буд, дарёи Сурхоб дар тарафи дасти чапи мо бо як ғалаёни тамоме ҷорӣ шуда мерафт.

Рӯз ҳанӯз аз нисф нагузашта мо ба кӯтали баланде, ки дар он тарафи Нимич ном қишлоқи зери кӯҳ воқеъ шудааст, расидем. «Оҳу»-и Ҳиммат монанди оҳувони кӯҳӣ ба кӯҳ ҷаҳида мебаромад. Аспи рафиқ Райхер як аспи калони қавоқғафс ва серёлу дум буда, аз оҳуи Ҳиммат монданӣ надошт. Аз ақиби онҳо «Зоғча»-и ман ннз равон буд. Райхер як қамчин ба сағрии аспи худ зад. Ва он бо як ҷиддияти тамом ҷаҳида ба болои кӯтал баромад. Дар ҳамин вақт аз қишлоқи зери кӯҳ садои пайдарпай ва мудҳиши милтиқҳо баромада монд. Қишлоқи Нимич, ки дар зери ағбаи Турпӣ воқеъ шудааст, аз сабаби бисёрии дарахтонаш ба назар чун чакалакзор менамояд. Аз байни боғзор ва дарахтони беруни қишлоқ як наҳри об ҷорӣ шуда омада ба Сурхоб ҳамроҳ мешавад.

Махсуми Фузайл ҳамроҳи зиёда аз 400 нафар йигитҳои худ дар ҳамин қишлоқ омада шинак муайян карда, пешакӣ ба ҷанг тайёрӣ дида будааст. Ин барои мо ҳанӯз дуруст маълум набуд. Вақте ки аз байни дарахтони беруни қишлоқ садои тири милтиқҳо баланд шуд, дар ҳамин қишлок будани душманон муайян шуда монд. Онҳо ба назар наменамуданд, танҳо як савора аз байни дарахтон «чун ғӯли сиёҳи ҷангалӣ» тез гузашт ва зуд аз назар ғоиб шуд.

Баъд аз ғоиб шудани он савора боз садои пайдарпаи милтиқҳо баланд гардид. Аспҳои зери пой аз шунидани овози мудҳиши милтиқҳо саросема шуда, беихтиёр ба замин лагад мезананд ва кафки даҳон холӣ мекарданд...

– Ура мегӯем, рафиқ Райхер, – гуфт Ҳиммат дасташро боло карда.

Райхер таклифи ӯро рад кард. Вай гуфт, ки аввал тайёр шудан даркор аст. Ман тасмаҳои пулемёти дастиро ба бозуҳои ғафс ва пурзӯри Райхер маҳкам бастам. Рафиқони дигар низ ба ҷанг тайёр шуда, аз болои кӯтал бо роҳчаи борик ба майдончае, ки дар ин тарафи наҳри қишлоқ аст, фуруд омадем. Аз байни қишлоқ якбора садоҳои гуногун аз нав баланд шуданд. Дар ҳамин вақт душман бо ҳамаи нафарони худ ба тарафи мо ҳуҷум карда асп тохтанд. Ин ҳуҷум ба воситаи як тасма холӣ кардани тири пулемёт паст шуд.

Мо аз паси девори гӯристони қишлоқ ба муқобили душман шинак гирифтем. Дар шинак рафиқи ман Ҳиммат Ғанӣ дар паҳлӯям нишаста тир холӣ мекард. Тирҳои душман аз болои шинаки мо ҷиззас зада мегузашт. Райхер аз пушти дарахти беди калон болотар аз ман истода тир холӣ мекард. Овози пулемёти дастии вай кӯҳҳоро ба ғул-ғула меандохт.

Дар ҳамии вақт дар дами қишлоқ ҷанги хунин барпо гардид. Бо вуҷуди он ки душман талафоти зиёде дода буд, вай монанди мори саркӯфта боз хашмнок гардида, ба тарафи мо ҳуҷум меовард ва ҳамла мекард. Офтоб гоҳ аз байни абрпораҳо худро намоён карда ва боз пинҳон шуда мерафт. Баргҳои нав сабз шуда истодаи дарахтони атрофи қишлоқ аз гулӯлаҳо монанди барги хазон мерехт. Замини сабзи атрофи гӯристон аз дуди милтиқ ва гарду чанги тирҳо ба ранги хокистар табдил ёфта буд.

Аз байни қишлоқ садоҳои ҳаё-ҳуй ва ғулғулаҳо торафт зиёд мешуданд. Душман аз ду тараф ҳуҷум кард. Як қисми бисёри онҳо зиёда аз 300 нафар ба болои кӯҳ баромада аз тарафи ақибгоҳ ба мо ҳуҷум карданд. Аз пасу пеш тир монанди борон ба замин мерехт. Райхер камтар пеш давида тир холӣ карда, боз ба қафо мегашт. Ҳиммат Ғанӣ милтиқи бисёр гармшудаашро ба

сабзаҳо молида ӯро камтар хунук карда, боз бо як чолокии тамом ба тирпарронӣ шурӯъ мекард.

* * *

Аз ниҳоят гарм шудани милтиқҳо аз шинаки мо кам баромадани тир ба хубӣ мушоҳида карда мешуд. Ба болои ин якбора садои дуру дароз ва маҳзунонаи аспе баланд гардид. Маълум буд, ки яке аз аспҳо тир хӯрда ҷон дод. Вале вайро дидан мумкин нашуд. Зеро сар боло кардан мумкин набуд. Гарду дуди ғафс аз болои сари мо ба ҳам печида дар байни шохҳои дарахтон оҳиста ба ҳаво печида, пеши шӯълаи офтобро хиратар мекард. Ба садои милтиқҳо наъраи сурудҳо, ки бо ғулғулаи ҳуҷумангези душман омехта мегардид, пайваста ба гӯшҳо мерасид ва ба мо имконият намедод, ки садои ҳамдигарро дурусттар шунавем.

Вақте ки шумораи бисёри душман атрофи моро печонда гирифт, барои мо ба чор тараф тир холӣ карда, ҷангро давом додан хеле мушкил шуд, якбора садои Райхер баланд шуд:

– Ба аспҳо савор шавед, барои ҷанг бо шамшер тайёр шавед!..

Дар ҳамин ҳолат душман бо тамоми қувваи худ бо як ҷиддияти тамом ба мо ҳуҷум мекард. Вақте ки ман ба болои зини Зоғча паридам, Райхерро ҳамроҳи чанд нафар аз отрядиён дидам, ки аллакай ба аспхо савор шуда гирифтаанд.

– Оҳ, Оҳуи азиз! – мегуфт Ҳиммат дар байни гӯристон ба ҳар сӯ давида. Ман баъд фаҳмидам, ки аспи Ҳиммат тир хӯрда будааст.

Ин дақиқаҳо бисёр нозук ва хавфовар буд. Дигар барои ман бо Ҳиммат фурсати гап задан нашуд. Дар ҳамин вақт ба шамшери душман бо шамшер ҷавоб до-

дан даркор буд. Мо ҳам шамшерҳоямонро аз ғилоф бароварда, ба тарафи дастае, ки аз тарафи қафо ба мо ҳуҷум мекард, ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаштем.

Дар майдончаи зери кӯтал, дар он ҷое ки доначаҳои гулҳои сафед ва зарди баҳорӣ акнун сар кашида истодаанд, ҷанги шамшерзанӣ бо душман барпо гардид. Ман дар ин ҷанг Ҳимматро намедидам. Вале Райхерро дар ҳар гардиши сари аспам ба тарафи дигаре медидам. Чанде аз рафиқон, ки аспашон тир хӯрда буд, дар шинак нишаста бо якҷоягии Ҳиммат бо дастаи дигари босмачиён ҷанг мекарданд. Вақте ки ман лаҷоми аспи як душманро даст гирифта, мехостам, ки ӯро зада аз рӯи зин афтонам, дидам, ки аз куҷое дар як дам Райхер ҳозир шуда монд ва бо чолокии тамом ба сари душман бо шамшер зад.

Дар ин ҷо аз дами шамшерҳо хун мерехт. Гул ва гиёҳҳои сабзу сафеди майдонча монанди лолазор сурх-сурх шуд. Ба ҳар тарафе ки Райхер рӯ оварда ҳуҷум мекард, душман тоб оварда натавониста роҳи гурезро пеш мегирифт. Ман дар ҳамин ҷо ба қаҳрамонӣ ва диловарии Райхер қоил шудам. Се нафар аз босмачиён Ғайниддинови муборизро дар як тараф аз асп зада афтондаанд ва бо шамшер ба сару гардани ӯ бераҳмона мезаданд. Райхер ба сари ин босмачӣ асп давонда дар як он сари онҳоро аз тан ҷудо кард. Райхер чун шери жаён зӯр ва тавоно буд.

Дар ин ҷанги шамшер бо шамшер дастаи душман мағлуб шуд ва боз ба роҳи худ баргашта, аз болои кӯтал ба тарафи қишлоқ гурехта рафт. Райхер аз асп фаромада ҳамроҳи ду нафар рафиқони худ ҷисми беҷони Ғайниддиновро аз зери мурдаҳои душман кашола карда баромад. Якбора дастаи дуюми душман шамшерҳои худро кашида ба мо ҳуҷум карданд. Дигар ба тарафи шинак рафта нашуд. Аз 30 нафар отрядчиён

18 нафарашон ба як тараф чудо шуда монда буданд. Боқӣ дар даруни қӯрғони гӯристон шинак гирифта беист ба тарафи душман тир холӣ мекарданд. Тамоми атрофи гӯристонро душманон иҳота карда гирифтанд. Пулемёт ҳам дар шинак монд. Чӣ бояд кард?

– Агар ҳамагӣ ба тарафи шинак ҳуҷум кунед, дастаи дар болои кӯҳ будаи душман якбора ба мо дармеафтад, он гоҳ корамон тамом шуд гуфтан гир, – гуфт яке аз отрядиён. – Аҳвол хеле вазнин хоҳад шуд.

Рӯз нисф шуда буд. Офтоб боз пасттар шуда, сояҳо чун қомат рост шуда монданд. Ба тарафи шинак, ба сари босмачиён тир паррондан барои мо хавфнок буд.

– Латиф! Ҳамроҳи рафиқонат дар болои мурдаи Ғайниддинов истода ва роҳи ҳуҷуми душманро мудофиа карда ист. Ман ба ёрии Ҳиммат мешитобам, шояд ки пулемётро ба даст биёрам. – гуфт Райхер ва ба тарафи шинаки қадимӣ аз байни саворони душман асп тохт. Парриши ситораи саҳарӣ буд. Дар ҳамин вақт садои дод ва вои маҳзунонаи Ҳиммат Ғанӣ, ки пиёда монда буд, аз даруни девор баланд шуд. Ҳиммат мехост, ки аз болои дарахти бед пулемётро гирифта боз ба шинаки худ рафта қарор кунад. Вайро кӯри Салим ном қӯрбошии Махсуми Фузайл, ки ҷаллоди машҳури Иброҳимбек ҳам буд, даст гирифт. Босмачиён бо шамшер кифти рости Ҳимматро аз баданаш ҷудо карданд. Вақте ки Ҳиммат ба даст афтод, душман якбора ба шинаки қадимӣ даромада монд, баъзе аз рафиқон аз дасти душман ҷудо шуда ба тарафи Сурхоб давиданд. Вале аз онҳо Ҳиммат Ғанӣ, Алӣ Акбар ва як – ду нафар муаллимони сурхи дигар ба даст афтоданд. Ҳамаи отрядҳои мо бо дасти душман бурида шудани сари рафиқони худро медиданд. Ҳақиқатан ин ҳол бисёр вазнин буд. Дар вақте ки душман бо нафарони бисёри худ ба тарафи як гурӯҳи хурди диловарони ҷавон

ҳучум мекард, дар муқобили вай сахт истода мубориза кардан даркор буд.

Агар ҳамаи мо ин постро яла карда, барои ёрмандӣ ба рафиқ Райхер бидавем, чӣ мешуда бошад? Боз ҳам хавф. Дар он вақт боз ҳам кор вазнинтар мешуд.

Эҳ, боз чӣ гуна роҳ бошад?

Аз партизанҳои Ғарм, ки бояд ҳамин рӯз расида меомаданд, ҳеҷ дарак набуд. Аз болои кӯҳ боз тӯдаи дигари душман ҳуҷум мекард. Вале мо дар муқобили вай истодагарӣ мекардем. Дар шинаки аввала аҳвол хеле вазнин буд. Дӯстони азизи мо ҷон дода истодаанд.

– Оҳ! Ана боз як вазнинии дигар. Райхер тир хӯрд. Вай аз синааш тир хӯрда афтид. Ба болокории ин анбӯҳи душманон рафиқони боқимондаи дар шинаки аввала будаи моро дар лаби дарё сар буридаанд.

Чӣ бояд кард?

– ... Шамшерҳоро бикашем ва ба тарафи шинак давонда рафиқони дигарро халос кунем?

Шумо худатон фикр кунед, ки ин дақиқа барои мо то чӣ андоза вазнин буд. Ман рӯямро дигар ба тарафи шинак гардонда натавониста фақат ба тарафи дастаи болои кӯҳии душманон тир меандохтам. Чунки дар он ҷо дар болои ҷасади мурдаҳо чизеро дидан мумкин буд, ки дилҳоро монанди тир харошида мегузашт ва ё касро девона мекард. Шумо тасаввур кунед, вақте ки касеро аз синааш бо тир зада, косаи сараш ва китфҳояшро ба воситаи шамшер мебуранд, боз чӣ ҳоҷат бошад, ки пой ва гардани ин мурдаро зери узангӯ гирифта, монанди бузғолаҳо бузкашӣ карда, ҷасади ӯро пора-пора мекунанд.

– Мана ҳамин тавр ҷасади Ҳиммат ва Райхер зери узангӯҳои душман пора-пора карда шуд...

Мишка милтиқашро ба замин монду сари мурдаи Ғайниддиновро гирифта, ба болои сабзаҳо дароз ка-

шид. Аз болои кӯтали Нимич ба роҳи каҷокаҷи ақиб нигоҳ мекардем.

– Аз омадани отрядҳо хабар нест.

– Магар мо мағлуб мешавем?

– Не, мо мағлуб намешавем. Ба ғалабаи худ бо тамоми ҳастиамон боварӣ дорем.

Ҷанг бо шиддати тамом давом мекард.

Ногаҳ пардаҳои гӯшҳои мо ғип гирифт... Хаёл кардем, ки тундар зад, аммо абрҳои сиёҳ пароканда шуда осмон соф гашта буд. Вақте ки ба осмон нигоҳ кардем, дидем, ки ҳамон аэроплани советӣ дар болои мо ба тарафи душман чун уқоб фуруд меомад. Омадани аэроплан ва ҳуҷуми ӯ ба муқобили душман маро аз бори вазнини ғам халос кард. Дар дашти поёни Нимич аз болҳои мурғи фӯлодӣ тири пулемёт монанди рег мерехт. Душман роҳи гурезро пеш гирифт. Мо боз шашкаҳои худро кашида аз паи душман – аз паи Махсуми Фузайл асп мерондем.

# ШАРАФИ КОР. ҲАЁТИ НАВ ДАР ВАХШ

*Чойлоби баланд дорию пешаш боғ аст,*
*Чашмони сиёҳ дорию дилам доғ аст.*

Дақиқаҳои ба охир расидани яке аз рӯзҳои моҳи июли 1933-юм буд. Нимпораи моҳтоб фурӯ рафт, вале субҳ то ҳоло надамидааст. Ситораҳои дурахшони осмони болои дашти васеи Вахш дар болои моҳи фурӯ рафта истода заминро хело равшан нишон медиҳад...

Боғҳо ва қаторҳои дарахтзори майдони васеи пахтазор, дуртар аз онҳо пайколҳои сабзавот, бӯстонҳо ва ғайра дар шаби равшан чун манзараи аҷиб ба назар менамоянд. Овози шарах-шарахи баргҳои дарахтони ҷаворимакка, ки дар як тараф монанди ҷангал менамоянд, ба гӯш мерасад. Дуртар аз майдонҳои кишт ва боғҳо аз байни ҷангалзорҳо овози шағол монанди нолаи модаре, ки гӯё фарзандашро зери хок кардааст, шунида мешуд...

Аз канали васее, ки аз пушти хонаҳои колхози «Ҳаёти нав» мегузарад, чандин шохобаи дигар аз зери дарахтони пушти сохтмон ва биноҳои қишлоқи колхоз ва майдонҳо гузашта паҳн шуда меравад. Шӯълаҳои ситорагони осмон ва дар айни замон ба ҳар тараф давида ғоиб шудани онон, дар ҷӯй ва кӯлчаҳои оби байни пахтазор ба хубӣ намуда меистанд. Аз сари яке аз сарҷуйҳое, ки об аз он ба ҷӯйҳои майдаи пахта тақсим шуда меравад, шӯълаи каланде пасту баланд шуда меравад. Ин шӯълаи каланди Одина-саркор – аъзои колхози «Ҳаёти нав» буда, ба шӯълаҳо ва манзараҳои

имшаба омехта шуда истодааст. Болотар аз қатори дарахтоне, ки ҳудуди замини колхози «Ҳаёти нав»-ро аз колхози ҳамсояи онҳо ҷудо мекунад, овози ғулғуланоки чанд нафар рафиқон шунида мешавад. Пеш-пеши пои онҳо саги алое ба ҳар тараф давида шӯхию бозӣ мекунад. Онҳо низ аз бригадирон ва аъзоёни колхози ҳамсояи «Ҳаёти нав» буда, монанди Одина-саркор барои об додани кишти пахтаи худ аз хоб мондаанд. Онҳо аз байни пахтазор шариконии худро ҷамъ карда, ба тарафи сарбанди канали об омадаанд.

Об аз сарҷӯй равон гашта, ба ҷӯйҳои байни кишти пахтаи Одина-саркор медарояд, бо байни ниҳолҳои пахта поён меравад. Субҳ низ кам-кам наздик шудан гирифта, ҳаракати ба ҳар тараф парида аз назар ғоиб шудани ситорагон кам мешуд Наздик шудани субҳ аз ин ҷо ҳам тез ҳис карда мешуд, ки моҳи ба як карч харбуза монанд ба пушти кӯҳи Бобутоғ ғуруб намуда, домани осмон аз тарафи шарқ каме равшанӣ пайдо карда буд.

Акнун аз шаббода навозишкорона ҷунбида истодани ниҳолони пахта ба хубӣ дида мешуданд ва сафедии гулҳо ва ғунчаҳои нав шукуфта, инчунин кӯракҳои нав баста истодаи пахтаи мисриро ба хубӣ ҷудо карда метавонистем.

Дар ҳамин вақт аз хонаҳо ва чайлаҳои ҳавлиҳои колхоз овози борики думболадори мурғҳо низ пайдарҳам баланд шудан гирифтанд. Саркор худ ба худ «Шаб қариб ба охир расид» гуфту ҷӯйҳои об мондаашро боз як бор дида баромад. Маълум шуд, ки майдони пахтаро ин шаби дароз об дода шудааст.

Саркор аз кори обдиҳии имшабааш хурсанд шуда буд. Вай обро аз сарбандаш ба тарафи сабзавот гардонида ва ба тарафе ки ғул-ғулаи одамони номаълум шунида мешуд, рафтан гирифт.

Дар пеши дарвозаи канали об, ки дар зери дарахтзор воқеъ шуда буд, саркор ба аъзоёни колхози «Осудаҳол» салому алейк кард. Оби ҷӯе, ки аз канали Магистралии сохтмони Вахш чудо шуда меомад, ба назар зиёдтар менамояд. Аз ин мушоҳида мешавад, ки об гоҳе аз болои табақаи дарвоза ҳам гузашта меояд.

– Ҳа! Саркор, шумо ҳам дар ин ними шаб ҷона азоб дода гашта будед-дия? Бағали гарми зана монда одам дар ҳамин шаб аз паи кори пахта мегардад-мӣ? – Овози ҳазломези Зокирбой – аъзои колхози «Осудаҳол» шунида шуд. Вай боз шӯхиомез ва хандон-хандон илова кард? – Ё ки ҳамин сол ҳамаи заводу фабрикаҳоро аз пахта пур карданӣ ту, саркор! Маълум мешавад, ки маззахӯрак шудй-дия, ба даври ҳукумати Николай пахта ва меҳнати туро ду пул ҳам намехариданд, он вақт ту дар ин шабҳо саргардон ҳам намешудӣ-куя, саркор?! – гӯён қаҳ-қаҳ зада хандида фиристод.

Саркор ба гап ҳамроҳ шуд.

– Ту чӣ, шабона аз паи об додани пахта дасту остин бар заданат аз барои чӣ? Аз ин шабона об мондани пахта ту ҳам ягон фоида бурдагистӣ, ки бағали гарми келинхолаамро партофта, дар ин ҷо ба китф каланд монда дар байни пахтазор сайёди сайд гумкарда барин ба ҳар тараф ҳаллос зада гаштаӣ?! – Вай боз гапашро давом дод. – Агар дар он вақтҳое, ки пахта ба об бисёр талабгор аст, ман бағали янгаатро бӯй карда мехобидаму аз паи ин намегаштам, дар соли гузашта аз тарафи ҳукумат – се бор мукофотонида намешудам ва ё ин ки монанди колхозчиёни «Ситораи Сурх» «План пур нашуд, аҳвол бад шуд» – гӯён пушти сарама хорида мемондам-дия. Баръакс, ин меҳнати иншабаи ман ҷогаҳи хоби маро гармтар, ҳаёти манро бо зан ва бачаву качаам ширинтар ва осудатар мекунад-ку!

Зокир «ҳо бале» гуфту боз илова кард!

– Шарафи ҳамин меҳнат аст, ки ту ҳозир бригадир ва болонишини колхози «Ҳаёти нав» шуда мондӣ-дия. Ҳукумат ҳукумати меҳнатдӯстон аст. Ҳар қадар, ки меҳнат кунем, ҳамон қадар мо бо шараф, ҳар қадар меҳнат кунем, ҳамон қадар мо осудаҳол, ҳар қадар меҳнат кунем, ҳамон қадар мо дар байни омма обрӯнок шуда истодаем. Ин айнан орзӯи мо буд. Ё немӣ, Одина саркор? Дар ёдат ҳаст, вақте ки дар заводҳои Фарғона 20-30 пудӣ бори вазнинро пуштора карда, заҳматҳо кашида меомадем, дар болои меҳнати кашидаамон намояндагони амирони Манғити Бухоро ва амалдорони қишлоқамон ҳосили меҳнатамонро якяк гирифта, боз миннатдор ҳам намешуданд. Рафиқ Садриддин Айнӣ дар китоби «Саргузашти як тоҷики камбағал ва ё Одина» ҳақиқат рост гуфтааст, ки Одина барин камбағалҳо қурбони зулм ва тааддии ҳамон давр шуданд. Мо ҳамон дохундагони дирӯзаем, ки меҳнатҳои бисёре мекашидему як бурда нони сериро намедидем.

*Мо камбағалонем, ба ҳар гуна баҳона*
*аз дасти замона*
*Ҳар тири ситамро, ки ҳамегашт равона,*
*будем нишона.*
*Мо камбағалонем, ки осуда нагашта*
*дар аҳди гузашта,*
*Гаштем басе дар ба дару хона ба хона,*
*ҳам сар-сариёна.*

Равшании субҳ торафт зиёд шудан гирифт. Ҷои қатраҳои оби лойолуде, ки дар вақти обдиҳӣ ба синаи лучи саркор ва ҷабини вай паридаанд, акнун равшан дида мешаванд. Вай баъд аз чандин ҳазилкашӣ бо кол-

хозчиёни ҳамсоя каландашро бардошта аз байни бӯстон ва чуворипояҳо гузашта ба тарафи ҳавлиаш омад.

Дар он тарафи чорбоғ чайлаи баланди пешаш мевазор ва дарахтзор воқеъ гашта буд ва дар пеш барои исти ҳайвонҳо оғиле дошт, ки аз он хурраси ду гови корӣ, модагов, чандин сар моли майдаи саркор ба гӯшҳо мерасид. Саркор бо овози хурсандона ғазалро зам-зама карда меомад.

*Чойлоби баланд дорию пешаш боғ аст,*
*Чашмони сиёҳ дорию дилам доғ аст.*

Гулъизор бо овози шавҳараш аз хоб бедор шуда, «додош» гуфта монд. Саркор ба овози Гулъизор як «ҳа» гуфту баъд ба тарафи иморатҳои дигар гузашта рафт. Вай каланди китфашро ҳатто ба замин нагузошта анбор ва молхонаи колхозро аз назар гузаронида омад,

Вай хабар гирифтани моликияти колхозиро барои он лозим донист, ки ҳамон рӯзҳо душманони синфӣ, аз як тараф, барои зарба додан ба кори колхоз ҳар гуна ҳилаҳоро пеш бурда истода буданд, аз тарафи дигар, рӯзи гузашта дуздида шудани чандин гови кории колхози ҳамсоя хаёли вайро парешон сохта буд. Вай зери лаб «ҳама хомӯш аст» гуфту аз пеши чойхонаи сурх гузашта ба тарафи хонааш омад. Чойхонаи сурх низ хомӯш буд, фақат аз болои кати лаби ҷӯй хуррокашии чойхоначӣ ба гӯш мерасид.

– Қодир, – гӯён чеғ зад ӯ. Чойхоначӣ бо як саросемагӣ милкҳои чашмонашро бо кафи дасташ молиш дода сар бардошт.

– Асбобу анҷоми чойхонаро саранҷом накарда дар лаби ҷӯй хоб рафтанат нағз нест. Як чиз гум шавад, ту

ба ҳамаи мо хиёнат кардагӣ мешавӣ. Баъд аз ин кравотатро ба пеши дари чойхона наздик монда хоб кун. Ҳозир бархоста самаворро олов мон, субҳ дамид, колхозчиён мехезанд, чой бояд тайёр бошад, – гуфту саркор ба ҳавлиаш даромада рафт,

– Гулъизор, азизам, шаби дароз танҳо мондӣ? – бо ғояти меҳрубонӣ пурсид ӯ аз ҳамсари худ ва назди ӯ рафта нишаст.

* * *

Бегоҳӣ, яке аз рӯзҳои охири моҳи август бо иштироки фаъолон ва комсомолон маҷлиси правленияи колхози «Ҳаёти нав» даъват карда шуда буд. Дар ин ҷо аз қабили таҷрибакорон ва фаъолони колхоз Одинасаркор низ иштирок мекард. Дар маҷлиси правления дар бораи ба даст овардани ҳосили баланди пахта ва роҳбарӣ ба кори бригадаҳо мубоҳиса тасфида рафта буд.

– Мувофиқи қарори шӯъбаи сиёсии МТС барои бригадае, ки аз ҳар гектар замин 25 – сентнерӣ ҳосили пахта ба даст меоварад, мо бояд барои мукофот як модагови ҷӯшоӣ ва 3000 сӯм пул муайян кунем.

Ҳозир вақти пахтасупорӣ омадааст, натиҷаи кори ҳеҷ кас маълум нест. Вале аз рӯи ҳосилбандии ниҳолҳо ва вазъияти пахтазори бригадаҳо муайян кардан мумкин аст, ки ба мукофот кӣ мансуб мешавад...

– Пас кӣ номзади ин мукофот мешавад?

Яке аз иштироккунандагон чунин фикреро баён кард, ки бригадаи Ҳоҷибой ба ин гуна мукофот меарзад.

Раиси колхоз Исмоил – ака ба ин сухан зуд ҷавоб гардонд.

– Бригадаи Ҳоҷибой имсол фақат дар заминҳое, ки солҳои гузашта канда шуда ва барои кишти пахта тай-

ёр карда шуда буданд, пахта киштааст. Вале чор бригадаи дигари колхоз заминҳои нави пур аз ғумой, ачриқ ва қамишро канда пахта кишт кардаанд. Меҳнати ин бригадаҳои пахтакор нисбат ба дигарон вазнинтар ва сахттар буд. Бо вуҷуди он ки замини бригадаи Одина-саркор дар колхоз ҷои бадтарин ва сахттарин мебошад, пахтаи вай аз дигарон беҳтар аст, ки бадтар нест.

Аз байн садоҳои дуруст аст, дуруст аст! баланд шуданд.

Дар ҳамин ҷо ба мукофоте, ки шӯъбаи сиёсии МТС-и райони Колхозобод муайян карда буд, Одина-саркор номзад шуда монд. Баъди инро тасдиқ кардани маҷлиси правления Одина-саркор аз ҷои худ бархоста чунин гуфт:

– Ҳанӯз барои гирифтани ҳосили баланди пахта бисёр кор кардан зарур, душвориҳо дар пешанд, каланди панҷумро, то мумкин аст, дар шакли ба замини пахта кашидани ҷӯяк гузаронидан, обёрии дуюм ва сеюмро мувофиқи талаби пахта дар вақти ба худ ба хубӣ гузарондан даркор аст... Ҳосили фаровонро фақат обёрӣ ва каланди дурусти дар вақти худ гузаронида шуда таъмин менамояд... Забони пахтаро ёфта, дониста, сонӣ дар ин бора гуфтугӯ кардаи лозим меояд. Агар бо забони вай дуруст гуфтугӯ кардан тавонед, дар он вақт шумо ҳар қадар ки ҳосил хоҳед, гирифтан мегиред... Ман правленияро бовар мекунонам, ки на танҳо 20, балки ба гирифтани 25 – сентнерӣ пахтаи маҳиннах муваффақ мешавем... Ин иҷро шуданист ва албатта иҷро мешавад...

Суханҳои Одина-саркорро аҳли маҷлис бо чапакзаниҳои дуру дароз пешвоз гирифтанд.

Одина-саркор, ҳангоме ки аз идораи правленияи колхоз баромада ба тарафи хонаи худ мерафт, бисёр

хушҳол буд. Вай сурудҳоеро, ки ҳар вақт ҳангоми кор ва меҳнати худ мехонд, тараннум мекард.

*Эй куртасафед, ман яминат бошам,*
*Дар гандуми сабз ман заминат бошам.*
*Дар гандуми сабз даравгарон бисёранд,*
*Ман марди фақири хӯшачинат бошам.*

* * *

Қариб як моҳ гузашт. Дар заминҳои колхози «Ҳаёти нав» кор ҷӯш мезад. Ғунучини пахта дар ҳама ҷо сар шуда, бо суръат давом мекард. Вақте ки Одина барои чидани пахта ба саҳро мерафт, рафиқаи вай Гулъизор низ ба кор рафта баробари вай пахта мечид. Онҳо пахтаро чида қанорҳоро аз пахта пур мекарданд. Одина-саркор дар ин чо низ рубоии зикрёфтаро аз мағзи ҷон месароид. Ҳамон вақт аз тарафи дигари чинакчиён як ҷавони баландқомат, ки вай комсомоли зарбдори колхоз буд, рӯи худро ба тарафи Одина-саркор гардонида хандаомез ин тавр гуфт:

– Ҳозир вақти хӯшачинӣ не, саркор-ака! Вақти пахтачинӣ аст, о, шумо шеъри «Чинакчиён»-ро хонеддия!

– Ҳо, рост гуфтӣ, Хоркаш. Ҳамон шеърро ту як-ду бор бихон, то ин ки ман ҳам ёд бигирам. Ман, агар онро медонистам, пеш аз гуфтани ту месурудам.

Хоркаш дар байни анбӯҳи пахтачинон бо як овози дилкаше шеъри чинакчиёнро мехонд. Ҳама дар зери овози дилхуши вай пахта мечиданд ва ба қанорҳо меандохтанд.

Бригадаи Одина-саркор ҷамъоварии ҳосили пахтаро низ пеш аз ҳамаи бригадаҳо тамом кард. Ин бригада аз ҳар гектар замин ба давлат 26-сентнерӣ пахта дод.

Бригадаи Ҳоҷибой ақиб монд, бо вуҷуди он ки замини ин бригада беҳтар буд, вай аз ҳар гектар аз 13 сентнер зиёдтар пахта гирифта натавонист.

Дар сӯҳбате, ки дар чойхонаи сурх бо ҳамроҳии агрономи қишлоқ ташкил шуда монд, ин масъала ба миён омад:

– Чаро замин як, офтоб як, гов ва қувваи корӣ як – ҳама баробару ҳосилоти гуногун?

Инро худи Одина-саркор таҳлил карда дод.

– Барои ҳосилот ғамхорӣ кардан даркор аст. Забони пахтаро дониста, дар вақти худ кишт намудан, дар вақти худ каланд кардан, об додан ва бе талаф чида гирифтан даркор аст. Дар боду ҳаво ва офтоб ҳеҷ айб нест. Бригадаи Ҳоҷибой барои ин ақиб монд, ки вай меҳнати содиқонаро дуруст ташкил карда натавонист ва барои ғунучини ҳосили баланд ғамхорӣ накард.

* * *

Яке аз рӯзҳои охири моҳи сентябр чойхонаи колхози «Ҳаёти нав» фавқулода зинат дода шуда буд. Дар ду тарафи наҳри аз сохтмони Вахш меомадагӣ рафтуой, ғулғула ва ҷунбиши аз одат беруни мардум ҳис карда мешуд. Дар пеши айвони чойхонаи «Сурх» дар ду сутуне, ки аз ду тарафи чойхона рост кардаанд, шиори: «Мубориза барои пахта, мубориза барои сотсиализм аст» – бо ҳарфҳои дурахшон навишта ва овехта шудааст. Дарун ва беруни чойхонаи «Ҳаёти нав» ҳақиқатан як манзараи ҳаёти нави сотсиалистӣ дошт. Офтоб оҳиста-оҳиста фурӯ рафта, вале ҳанӯз ғуруб накарда бошад ҳам, чароғҳои электрикии чойхонаи «Ҳаёти нав»-ро дурахшон карданд. Деворҳои пур аз суратҳои доҳиён ва нақшҳои гуногун, каравот ва суфаҳое, ки ба болои онҳо ҳар гуна қолинҳои сернақш

густурда шуда буданд, дар зери рӯшноии чароғи электрикӣ боз ҳам равшантар ва банууртар ба назар менамуданд.

Баъд аз чанд дақиқаи рафтуомад ва ғулғулаи мардум дар чойхонаи сурх хомӯшӣ ҳукмфармо гашт. Имрӯз ба муносибати барзиёд иҷро шудани плани солонаи пахта дар колхози «Ҳаёти нав» ид буд. Ҳамаи зарбдорон ва колхозчиён бо ифтихор ва мамнунии том ба чойхонаи сурх ҷамъ шуда рӯзи хурсандии худро мегузарониданд...

Маҷлиси тӯй ва хурсандии колхози «Ҳаёти нав»-ро раиси колхоз кушода ба намояндаи шӯъбаи сиёсии МТС Ҳошимов сухан дод. Ҳошимов дар бораи муваффақиятҳое, ки имсол колхози «Ҳаёти нав» ба даст овардааст, гап зада, махсусан кори содиқона ва бошарафонаи Одина-саркорро шоистаи таҳсин ва худи ӯро лоиқи мукофот донист. Вай дар охир гуфт:

– Ман таклиф мекунам, ки мукофоти аз тарафи шӯъбаи сиёсӣ муайян кард шуда ба рафиқ Одина-саркор супурда шавад.

Ин таклиф бо мусиқӣ, чапакзанӣ, бо ғулғулаҳои калон пешвоз гирифта шуд.

Зарбдорони дигар низ мукофотонида шуданд.

Шарафи кор Одина-саркорро дар байни мардум бошараф гардонд.

## Мундарича


Маҷид Салим. Дар паноҳи кишвари нур .......... 5
Шӯриши Усмон ................................................ 15
Ман аз ҳеҷ ҳар чизам ...................................... 34
Шестопалов...................................................... 46
Дар бағали кӯҳҳо ............................................ 71
Ҷавонони далер................................................ 91
Шарафи кор. Ҳаёти нав дар Вахш ................ 102



**Алӣ Хуш**

**ШӮРИШИ УСМОН**
*(қисса ва ҳикояҳо)*

Муҳаррири ороиш Р. Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ М. Саидова

Ба матбаа 25.09.2008 супурда шуд. Чопаш 29.09.2008 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 3,5. Чопаш офсетӣ. Андозаи 84x108 1/32. Адади нашр 1200 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а